САДРИДДИН АЙНӢ

# О Д И Н А

Душанбе
2014

https://bikhon.tj/

ББК 84 Тоҷик 7-4

**Садриддин Айнӣ. Одина (повест).**
– Душанбе, 2014, 192 саҳ.

ISBN 978-99947-2-98-38

**https://bikhon.tj/**

*Зи сар бигзашт бе ту оби чашмам*[1]*,*
*Яке аз саргузаштам бе ту ин аст.*

# ҚИСМИ ЯКУМ

## ОДИНА

Одина ба синни дувоздаҳсолагӣ аз падару модари худ ҷудо шуда, ятиму бекас монда буд. Падари Одина камбағалу бечиз буд, ки ғайр аз модагов ба писари сағири худ меросе нагузошт. Баъд аз мурдани падари Одина, ки хонааш дар деҳае аз музофоти Қаротегин[2] буд, қозии он ҷо мулозим ва муфтӣ фиристода моли ӯро тарака[3] кунонид. Ҳаққи таракаи қозӣ, харҷи муфтӣ, хизматонаи мулозим, ошпулии арбобу оқсақол ба маблаҒе расид, ки баъд аз фурӯхта додани гов боз Одинаи сағир аз арбоби деҳа даҳ танга қарздор буд. Бинобар ин, аз забони модаркалони Одина, ки ӯро аз ҷиҳати шавқат ба тарбияи худ гирифта, аз нӯги чарху дуғи худ парвариш мекард, ба ҳузури ноиби қозӣ ба ин мазмун хат (санад) гирифтанд: *«Ман, ки мусаммоти*[4] *Бибиоиша бинти Шоҳмурод ҳастам, аз барои харҷи мурдаи падари набераи худам Одинаи сағир ва-*

[1] Муаллифи эпиграф маълум нест, ки инро Садриддин Айнӣ низ дар нашри 1927 дар гӯшаи рости байт дар қавсайн (…?) – ишора кардааст.
[2] Қаротегин – номи таърихии ноҳияи кӯҳии Тоҷикистон аст, ки ҳавзаи дарёи Сурхоб (болооби Вахш), байни кӯҳҳои Қаротегин, Зарафшону Олтой ва Дарвоз воқеъ гаштааст.
[3] тарака – тақсим намудани моли мерос.
[4] Мусаммот – исм дода шуда, ном дода шуда.



https://bikhon.tj/

*лади Бобокалон аз Арбоб Камол васоятан даҳ тангаи роиҷа[1] қарздор шудам. Аз ҷониби Одинаи сағир ба гардан гирифтам, ки ҳар вақт ӯ калон ва аз дасташ кор меомадагӣ шавад, ба бадали маблағи мазкур ба Арбоб Камоли мазкур хизмат менамояд».*

Бибиоиша Одинаро муддати се сол парвариш карда, дар синни понздаҳсолагиаш ба хизмати Арбоб Камол супурд.

Арбоб Камол 50 сар гӯсфанду буз ва як сар маркбро ба дасти Одина супурда, ӯро ба хизмати чӯпонӣ ва ҳезумкашӣ фамуд.

Одина ҳар рӯз пагоҳӣ аз оғил молҳоро гирифта, ба чаро мебурд ва бегоҳ ҳезумҳои он рӯз аз дараву кӯҳ шикаста ғундоштагиашро ба хар бор карда, рамаро пеш андохта, ба хонаи хӯҷаини худ меовард.

Одина ду сол ба ҳамин тарз хизмат карда, ҳафдаҳсола шуд. Лекин дар муддати ин ду сол аз хӯҷаини худ рӯйи хӯроки серӣ ва пӯшоки дурустро надид. Парчаҳои латтаҳои кӯҳнаву шолҳои даридаро аз роҳ ва аз даруни хасрӯбаҳо чида, онҳоро бо ресмонҳое, ки аз пашми гӯсфанду буз, ки дар вақти чаронидан метофт, дӯхта ба пушти худ андохта, номи инро «ҷома» мениҳод. Чармҳои пӯсидаро бо сардӯз ба пойи худ печонида, номи онро «чоруқ» ё ки «мукӣ» мегуфт, талқону қурутҳои кирмзадае, ки ҳар рӯз аз тарафи Арбоб дода мешуд, он ҳам на ба қадри серӣ бо

---

[1] Танга – воҳиди пулиест, ки аз тилло, нуқра, мис, никел, алюминий… сикка зада ҳамчун воситаи хариду фурӯш истифода мешавад. Қурби танга дар ҳар давра мухталаф аст. Дар асри XIX дар аморати Бухоро як тангае, ки аз нуқра сикка зада мешуд, ба 15 тин ва дар хониҳои Хӯқанду Хева як танга ба 20 тини Русия баробар буд. Тангаи роҷиа – тангаи эътиборнок, тангаи дар хариду фурӯш ба кор раванда.



https://bikhon.tj/

беххои гиёҳи кӯҳӣ таоми пагоҳӣ, пешину бегоҳии ӯ ба шумор мерафт.

Бечора Одина бо ин ҳама сахтиҳо аз хӯҷаин ягон бор забони хуше ва рӯйи кушодаеро надид, балки ҳар вақт ки ба ӯ рӯ ба рӯ мешуд, бесабаб ҷанг, дашному ҳақорат мешунид. Арбоб Камол агар аз ҷойи дигаре ва ба сабаби дигаре хашмгин шуда бошад ҳам, дили худро ба дашном додани Одина холӣ мекард ва кинаи дигаронро аз ӯ мекашид. Масалан, як қарздораш қарзи худро дар сари ваъда ба ӯ надодааст, Одина ҳақорат мешунид, ё роҳи Самарқандро барф гирифта гузаронидани гӯсфанд ба он тараф кам ва ин сабаб дар Қаротегин нархи чорпо арзон мешуд, Одина сазовори дашном мегардид.

Агар баногоҳ кӯтоҳие аз Одина сар мезад, агарчи ин кӯтоҳӣ бе ихтиёри ӯ шуда бошад ҳам, Арбоб рӯзи равшанро ба чашми ин бечора шаби торик мекард.

Рӯзе аз рӯзҳои баҳорон кӯҳистон бо вазидани бодҳои баҳорӣ аз фаровонии сабзаи навхез монанди дарёи пуроб мавҷ мезад, мавҷҳои сабзагиро танҳо харчангҳое, ки ҷо–ҷо аз камари кӯҳ барҷаста истода буданд, халал мерасониданд. Лекин ин гуна сангҳо бо вуҷуди нотарошидагӣ, азбаски ба сабаби боронҳои баҳорӣ покиза ва мусаффо шуда буданд, дар ҳусну зебоии сабзазор меафзуданд. Агарчи барфҳои камарҳои кӯҳ аз таъсири офтоби баҳор кайҳо об шуда, ба ҷойи барфи сафед гиёҳҳои кабуд рӯйида буданд, вале қуллаҳои кӯҳ ҳанӯз кулоҳҳои сафеди худро аз сар бадар накарда буданд, ки ин ҳол низ ба чашми бинанда олами дигареро ҷилвагар мекард.

Қуллаҳои кӯҳ натанҳо бо кулоҳи барфини худ манзараи хушнамоеро ҷилва медод, балки бо ҷӯйчаҳои



https://bikhon.tj/

пуробе, ки аз хазинаи чандинсолаи худ кам–кам мебахшиданд, дар камару доманаҳо ҷӯйборҳо равон карда, ҳусну зебоии ин марғзорро яке бар сад меафзуданд.

Шумо гумон накунед, ки ин ҷӯйборҳо ҷӯйҳои калон ва обҳояшон ғурришдори ғалтон бошанд. Не! Мо аз тангии иборат ба ин ном ёд кардем, вагарна паҳнобе буд, қадаш аз қомати сабза ва себаргаҳои навхезе, ки дар роҳи ҳаракати ӯ рӯида буданд, баландӣ надошт ва садои ҳаракаташ аз овози зангӯлаи симини сари зулфи симбарони нозукхироми тоҷик тафовуте намекард. Зеро ин тамошогоҳе, ки ба шумо нишон доданашро хоҳонам, ки нишеби бисёр нишеб ва на ҳамвори тамом ҳамвор буд, балки дар ҳақиқат ин ҷо ҳамвор буд, лекин чун муҳбубаи шармгине, ки нахост ба пеши назари ошиқи худ рост омада аз ҳаё сари худро андаке хам медорад, як сараш ба нишебӣ майлон дошт. Тобистон, ки дар ҳамчунин ҷойе об, хусусан кам бошад, бисёр ба паҳниву оромӣ равон мешавад ва қуввате намеёбад, ки сангрезаҳову хоку хошокҳоро аз роҳи худ ғелонда барои худ роҳи чуқуре тайёр намояд. Сабзаву себаргаҳое, ки мо онҳоро ҳамқадди ин оби нозукхиром шумурдем, аз вазиши боду равиши об ҷунбиши бисёр нозук пайдо карда, гоҳе ба таги об ва гоҳе бар рӯйи он бозӣ мекарданд, ба тарзе ки бинанда гумон мекард: об болои сабзаву себарга, сабзаву себарга болои об ғел мезананд, ё ҳукм мекард, ки сабзаю себарга барои бӯсидани рӯйи об ва об барои шустушӯ кардани сару рӯйи сабзаю себарга дар ҷавлон аст.

Одинаи мо, ки ҳеҷ гоҳе чашмаш аз ашки ятимӣ хушк нашудааст, рамаи худро ба чаро сар дода, имрӯз танҳо дар ин тамошогоҳи табиат худро аз ҳама ғаму



https://bikhon.tj/

кулфат фориғ ва дилашро аз андешаи ҷафоҳои Арбоб Камол холӣ дида, ба болои тахтасанге баромада, якпаҳлӯ хобида дар дарёи бехудии тамошо ғарқ шуда буд, ба андозае ки, ғам чист, алам кадом аст, ба хотираш намегузашт. Агарчи гоҳо «как…как…»-ҳои кабки дарӣ, ки аз теғаҳои дурдасти кӯҳсор ба гӯшаш расида, ӯро аз олами бехудии тамошо андаке ба худ меовард, вале худи ин ҳол ҳам як олами тамошои дигар буд. Дуруст, гоҳо порчаи абри сиёҳ чун чини доимии ҷабини Арбоб Камол намудор шуда, рӯйи офтобро гирифта оламро ба назари Одинаи бечора тираву торик мекард, лекин фурсате нагузашта офтоби оламтоб ба кӯшише, ки духтарони Шарқ кӯшиши пардаи сиёҳро аз рӯйи худ хоҳанд андохт, аз зери абри сиёҳ баромада ба олам равнақу шукӯҳи дигар медод.

Одина дар болои тахтасанг гоҳ ба ин паҳлӯ, гоҳ ба он паҳлӯ ва гоҳе пуштнокӣ ёзида оқибат хобаш дарра-буд, дигар надонист, ки рама куҷо рафт, маркаб чӣ кард ва ҳезум чӣ шуд?

Бузу гӯсфандоне, ки пас аз сер шуданашон дар атрофи нигаҳбони худ ҳалқа зада хобида буданд ва хӯрокҳоеро, ки аз аввали рӯз то ҳол бо як ҳирси ҳайвонона ба шиками худ ҷой кардаанд, ба «кавша» кардан машғулӣ доштанд, баъд аз соате шиками худро қадре холӣ дида боз дар пайи бараандӯзӣ афтоданд ва ба талаби гиёҳҳои тару тоза ба ҳар тараф пароканда шуданд.

Поёнтари ин ҳамвории ба нишебӣ моил, ки мо ҳанӯз аз тамошояш сер нашудаем, дараи чуқуре буд, ки девораи он то канори ҳамворӣ, аз зер ба боло гӯё ки рост баромада буд. Бузе ҳамроҳи гӯсфанде дар вақти чаридан то сари девори табиии ин дара омаданд. Но-



https://bikhon.tj/

гоҳ чашми буз ба буттаи гиёҳе афтод, ки дар поёнтари ин баландӣ аз буни санге раста, монанди як банд алафи юнучқаи кӯрпа ҳим–ҳим петофт. Бузи гуруснačашм, ки дар устоӣ ва маҳорати худ дилаш пур буд, худро якбора ба тарафи он гиёҳ андохта ва ба як ҳаракати чолокона ду пойи пеши худро дар буни санг банд карда, бо иштиҳое, ки гӯё дар ин наздикиҳо чизе нахӯрдааст, ғирич–ғирич карда, бунчаҳои гиёҳро бо дандонаҳои арравори худ буридан гирифт. Гӯсфанди бечора, ки он қадар ҳарис нест ва ҳеҷ гоҳе барои хӯрок худро дар таҳлука наандохтааст, лекин аз он ҷо, ки дар роҳ рафтан ва истодан ҳамеша бузро пайравӣ мекунад, бе ҳеҷ андешае ин низ худро аз паси буз ба поён партофт. Аммо дар ин пайравӣ на то ба ҷойе, ки буз истодааст рафта истод, балки вақте ки кӯр–кӯрона худро ҳаво дод, пояш ба ҷое банд нашуда муаллақзанон то ба қаъри дара рафт.

Ҳар сангеро, ки дар аснои ғалтидани худ бархӯрда аз ҷояш беҷо мекард, ин санг низ ба санги дигаре бархӯрда ӯро дар ҷунбишу ҳаракат меовард. Ба ҳамин тариқ, аз расидани санге ба санге ғулғулае дар кӯҳсор бархоста буд. Аз тароққо–туруққи ба ҳам хӯрдани сангҳову акси садои кӯҳсор ва рамидани рама аз ин овозаҳои ҳавлангез Одина саросемавор аз хоб бедор шуд ва чашми худро молида ба ҳар тарф назар андохта, воқеаро фаҳмидан мехост. Лекин ин вақт садои ба ҳамдигар бархӯрдани сангҳо хомӯш гашта, танҳо рамида ба ҳар тараф гурехтану давидани гӯсфандон барқарор буд.

Одина аз ин ҳол гумон бурд, ки ба рама гург вохӯрдааст, барои донистани чигунагии аҳвол ором додани гӯсфандонро лозим донист, бинобар ин, «ҳей–ҳей»



https://bikhon.tj/

гӯён ба нармиву оҳистагӣ онҳоро ба як гӯша ғундошт ва ягон–ягон аз назар гузаронда дид, ки як буз бо як гӯсфанд дар миён нест. Гӯсфандон тарсон–тарсон ба тарафи ҷарӣ нигоҳ карда, қад–қад мепариданд. Одина аз ҳол пай бурд, ки ҳар чӣ ҳаст аз он тараф аст. Барои таҳқиқи воқеа рамаро ба ҳоли худ гузошта, худ ба лаби ҷарӣ рафта, ба поён чашм андохт ва дид, ки буз бепарво ба девори ҷарӣ дар буни сангҳо айёрона қадам ниҳода, ҳанӯз саргарми чаридан аст ва чунон ба оромӣ хӯрок мехӯрад, ки гӯё дар дунё ҳеҷ воқеае рӯй надодааст. Одина аз будани буз ба ёфт шудани гӯсфанд умедвор шуда, қадре поёнтар назар андохт ва дид, ки гӯсфанд дар даруни об хобидааст ва сари худро боло бардошта меҷунбонад. Аз ёфт шудани гӯсфанду зинда будани он аз ҳад афзун хурсанд шуда, дар пайи аз ҷарӣ баровардани он афтода, роҳи мусбатеро ёфта, ба даруни дара фуромад ва ба сари гӯсфанд рафта дид, ки ду пойи пешаш шикаста, дунбааш дарида ва чанд ҷойи дигари баданаш низ захмдор шудааст. Ба дидани ин ҳол рӯзи равшан ба чашми Одинаи бечора шаби торик гардид. Дар натиҷаи ин кор чӣ ҷафоҳо аз Арбоб Камол ба худаш расидаро андеша мекард, чӣ кор карданашро намедонист. Ҳоло ҳам хайрият, ки афтодани гӯсфанд дар ҳангоми пур шуда омадани селоб наомадааст, ҳам ба ҷойе афтодааст, ки дар вақтҳои гузаштани сел гирдобгоҳ шуда мондани як ҳавзча дар он ҷо об пайдо шуда будааст, вагарна гӯсфандонро ё сел мебурд ё бо силдами[1] худ ба сангҳои таги дара бархӯрда реза–реза мешуданд.

Одина пас аз ҳайронию ошуфтаҳолӣ ҳуши худро ба

[1] Силдам – вазн



https://bikhon.tj/

сар овард, аз тамом барҳам хӯрдани гӯсфанд ёфт шудани ӯро, агарчи маиб ҳам бошад, беҳтар шумурда аз почааш гирифта кашолакунон аз роҳе, ки фуромада буд, боло баромад. Лекин хотираш аз тарафи Арбоб Камол ҷамъ намуд ва медонист, ки монанди Арбоб Камол як нобакор ин воқеаро бо як ҳақорат ва дашноми муқаррарӣ нахоҳад гузаронид: оё бо кинаи гӯсфанди маибшудаи худ дасту пойи ӯро хоҳад шикаст, ё баданашро бо корд чок намуда, намак хоҳад ҷо кард ва ё бо тариқи дигаре, ки монанди Арбоб Камол як сагдили хунхореро сазовор аст, ҷазо хоҳад дод?!

Одина ба ҳамин гуна фикрҳову андешаҳо аз даҳшат ба даҳшат меафтод. Як вақт ҳушёр шуд, ки рӯз бегоҳ шудааст, ғайр аз ба хонаи хӯҷаин рафта ҳар чӣ, ки шуданӣ аст, дигар чорае надошт. Ҳезумеро, ки аввали пагоҳ чида монда буд, ду баст карда ба хар бор кард ва ба ҷойи сарборӣ ба сари ҳезум гӯсфанди маибшударо гузошта бо чилбуре маҳкам барбаст. Харро пеш андохта, рамаро аз дунболи он ронда, раҳи хонаро пеш гирифт. Ҳар қадар, ки ба хона наздиктар мешуд, тапиши дил ва ларзиши дасту пояш зиёдтар мегашт.

Оқибат ба худ андеша кард, ки Арбоб Камол ҳар чӣ кунад, аз куштанам зиёдтар кор карда наметавонад, аз ин зиндагие, ки мегузаронам, мурдан ҳазор бор беҳтар аст. Пас, чаро ин қадар метарсам, чаро мурданро ба хушиву шодмонӣ пешвоз намегирам?

Дар натиҷаи ан муҳокима дилаш қадре ором гирифт, дасту пояш қувват пайдо кард ва ба дари хонаи хӯҷаин ҳам омада расид. Аввал гӯсфанди маибро аз хар фуроварда, ба таги деворе гузошт, ҳезумро фуроварда, дар таги собот ниҳод ва рамаро ба оғил даровард.

Арбоб Камол аз занг задани хар омадани рамаро



https://bikhon.tj/

фаҳмида ошеро, ки хӯрда истода дуд, нимкора монда берун баромад ва ба одати ҳаррӯзааш бузу гӯсфандонро ягон–ягон аз назар гузаронид, ҳамин ки дид як гӯсфанд нест:

– Одина! Шишаки сиёҳ куҷост? – гуфта фарёд кард.

– Ана ин ҷост, – гуфта Одина ҷавоб дод.

Арбоб Камол:

– Падарлаънат! Ин модар бахатоиро аз кӣ ёд гирифтӣ? Ҳамоно ин гӯсфандро дуздидан мехостӣ, ки ба оғил надароварда дар берун гузоштӣ, занам, ки сию ду дандонат ба ҳалқат фурӯ равад!.. гӯё ба сари гӯсфанди маиб рафт ва онро ба он ҳол дида, якбора шӯриду ба Одина нигоҳ карда:

– Бигӯ ин чӣ ҳол аст? – гуфта бонг мезад ва ба ҳар чизе, ки ба даҳонаш меомад, ӯро дашном медод.

Одина воқеаро ҳикоя карданӣ шуда «ман… ҳезум.. чинӣ…» гуфта забонаш гирифта-гирифта сухан сар карда буд, ки Арбоб маҷоли гап задан надода, монанди шағоли гуруснае, ки ба тарафи Одина ҳуҷум карда ва сангеро аз замин бардошта чунон ба сари Одина зад, ки сараш торс кафида худаш ба замин афтод.

Бо ин қадар оташи хашми Арбоб фурӯ нанишаста, Одинаи мазлуми ба замин афтодаро ҳай мезад, ҳай лагадкорӣ мекард, то овозаш мерасид, бонг зада ҳақорат медод. Одина дар аввали шатта хӯрдан як–ду бор «вой мурдам» гуфта бо ҳавли ҷон фарёд карда бошад ҳам, сониҳо бемаҷол шуд ва ёрои овоз баровардан надошт.

Аз шарту шурти шатта, бонг зада дашном додани Арбоб ва аз фарёди мазлумонаи Одина имоми деҳа Мулло Хокироҳ бо ду–се нафар калоншавандагони дигар як ҳодиса воқеъ шуданашро фаҳмида ба ҳавлии Арбоб даромада омаданд.



https://bikhon.tj/

Ин вақт хашми Арбоб қадре паст гардида, худаш ҳам аз задан бисёр монда шуда буд. Ба муносибати омадани аҳли деҳа Одинаро ба ҳоли худ гузошта, пеш аз пурсидани онон ҳикоят сар карду гуфт:

– Ин кӯрнамаки модарсеталоқро бубинед чӣ кардааст? Оши маро мехӯрад, нони маро мехӯрад, пӯшоки маро мепӯшад ва мурдаи падарашро, ҳамаатон медонед, ман гӯрондам, имрӯз рамаро ба сари худ гузошта ба хоб рафтааст, ё ба бозӣ саргарм шудааст, ки ин гӯсфанди шишак дар ҷарӣ ғалтида ба ин ҳол, мебинед, омадааст. Магар ман ҳоло ҳам ҳақ надорам, ки ин ҷувонмаргро бизанам? Не, задан он тараф истад, ба куштан ҳам ҳақ дорам. Як гӯсфанд аз сад чунин сакалту беҳтар аст. Агар шумоён намеомаден то ҳол мекуштамаш. Акнун чораи ин корро худи шумоён, калоншавандагони деҳа ҳастед, бубинед…

Калоншавандагон, ки дар монанди ин воқеаҳо рамузфаҳманд, замири дили Арбоб ба куҷо роҷеъ буданро дониста, ба сари Одина омаданд, захмҳои хуншори ӯро дида:

– Зарар надорад, зарар надорад, як порча намади сӯхта баста шавад, ҳамааш ба ҳам меояд. Ту бачагӣ кардӣ, нодонӣ кардӣ, ин шӯриши Арбоб ба ту ва заданаш туро аз дилсӯзӣ аст, туро «ҳушёр шав, одам шав!» мегӯяд. «Моли муъмин хуни муъмин» гуфтаанд. Ту моли Арбобро талаф кардӣ, гӯё ки хуни ӯро рехтӣ, Арбоб рост мегӯяд, ки ӯ ҳақ дошт ба ин гуноҳат туро кушад. Ҳоло хайрият мо даромада омадем, акнун ба ту насиҳати падаронаи мо он аст, ки дар корҳо ҳушёр бош, моли Арбобро аз они худат барин дониста хабардорӣ кун, падар надорӣ, Арбоб ба ҷойи падари туст!..



https://bikhon.tj/

Калошавандагон рӯйи суханро ба Арбоб гардонда гуфтанд:

– Як бор беақлӣ кардааст, бубахшед, аз хурдон гунох, аз калонон бахшидан аст; аз талаф шудани гӯсфанд ғам нахӯред, илоҷи ин кор осон аст. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки Одина аз шумо қарздор аст, ин ваҷҳ ба дасти шумо васиқа[1] ҳаст. Ин гӯсфанди талафшударо ҳам як чиз нарх мекунем ва дар пушти он санад менависем. Агар умраш боқӣ бошад, Одина хизмати шуморо карда ҳамаи қарзашро адо намуда шуморо розӣ хоҳад кард. Ҳамин тавр нест? – гуфта ба Одина нигоҳ карданд.

Одина ҳам бо ишорати сарҷунбонӣ ғайр аз «оре» гуфтан чораи дигар надошт, ҳатто «ин таҳлука бо ҳамин осонӣ гузашт» гуфта, дар дили худ хурсандӣ ҳам мекард.

Калошавандагон гӯсфандро даҳ танга нарх карда, дар пушти санад навиштанд.

– Ба ширинкомаи ин оштӣ ягон зиёфат хоҳед кард, гуфта хандакунон бо Арбоб хуш бошед намуда, баромада рафтанд.

Арбоб Камол фардои он рӯз агарчи гӯсфанди маибшударо ба қассоб ба ҳашт танга фурӯхт, лекин Одина боз ҳам даҳ тангаи комил қарздор шуда монд.

## ҲИСОБӢ

Гулбибӣ аз падари худ Султонмурод дар синни яксолагӣ ятим мондагӣ буд, то синни ҳафтсолагӣ ба

[1] Восиқа – ҳуҷҷат ва шартномаи расмии хариду фурӯш, доду гирифт. Ризояти қонунии хаттӣ; забонхат.



https://bikhon.tj/

дасти модараш Раҳимабегим, ки холаи Одина буд, парвариш ёфт. Раҳима бегимро ягона муддао ин буд, ки Гулбибиро қадрас карда, ба хоҳарзодаи худ ба занӣ бубахшад, ба ин восита чароғи худу чароғи ҳамшираи худро фурӯзанд.

Лекин Раҳимабегим ба ин орзуи худ нарасида, вафот кард. Дар вақти мурдани худ ягона васияте, ки ба модараш Бибиоиша намуд, ин буд, ки нури чашми ӯ Гулбибиро ба қатори Одина парвариш намояд, вақте ки қадрас шавад, бо Одина ҳамхона кунад.

Албатта, Бибиоиша ин васиятро фаромӯш накард ва шабу рӯз дар пайи ин буд, ки Одина зудтар калон шавад ва аз хизмати Арбоб халосӣ ёфта, асбоби тӯйро тайёр намуда, дар вақти зиндагии ӯ амонаташ (яъне Гулбибӣ)-ро аз дасти ӯ бигирад. Рӯзе Бибиоиша ба Одина гуфт, ки:

– Ҷони модар, солат ба ҳафдаҳ пурра шуд. Ду сол аст, ки ба Арбоб хизмат мекунӣ бояд ба бадали музди хидмати дусолаат ҳақи ҳисоби Арбоб ба ту баробар шуда бошад. Акнун вақти он аст, ки аз хӯҷаини худ рухсат гирифта, дар пайи кори худ шавӣ ва панҷу чоре пасандоз карда, дари хонаи модаратро кушоӣ ва чароғи падаратро фурӯзонӣ…

Одинаро ҳам ягона орзу ҳамин буд, ки ҳарчи зудтар аз дасти Арбоб Камол халос шавад. Монанди дигар ҳамватанони худ ба тарафҳои Фарғона[1] рафта маздурӣ ва ҳаммолӣ намояд. Вақте ки соҳиби як миқдор чизу чора шуд, ба диёри худ бозомада ба духтари холаи худ

[1] Фарғона – яке аз водиҳоест дар Осиёи Миёна, ки дар ҳудуди он қисми вилояти Ленинободи Республикаи Тоҷикистон, вилоятҳои Фарғона, Намангон, Андиҷон, Республикаи Ӯзбекистон ва вилояти Ӯши Республикаи Қирғизистон дохил мешавад.



https://bikhon.tj/

Гулбибӣ ҳамхона шуда, ба хушию хуррамӣ рӯзгор гузаронад.

Аммо чӣ гуна ва ба чӣ роҳ аз дасти Арбоб халосӣ ёфтанро намедонист. Дашномҳо, шаттаҳо, шапалоқҳои Арбоб чунон чашмашро тарсонида буд, ки ёрои сар бардошта ба ӯ нигоҳ карданро надошт. Чӣ ҷойи ҳисоб-талабию рухсатхоҳӣ. Лекин бо вуҷуди ҳама тарсу бим аз супориши модаркалонаш далерӣ пайдо карда рӯзе фурсат ёфта, ба Арбоб матлаби худро изҳор кард.

Арбоб Камол аз шунидани ин моҷаро мисли шери дарранда ғурридан гирифт ва зери лаби худ мегуфт:

– Рухсат… ҳисобӣ… Ин чист?.. Ҳамоно шиками ин модарбахато аз нон сер шудааст.

Паз он чашмашро, ки аз ғояти хашму ғазаб монанди кӯраи оташ шӯълавар шуда буд, ба тарафи Одина андохта гуфт:

– Сакалтуи кӯрнамак! Чиҳо мегӯӣ? Магар кадом зан-сеталоқ туро бероҳа кардааст?.. Ту дониста бош, ки баъд аз мурданат аз дасти ман халос хоҳӣ шуд, боз ту аз таги қарзи ман раҳоӣ намеёбӣ. Рав додатро ба худо гӯй!..

Одина ба камоли адаб сар хам карда ва ба пушти пойи худ назар дӯхта гуфт:

– Модаркалонам мегӯяд, ки…

Арбоб ба Одина маҷоли гапи худро тамом карданро надода, ба сӯяш давид ва чӯбдасти чӯпониро, ки Одина ларзида ба он такя карда истода буд, аз дасташ рабуда ба сараш чунон зад, ки ҷо ба ҷо ба замин фарш шуда, хун аз фарқи сараш монанди нӯл (чӯмак)-и офтоба равон гардид. Ба ин қадар ҳам хашми Арбоб бартараф нашуда, пасу думбол чӯб мезад. Одина аз ҳавли ҷон наъраву фиғон кашида, мардумро ба ёр-мандӣ мехонд. Аммо кист, ба фарёди ӯ бирасад.



https://bikhon.tj/

Арбоб Одинаи бо шатта шалпаршударо дида, ба ҳоли худ гузошта, монанди касе, ки ногоҳ чизе ба хотираш расида бошад, давида ба сари кӯча баромада, ба пеши масҷид рафт, дар он ҷо имом ва чанд нафар каллаҷунбонони деҳаро дид:

– Биёед, бубинед, ки ин чӣ ҳол аст! – гуфт.

– Чӣ гап, чӣ шудааст? – гуфта ҳарчанд аҳли деҳа пурсиданд, Арбоб:

– Биёед, худ бубинед, ки чӣ шудааст, яъне шумо дар ҳаққи ман чӣ кардед? Ин кореро, ки шумо кардед, бояд худатон дуруст кунед! – гӯё мақсади худро равшан накарда онҳоро ба хонаи худ овард.

Вақте ки калонон ба ҳавлӣ даромаданд, Одинаро хоку хун оғушта дида, ба Арбоб гуфтанд:

– Хуб, ту ятиматро задӣ, дар ин кор айби мо чист?

– Шумо набудед, ки харҷи мурдаи падари инро аз ман гирифта додед, шумо набудед, ки дар бадали товони гӯсфанди маибкардааш ба ман хизмат кардани инро мутасаддӣ шуда, аз ман ширинкома хӯрдед. Акнун, ки ин аз ман ҳисобӣ, рухсат металабад, бояд шумо қарзи маро рӯёнида диҳед ва ё чорае ёбед, ки пули ман насӯзад, вагарна ман ҳаққи худро аз шумо талаб мекунам…

Мулло Хокироҳ ба ин ҳама шӯриши Арбоб ханда карда гуфт:

– Ҳамин дардатро нашурида гӯйӣ ҳам мешавад. «Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан» гуфтаанд. Ту ишорат кун, ман ислоҳ кардан мегирам, барои ин ҳамаи моро ба қозихона кашола кардан лозим нест.

Яке аз мӯйсафедон ба Мулло Хокироҳ:

– Биёед, монед, домулло, шумо ҳам як ҷанҷоли дигарро барпо накунед! – гуфту ба сари Одина омада насиҳат кард:



https://bikhon.tj/

– Ту ҳанӯз бачаи нодон хастӣ. Гарму сарди дунёро надидаӣ ва намедонӣ, ки пул аз куҷо мерӯяду чӣ гуна ба даст медарояд. Дониста бош, ки дар дунё пули бекор нест. Ба касе дар муддати дароз қарзулҳасана[1] намедиҳанд. Ҳамон даҳ тангае, ки Арбоб ба мурдаи падарат харҷ кардааст, ҳар моҳе як танга фоида мезояд.

Мулло Хокироҳ сухани мӯйсафедро бурида:

– Фоида нагӯ, танзил[2] бигӯ! – гуфта луқма дод.

Мӯйсафед ба сухани худ давом карда:

– Хуб, – гуфт,– ба қавли домулло гӯем, ҳар даҳ танга ҳар моҳе як танзил дорад, имсол, ки соли панҷуми қарздории туст, аз ғайри тани пул ба ҳисоби фоидаи он…

Ин даъфа Мулло Хокиро сахт шӯрида:

– Гӯш дорӣ? Як ба ту гуфтам, фоида нагӯ! – гуфт.

Мӯйсафеди дигаре ба гап ҳамроҳ шуда ба Мулло Хокироҳ гуфт:

– «Ғараз аз тушбера гӯшт хӯрдан»-гуфтаанд, хоҳ фоида гӯяд, хоҳ танзил, мақсад он аст, ки болои даҳ танга моҳе як танга зиёд мешавад. Барои ин ҷанҷол лозим нест, домулло!

– Чаро лозим нест, гуфт Мулло Хокироҳ, фоида, яъне рибо аст. Рибо[3] дар шариат бешак ҳаром аст; бинобар ин, ҳар гоҳ судхӯрони тақводори[4] Бухорои шариф барои «ҳоҷатбарории мардум» фоида хӯрданӣ шаванд, номашро «танзил» меноманд.

---

[1] Қарзулҳасана – қарзи хуб. Қарзе, ки аз он фоида намегиранд.

[2] Танзил – дар истилоҳоти ҳуқуқии пештара даромаде, ки аз пули қарз додашуда гирифта мешуд.

[3] Рибо – фоидаи пул, ки судхӯрон аз қарздорони худ мегирифтанд; судхӯрӣ, фоидабарӣ.

[4] Судхӯрӣ – касе, ки пулро ба шарти зиёд карда гирифтан қарз медиҳад. Судхӯрии тақводор – сухӯрони парҳезкор.



https://bikhon.tj/

– Худат, гуфт мӯйсафед, судхӯрӣ карданӣ шавӣ, «танзил» гуфта хӯрдан гир. Арбоб мисли мардуми Бухоро тақводор нашудааст ва аз фоида гуфта хӯрдан ҳам рӯй намегардонад. Агар фоида ҳаром бошад, бо номаш «танзил» мондан ҳалол намешавад, хар бор номашро «гӯсфанд» мондан гӯсфанд намешавад. Беҳуда ба ҷойи «фоидаи» аз падару бобо шунида омадаамон сухани номаълум «танзил» – ро овора чӣ мекунӣ?..

Мулло Хокироҳ:

– Ту ҳақ надорӣ, ки ба кори шариат забонрасонӣ кунӣ,– гуфта мехост ба мӯйсафед дарафтад, Арбоб ба мобайн даромада гуфт:

– Домулло! Ин гапҳо ба ин ҷо дахл надорад, биё мон, ислоҳи корро бинем!

Мулло Хокироҳ дигар маҷоли дам задан наёфта, ду дасти худро ба синааш оварда, ба Арбоб нигоҳ карда:

– Хуб, хуб, хомӯш монд; мӯйсафеди ислоҳкор озодона ба сухани худ давом карда гуфт:

– Имсол, ки соли панҷуми қарздории туст, аз ғайри тани пул (сармояи аслӣ) ба ҳисоби фоидаи он аз Арбоб шаст танга қарздор шудаӣ! Соли гузашта аз ваҷҳи гӯсфанди маибшуда низ даҳ данга қарздор шуда будӣ. Ин ҳам моҳе як танга фоида мезояд. Агар Арбоб ҷав–ҷав ҳисоб кунад, фоидаи ҳарсоларо ба тани пул зам карда ба он чиз фоида мезоёнад, ки дар ин сурат қарзи ту аз хунбаҳоят ҳам зиёд мешавад. Бинобар ин, ту паси хаёлҳои фосид магард, ба сухани дӯсту душман фирефта машав, ба иғвоҳои модаркалонат, ки зани ноқисулақл аст, гӯш мадеҳ ва ҷони ҷавони худро дар таҳлука наандоз! Ба як порча ноне, ки Арбобат медиҳад, шукр гуфта ба ҷону дил хизмат кардан гир,



https://bikhon.tj/

ба ҳарфҳои беҳуда ва ҳаракатҳои нолоиқ рӯйи гарми худро сард макун! Ин аст насиҳати падаронаи мо ба ту!

Одина ба сабаби ин воқеа ва аз шунидани суханони «маслиҳатомезонаи» мӯйсафедон хоб буд, бедор шуд ва маст буд, ҳушёр гардид ва ба хубӣ донист, ки рӯйрост, ба хушию хурсандӣ аз ин доми бало халос шуда наметавонад. Бинобар ин, ҳозир як дараҷа аз халосӣ умеди худро канда, то расидани фурсати муносиб расиданро бефоида, балки зараранок дониста, ночорона хизмат кардан гирифт.

## ФУРСАТ

Одина як соли дигар дар ин зиндони бало, яъне хизмати Арбоб Камол, дандон ба дандон истодагӣ мекард. Дар ин муддат ҳеҷ чорае намеёфт, ки роҳи гурезро пеш гирад ва сари худро ба ягон дарёи ғурбат кашида озодона нафас барорад. Дар ин миён воқеае рӯй дод, ки ҳарчанд ба сабаби ин воқеа Қаротегин зеру забар шуд, ба Одина роҳи гурез омода гардид.

Тафсили ин воқеа чунин аст: ширкати роҳи оҳани Бухоро – Тирмиз[1], ки яке аз саҳмдорони калонаш амири Бухоро Олимхон буд, ба фикри ба даст даровардани коргарони арзон афтода аз амир мардикор талаб карда ва ба мардикорони талабгор харҷи роҳу музди

---

[1] Ширкати роҳи оҳани Бухоро – Тирмиз – Ҳукумати подшоҳии рус ба мақсади дар ҷануби Осиёи Миёна боз ҳам мустаҳкам намудани мавқеи стратегии худ қарор мекунад, ки роҳи оҳани Бухорои нав – Тирмизро созад. Сохтани ин роҳи оҳан (Когон – Қаршӣ –Келиф – Тирмиз бо шохаҳои Қаршӣ – Ғузор – Китоб) 19 июни 1914 сар шуда, бо ёрии мардикорони Бухоро, аз ҷумла бенавоёни қаротегинӣ пеш аз мӯҳлат, яъне июни соли 1916 сохта ба истифода дода шуд.



https://bikhon.tj/

кор доданро ваъда намуд. Аммо Олим ин маъноро ба ҳокими Қаротегин, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ яке аз пасмондатарини қаламравҳои Бухорост, навишта аз аҳолии он ҷо дар ин кор фоида бурданӣ шуд.

Ҳоким ин ҳодисаро барои пулёбии худ фурсати ғанимате шумурда мардумро, ки ҳанӯз аз ҳақиқати кор хабар надоштанд, ба зӯру ҷабр ғундошта ба Бухоро фиристоданӣ шуд. Мардум аз ин ҳодисаи ногаҳонӣ дар андешаҳои дуру дароз афтода, барои наҷоти худ чораҷӯӣ карданд. Аз рӯйи одат, дар монанди ин воқеаҳо ягона наҷотдиҳанда пораву ришва буд. Ононе, ки пул ва чизе доштанд, ба ҳокиму шогирдпешагонаш дода халос шуданд ва ононе, ки фақир буданд, лекин ҷавониву қувват доштанд, нафси худро ба ятимии чандсола, ба иборати дигар, ба ғуломии умрӣ ба боёну судхӯрон бадалашро барои ришва пешкаш карданд. Баъзе касон ба фурӯхтани писар ё ки духтари сағири худ маҷбур гардидаанд. Гурӯҳе, ки на пул доштанду на қувват, на зан доштанду на фарзанд ризо ба қазо дода, Бухоро рафтанӣ шуданд. Арбоб Камол ҳам дар навбати худ аз ин воқеа фоида бурданӣ шуда, дар пеши калоншавандагон ба Одина гуфт, ки:

– Ман барои халос кардани ту аз ин таҳлука ба ҳаким сад танга пора додам, акнун қарзи ту аз ман боз вазнинтар шуд, агар то қиёмат зинда бошӣ ва тамоми умратро ба хизмату авлоди ман сарф намоӣ, ҳаққи маро адо кардан наметавонӣ.

Ва ҳол он, ки қиссаи Арбоб тамом дурӯғ буд. Оре, вай ҳам ба ҳоким сад танга пора дода буд, лекин на аз барои раҳоии Одина, балки барои халосии Ибод ном писари бисту дусолаи худаш буд.

Одина аз воқеҳои гузашта ҳушёр шуда, аҳволу



https://bikhon.tj/

феъли Арбоб Камолро хуб санҷида гирифта буд, вагарна ба ҷавоби Арбоб мегуфт:

– Барои раҳоии ман беҳуда заҳмат кашида, пора надеҳ, маро ба ҳоли худ вогузор, ки ба қатори равандагон аз ин диёр биравам, агар натиҷа мурдану ҳалок шудан бошад ҳам, ман розӣ ҳастам. Ҳамин «давлат» маро бас аст, ки аз мурданам пештар аз дасти монанди ту золими нобакор халос шавам.

Лекин аз ин мулоҳизаҳое, ки ба дилаш мегузашт, чизеро ба Арбоб изҳор накард, балки тадбире ба кор бурда, дар зоҳир худро чунон намуд, ки аз ин кирдори Арбоб миннатдору хурсанд шудааст. Аммо пинҳонӣ дар пайи кор ва фикри гурези худ афтод.

Сахтиҳои рӯзгор Одинаи хурдсолро хеле соҳибтадбир ва таҷрибакор карда буд: баъд аз як рӯзи ин гуфтушунидҳо хати роҳи халос шуданро кашида худро бемор нишон дод, ин бозиро чунон ҳунармандона бозӣ кард, ки Арбоб Камол пиндошт, ки имрӯз ё фардо Одина аз дунё хоҳад гузашт. Бинобар ин, ба фарзанди худ Ибод гуфт:

– Писарам! Ҳар чи зудтар як ду нафар ин салмаро[1] ба хонаи модаркалонаш кӯчон! Агар ин ҷо бимирад, харҷи гӯру кафанаш ба гардани мо афтода мурда сад чӯб мешавад.

Ибод ҳамон соат фармоиши падарашро ба ҷо овардани шуда, аз деҳа ду–се нафарро ҷеғ зада, ду чӯбро сароҷа баста ва Одинаи беморро ба болои он хобонида, бардошта хонаи Бибиоиша бурда супорид.

---

[1] Салма – кас ё чизи нодаркорест. Салмаи сақат – чизи дар роҳ афтодаи беистифодаест, ки барои бардошта бурдан ба гардани касе маҷбуран бор кардаанд. Маҷозан одами бефоидаест, ки ба касе часпида гирифтааст ва аз ӯ халосӣ ёфтан душвор аст.



https://bikhon.tj/

Бибиоиша набераи худро ба он ҳол дида соате беҳуш афтод, баъд аз ба ҳуш омадан ба рӯйканӣ ва мӯйкашӣ оғоз кард, ба андозае, ки мӯйи сафедаш аз хуни рухсорааш лолагун гардид.

Одина вақте аз бозгашта рафтани Ибод ва рафиқонаш хотирҷамъ шуд, чашми худро кушода ба модаркалонаш гуфт:

– Бибиҷон! Беҳуда худро ба андӯҳу алам наандоз! Ман дар ҳақиқат бемор нестам, лекин барои халос кардани худ аз дасти ин ҷаллодон тадбире андешида худро бемор нишон додам.

Одина пас аз оне ки қадре дам истод, гуфт:

– Тадбир ин аст, ки ман имшаб сари худро гирифта аз ин деҳа меравам, ту то як ҳафта ин розро пинҳон дор ва ба ҳар касе, маро мепурсад, «сахт бемор аст» гӯй! Баъд аз як ҳафта ба пурсандагон «дирӯз офият ёфта ба хонаи хӯҷаини худ рафт» гуфта ҷавоб деҳ.

Бибиоиша аз шунидани ин воқеаи ногаҳонӣ, ки хабари фироқи доимии ягона фарзанди дилбандашро мерасонид, зор–зор чун абри навбаҳор гириста бетоқатӣ мекард ва:

– Рафтани ту мурдани ман аст, раво мадор, ки дар ин пиронсолагӣ ман ба сабаби ҷудогии ту, гӯё ки ба дасти ту ҳалок шавам, – гуфта навҳаву зорӣ мекард.

Одина бо ҳазор гуна лобаву забоноварӣ модаркалони худро ба сабру шикебоӣ далолат карда гуфт:

– Бибиҷон! Ҳеҷ ғам нахӯр, агар ман зинда аз ин диёр ба саломат биравам, дар андак муддат соҳиби молу кола шуда ба хизмата ту пас хоҳам омад. Дар он вақт Гулбибиро ба ман никоҳ намуда як фарзандатро ду карда ба муроди дилат хоҳӣ расид: гар зиндагист,



https://bikhon.tj/

дида ба дидор мерасад[1], аммо агар бесабриву бетадбирӣ намуда, ба нолаву шева сирри маро фош намоӣ, дур нест, ки аз тарафи ғаним дастгир шавам, дар ин сурат ин нобакор маро дар ин дунё зинда нахоҳад гузошт, воқеаи гӯсфанди маибшуда ва ҳикояи гӯсфанди маибшуда ва ҳикояи рухсатталабии маро аз хотир фаромӯш накарда бошӣ. Аз он ҳодисаҳо ба хубӣ маълум мешавад, ки одамкушӣ дар пеши ин ҷаллод аз гӯсфандкушӣ осонтар аст. Агар сиррам фош гардида, ба дасти ин номарди ғаддор талаф шавам, аз ман абадӣ ҷудо мешавӣ ва баъд аз он пушаймониат ҳеҷ суд намекунад.

Бечора Бибиоиша, ки аз атвору кирдори Арбоб ба хубӣ хабардор буд, аз гуфтугузори донишмандонаи набераи хурдсоли худ дигарбора ҳушёр шуда, заҳри ҷудоии чандрӯзаро ба умеди шаҳди висоли дурру дарози оянда коми ҷони худ гуворо дид ва аз фироқи абадӣ, ки ба сабаби фош гардидани роз ҳамон соат воқеъ буданаш дур набуд, тарсида ба ночорӣ ба сабру худдорӣ тан дардод.

Одина пас аз гирифтани ризои модаркалони худ чоруқи даридаи худро ба по кард. Ба халтае қадре талқону қурутро андохта, тӯшаи сафарро тайёр намуд. Шаб баъд аз фурӯ рафтани олам ба торикӣ кӯлворро ба пушт бардошта, чӯбдасте ба мушт гирифта роҳи Фарғонаро пеш гирифт. Ду пос аз шаб гузашта буд, ба қофилаи мардикороне, ки ба нияти сафари Бухоро ба роҳ баромада ба дарраи кӯҳе хобида буданд ва аз бими

[1] Дар ҷумла мисра аз ин байти Бедил истифода шудааст.
Гар зиндагист, дида ба дидор мерасад.
Боз омадан зи рафтани хуршед дур нест



https://bikhon.tj/

гурехтани онҳо давро-давраашонро шогирдпешагони ҳоким қаровулӣ мекарданд, расид ва худро беихтиёр дар қатори он ғарибони маҷбурӣ андохт.

Шогирдпешагони ҳоким пагоҳирӯз ҳанӯз офтоб набаромада аз хоб бархостанд, аз нон ва яхнӣ, ки барои тӯша бардошта буданд, шикамҳои худро пур карданд. Пас аз он қофилаи мардикоронро ки бисёртарашон пир, мафлуку гурусна буданд, рамавор пеш андохта, ба сӯйи Фарғона ронданд, кадом мардикоре, ки дар роҳ рафтан сустӣ мекард, ба сараш қамчин (тозиёна) ва чӯби ясавулии шогирдпешагон ҳозир буд. Дар ҳақиқат ҳам ин мардикорон ба рамаи гӯсфандон монандӣ доштанд, ё бемор шавад, ронандаи он гӯсфандонро ба хар бор мекард, аммо бемору пасмондагони инҳоро барои пеш рондан мезаданд, то вақте ки дар роҳ мурда монанд.

Қисса кӯтоҳ, гурӯҳе дар роҳ мурда бақия ба ҳолати беморӣ ва нотавонӣ, ки мурдан аз ин гуна зиндагонӣ ҳазор бор беҳтар аст, ба хоки Фарғона расиданд.

Одина, ки ҷавониву қувват дошт, ҳам талқону қурут қути лоямуташ[1] муҳайё буд, дар роҳ ба осебе дучор нашуда аз ин дарёи фалокат ба канор саломат баромад.

Одина чанд рӯзи худро ба диду боздиди ҳамватанонаш, ки баъзе ҳаммоли гурӯҳе қаровулӣ чанде муздуриву мардикорӣ мекарданд, пас аз он бо далолати яке аз онҳо, ки дер боз дар Андиҷон дар заводи пахтатозакунӣ кор мекард, бахшид.

[1] Қути лоямут – хӯроки ниҳоят каме, ки барои зинда мондан зарур аст. Хӯроки аз марг раҳонанда.



https://bikhon.tj/

# ҲИҶРОН

Дар хотирҳост, ки Одина модаркалони худ Бибиоишаро як ранг тасалливу таскин дода, ба сафар баромада буд. Шумо гумон мекунед, ки Бибиоиша бо суханони умедбахшоёнаи Одина ҳақиқатан таскину тасаллӣ ёфта буд. Не! Чӣ гуна ором мегардад як зани муштипаре, ки умраш ба ҳафтод расида бошад, дар дунё ғайр аз як набера каси мардинае надошта бошад, ки дар вақти пиронсолагӣ ӯро даст ба сар намояд, дар вақти бемориаш парастӣ кунад, дар ҳангоми ҷонканиаш ба ҳалқи хушкидаи он об чаконад ва пас аз мурданаш гӯру кафанашро тайёр карда, ба хобгоҳи абадиаш супорад, ин ягона набераааш ҳам як азми сафари дурру дарозе намояд… Кӣ медонад, балки ин набера дар диёрҳои ғарибӣ мемурад? Агар зинда ҳам монад, эҳтимол он аст, ки барои бозгаштан ба ватан харҷи роҳ намеёбад, агар асбоби боз омадан муҳайё гардад ҳам, ин давлат ба чандин сол муяссар намегардад. Гумони ғоиб он аст, ки то он вақт ин кампири ҳафтодсолаи пояш ба лаби гӯр расида ба бекасиву бенавоӣ ҷон медиҳад…

Ин андешаҳову мулохизаҳо хирмани сабру шикебои Бибиоишаро ба бод медод. Баъд аз соате, ки Одина аз хона дур шуд, Бибиоиша хост ҳой-ҳой гириста нолаву фарёд бароварад, лекин аз он ҷойе, ки ин фарёди бемаҳал фош гардидани рози Одина ва боиси гирифториаш мешуд, ночор оҳи сарде аз дили пурдард кашида лаб фурӯ баст. Аммо чунон лаб фурӯ бастане, ки дарунаш аз оташи ҷудоиву фироқ чун кӯраи ангиштгарон аланга мезад. Оре, аз ду чашми хунбораш сиришк равон шуда кӯшиш мекард, ки ин оташро қадре фурӯ нишонад.



https://bikhon.tj/

Аммо чӣ фоида ки:[1]

*Шиддати оташи дил сард нашуд з-оби сиришк,*
*Ин танӯрест, ки андеша зи тӯфонаш нест*

Сухтан кӯтоҳ, Бибиоиша то як ҳафта бе он, ки овозе баланд кунад, чун мӯйи оташдида ба худ мепечид, аз ғайри он ки шӯълаи равшане барорад, чун тӯдаи коҳи ба зераш ахтар гузошташуда дарун-дарун месӯхт:

*Не тоқати он ки сабр орад,*
*Не ёро, ки фиғон барорад.*

Арбоб Камол баъд аз як ҳафтаи бемории Одина, ки дар ин миён аз мурданаш хабаре нагирифт, ба саломатӣ ёфтанаш умедвор шуда писари худ Ибодро гуфт:

– Бирав, аз хонаи Одина хабар гир! Агар зиндаасту қуввати ба по гаштан дорад, биёяд ва рамаро саравонӣ кунад, вагарна зудтар фикре намоем ва дастёре ба даст дарорем, то ки гӯсфандон дуру дароз бе нигоҳубин монда лоғар нашаванд, ҳоло ҳам гӯшту равғани онҳо хеле костааст.

Ибод, мувофиқи фармоиши падар, ба хонаи Бибиоиша рафта аз ҳоли Одина пурсон шуд. Бибиоиша ҳамон ҷавоби сохтаеро, ки Одина дар вақти рафтанаш ба ӯ омӯха буд, ба ёд оварда гуфт:

[1] Ин воқеа соли 1333 ҳиҷри рӯй дода буд – нависанда соли дар Қаротегин мардикориро дар назар дорад. Соли 1333 ҳиҷрӣ ба 12 ноябри 1914 – 8 ноябри 1915 баробар аст. Азбаски амир Олимхон дар оғози сохтмони роҳи оҳани Бухоро – Тирмиз ба он ҷо фиристодани 3000 мардикорро ваъда карда будааст, пас сафари Одина тирамоҳи соли 1914 ба вуқӯъ пайвастааст.



https://bikhon.tj/

– Дар рӯзҳои охир қадре беҳтар шуда, сар аз болишт бардошта буд, ду рӯз шуд, ки ба хонаи шумо рафт, то ин дам дигар барнагаштааст.

Бибиоша ба сухани худ илова карда гуфт:

– Магар ту дар хонаатон набудӣ ва аз ҷойи дигар меойӣ, ки нишонаи Одинаро мепурсӣ?

Ибод ба ин сухан тааҷҷуб карда гуфт:

– Не, ман ҳозир аз хонаи худамон, бо фармоиши падарам, барои пурсиш ва хабаргирии Одина омадам. Аз он рӯзе, ки ба ин ҷо оварда супоридемаш, то ба ҳол ба хонаи мо барнагаштааст. Ба куҷо рафта бошад? Ин воқеа хеле аҷоиб аст.

Бибиоиша вазифаи худро ба хубӣ адо карда буд, рози набераи худро то имрӯз пӯшида дошт ва ҷавоби сохтаро ҳам мавриду камоли ҳунармандӣ дода буд. Акнун ба ошкоро фарёд кашидани ӯ ва дили худро холӣ карданаш монеае намонда буд. Лекин барои нолаву шеван кардан баҳонае даркор буд, ки онро ҳам омадани Ибод ва саволу ҷавоби дар боло навишташуда тайёр карда дода буд.

Бибиоиша худро ба Ибод чунон намуд, ки гӯё то ҳол Одинаро ба хонаи хӯҷаинаш рафта мепиндошт, ҳоло фаҳмид, ки аз Одина дар он ҷо нишонае нест, ба ҳолати модаронае, ки ногоҳ аз гум шудани фарзандашон хабар ёбанд, дар изтиробу беқарорӣ афтода гуфт:

– Ин чӣ мусибат аст ба сари ман? Дар ин ду рӯз ба сари нури дидаи ман чиҳо омада бошад? Агар ба хонаи шумо намерафт, албатта мебоист ба ин ҷо бозмегашт. Магар ба дарае афтода талаф шуд? Ё ки аз нотавонии ӯ фоида бурда гургон дарронидандаш? Ё деве заҳматаш расонд ва ё дар камингоҳе ғаниме будааст, ки аз ӯ интиқом кашид?..Во балам! Во, Одинаҷонам!



https://bikhon.tj/

Во, чашму чароғам! Во, қуввати дилам! Во, рафиқи шаби танҳоиям! Во, парастори шаби бемориам! Вой! Вой! Вой!

Оре, Бибиоиша имрӯз фарзанди худро гум кардааст, боз як ранг гум кардане, ки ба ин наздикиҳо ба ёфт шуданаш умед надорад. Ҳарчанд таърихи мусбати ин аҷузаи нотавон як ҳафта пештар аз имрӯз аст, аммо бинобар сабабе, ки дар боло гуфта шуд, то ҳол роҳи изҳори он баста буд. Имрӯз метавонад дилхоҳи худ рӯйканию синазанӣ намояд. Бинобар ин, Бибиоиша ҳой-ҳой гиряву зорӣ карда, ба мазмуни ин ғазал нолаву шеван менамуд:

*То маро ин нури чашми меҳрубон аз даст рафт,*
*Тоқати тан, сабри дил, ороми ҷон аз даст рафт.*
*Рафт он гул аз назар, ёрои фарёдам намонд,*
*Булбули шӯридаам, ки фиғон аз даст рафт.*
*Дар ҷаҳони бевафо дилбанди ман он буду бас,*
*Рафт дилбандам, сазад гӯям, ҷаҳон аз даст рафт.*
*Рафт то домони ороми дилу ҷонам зи каф,*
*Қисса кӯтоҳ мекунам, гӯё ки ҷон аз даст рафт!*

Ибод, баъд аз он ки соате ин азохонаи ногаҳониро тамошо кард, ба пеши падараш баргашта сурати ҳолро баён кард.

Арбоб Камол, ки дар муддати панҷсола айёми зиндагии худ чандин нафар монанди Одина бечорагони бекасу кӯро бо фиребу найранг ба доми хизматгории худ кашида буд ва бисёртарини онҳо ҳам ба оқибати кор бо гурехтан аз ин доми бало худро халос карда буданд, ба зудӣ ба ҳақиқати ҳол пай бурда донист, ки Одина гурехтааст. Пас ба писари худ Ибод:



https://bikhon.tj/

– Сад ҳайф, ки шикорро муфт аз даст додам, албатта, ин кӯрнамак сари худро гирифта аз диёр рафт. Бо вуҷуди ин, бояд ба пеши модаркалонаш биравам ва худ таҳқиқ намоям, шояд нишонашро аз ҷойе дарёбам. Агар Одинаро ба даст дароварда натавонам ҳам, аз ин кампир ниқори худро бигирам,– гуфта чӯбдастеро ба даст гирифта ба роҳ даромад.

Арбоб ба хонаи Одина омада Бибиоишаро ба гиряву зорӣ дарёфт. Бибиоиша вақте ки Арбобро дид, оби чашмони худро бо остинаш пок карда, аз нолаву зорӣ хомӯш гардид ва муҳайёи гуфтугузор шуда салом дода, ба Арбоб нигоҳ карда истод.

Арбоб ба ҷойи салом бо қаҳру ғазаби тамом:

– Одина куҷост? – гуфта пурсид.

Бибиоиша бо нармиву мулоимат моҷарои сохтаро ҳикоят кард.

Арбоб гуфт:

– Ман ҳилаҳои мисли ту занҳои девсириштро ба хубӣ мефаҳмам, албатта, Одинаро худ бадроҳӣ дода гурезондаӣ! Имрӯз худро ба нодонӣ андохта ба ман суханҳои сохта мезанӣ. Албатта, албатта, бо раҳнамоиву далолати ту гурехтааст. Лекин рост бигӯ, кай рафт ва нияти куҷо дошт? То имкон бошад, худ ӯро ба даст дарорам ва ту аз чанги интиқоми ман халос шавӣ. Вагарна ба ҷойи Одина ба дасти ману ба зери ин чӯб (чӯбдасти худро нишон дода) ту ҳалок хоҳӣ шуд.

Бибиоиша дид, ки аз дасти ин сахтдили нобакор ба нармзабонӣ халос шудан мумкин нест. Ночор ба душман фурсат надода, ҳар чӣ бодо бод худ ҳуҷум карданӣ шуд ва гуфт:

– Ӯй Арбоб! Ман яқин медонам, ки писарамро худат кушта ба кадом дара гӯрондаӣ! Акнун ба ман



https://bikhon.tj/

дурӯғи пешопешакӣ мезанӣ. Ту гумон набар, ман роҳи ҳокиму қозиро намедонам. Ҳозир меравам ба ҳукумат ариза дода аз дасти ту додхоҳӣ мекунам, таҳқиқчиву ясавул меорам, мебинӣ, ки ба сарат чӣ қиёмат барпо хоҳад шуд!..

Инро гуфту чодари пора–пораи худро ба сар андохта ба роҳ даромад.

Арбоб Камол аз ин рафтори Бибиоиша андешаманд шуд, зеро ӯ ба хубӣ медонист, ки ҳарчанд ҳокиму қозӣ парвои кушта шудани Одина надоранд, лекин додхоии як нафар, хоҳ ҳак асту хоҳ ноҳақ, баҳонаи хубе хоҳад шуд ба дасти эшон барои порагирӣ ва пулситонӣ. Агар ин зан рафта ба ҳокиму қозӣ арз кунад, ҳамон соат мулозиму навкарони эшон омада бе таҳқиқу тафтиш Одинаро ба дасти Арбоб Камол кушташуда шумурда, аз Арбоб бо номи пули хун маблағи калоне ситониданашон муҳаққақ буд. Оре, агар дар ин миён Одина ба даст афтад, пас аз таҳқиқ кардан ба Арбоб Камол ба ғуломии абадӣ месупуранд, аммо Одина дар он ҷойе набуд, ки дасти ҳокимони Қаротегин ба он ҷо бирасад.

Арбоб ҳарчанд дар зоҳир ба кибру ғурури нафси худ шикасте надода, «ба куҷое, ки меравӣ бирав! Ман аз касе бим надорам» – гуфта дӯғ зад, аммо дар ботин ба сабаби андешаҳое, ки дар боло навишта шуд, бағоят дар тарсу ҳарос афтод. Бинобар ин, ба як–ду нафар мӯйсафедони қишлоқ моҷароро хабар дода, аз роҳ боз доштани Бибиоишаро аз онҳо илтимос намуд.

Калоншавандагон аз думболи Бибиоиша рафта ба ӯ рӯй андохтанд ва аз сари ин даъво гузаштанашро хоҳиш карданд. Баъд аз ин аз тарафи Арбоб ба ӯ ҳеҷ зулму осебе нарасиданро ваъда доданд.

Бибиоиша ҳам, ки аз талаф нашудани Одина ба



https://bikhon.tj/

дасти Арбоб дилчамъ буд ва ин ғавғои дурӯғро барои ҳифз намудани шахси худ аз ҳуҷуми ин мардака[1] барпо карда буд, илтимосу илтиҷои калононро баҳонаи хубе шумурда, гӯё ки «барои поси хотири эшон» аз роҳи ҳокимхона баргашт ва ба ёди Юсуфи гумгаштаи[2] худ ба байт–ул–эҳзонаш[3] оромид.

## ҲУСНИ ТАБИӢ

Шумо бояд кӯҳистонро тамошо карда бошед, ҳеҷ набошад доманае даште ё дараеро дар айёми баҳорон дидаед: ҳамин ки доманаи кӯҳе ё марғзоре мерасед, ҳамроҳи боди форами баҳорӣ ба димоғатон як хушбӯии латифе мерасад. Ин бӯйи хушро то мумкин аст, мешамед ва то қувват доред, ин ҳавои латифро фурӯ мебаред, лаҳза ба лаҳза ҷонатон тозагӣ, дақиқа ба дақиқа миҷозатон покизагӣ пайдо мекунад. Чашм мекушоед: як тараф чаман–чаман лолаи сурху сафед ва зарду нофармон шукуфта, тарафи дигар шохҳои дарахтони худрӯйи кӯҳӣ монанди арча (бурс), илғай (юлгун), чормағзу писта ба дигар печида; ба боло ме-

---

[1] Мардака – дар «Фарҳанги Онанд Роҷ» чунин шарҳ ёфтааст: «Мусағғири мард бошад ва ин коф (ҳамсадои охири калимаи мазкур – А. К) барои таҳқир аксар оранд ( Муҳаммад Дабир Сиёқӣ, Фарҳанги Онанд Роҷ, Теҳрон, ҷ.6, с.3936). Дар «Одина» бо мақсадҳои услубии таҳқир калимаи занака низ истифода шудааст.

[2] Юсуфи гумгашта – ишораест ба афсонаи «Юсуф ва Зулайхо». Мувофиқи он Яъқуби пайғамбар дар байни 11 писар хурдиаш – Юсуфро ниҳоят дӯст медоштааст, ки ин боиси рашки бародарон мегардад ва онҳо рӯзе Юсуфро ба саҳро бурда, ба чоҳ меандозанд ва ба падар «Юсуфро гург хӯрд» гӯён ҷавоб медиҳанд. Яъқуб дар ғами Юсуфи гумгашта нобино мешавад.

[3] Байт – ул – эҳзон – ғамхона, хонаи ҳузн; киноя аз хонаи Яъқуб, ки аз ҳаҷри писараш Юсуф хонаи андӯҳ гардидааст.



https://bikhon.tj/

нигаред то чашматон кор мекунад, давроварди сангҳои шаффофу дағалро баргҳои ревоҷ, шохаҳои санбуру гулҳои бунафша фурӯ мебинед. Дар зери қадаматон чашм медӯзед, аз таги сангҳо ҷӯйчаҳое, ки обашон дар софӣ ба шишаи булур ва дар сардӣ ба ях баробарӣ мекунад, ҷорианд. Ин ҷӯйчаҳое, ки аз чашмаҳои хурд равон шудаанд, ба дарраи чуқуртаре рехта ба андозае се–чор санг[1] об расида, бо камоли тундиву тезӣ равон мешавад, ки ин манзара шуморо тамом ба олами дигаре сайр мекунонад. Чаҳ–чаҳи булбулон бо нағмасароиҳои дигар мурғон шуморо таъсире мебахшад, ки дастаҳои мусиқии олами маданиро тамоман фаромӯш мекунед.

Дар ин чарогоҳҳои пуралаф бозӣ кардани бузону бузғолагон, ҷастухези гӯсфандону баррагон, рамидану давидани оҳугон, рақсу бозии духтарон ва арӯсонро, ки дар саҳнаҳои шаҳрҳои обод мебинед, аз ёди шумо мебарорад.

Ин манзараҳоеро, ки тамошо кардед, бе сарфи зар ва бе ранҷи дасти касе қуввати табиат рӯёнда, ба ин обуранги хушрабо ҷилва кунондааст.

Ба муқобили ин манзараҳои табиии худрас боғҳои шаҳрҳои ободро, ки бо сарфи маблағҳои калон ва меҳнати бепоён ба вуҷуд овардаанд, ба назар оред, дар онҳо бисёр самараҳои олии меҳнатро мебинед, аммо ин гуна ҳусни табииро намеёбед.

Инак, арӯси ҳикоягии мо, ки Гулбибӣ аст ва дар замони хурдтаракиаш шумо бо ӯ шинос шуда будед ва дубора мехоҳем, ки ӯро ба тамошогоҳи шумо ҷилва

[1] Санг – воҳиди ченаки вазн, ки дар ноҳияҳои гуногуни Бухорои амирӣ аз се то панҷ кг-ро дарбар мегирифт.



https://bikhon.tj/

диҳонем, ба ҳамаи ҳусну латофати табиӣ доро буд. Тафовути ӯ аз соҳибҷамолони шаҳрӣ монанди тафовути манзараву марғзорҳои табиии кӯҳистон аст аз боғҳои сохтаи дастии олами маданият.

Гулбибиро мо намегӯем, ки аз дебо қабо, аз катон пироҳан аз зарбофт камзӯл, аз махмал калтача, аз фарангӣ сарбанд, аз дурру марворид овезаву гарданбанд, аз зари холис даспона ва аз алмос ангуштарин дошт, зеро ин ҳама асбоби зинату зеваре, ки шумурда шуд, на ин ки ба монанди Гулбибӣ як духтари фақири ятима, балки аз сарватдорони кӯҳистон ҳам ёфт намешавад.

Лекин Гулбибӣ хусну ҷамоле дошт, ки танҳо духтарони гармобанадидаи кӯҳистон, соҳибҷамолони шаҳрӣ, ки ҳамеша худро бо усма, сурма, ғоза, сафедӣ ва сурхӣ мероянд, ин ҳусну ин ҷамол, ин лутфу ин камолро надоштанд.

Бо ин ҳусну ҷамол Гулбибӣ хаёли он надошт, ки мисли баъзе духтарони сабукпои шаҳрӣ ҷилвафурӯшӣ намояд ва оламеро асиру волаи худ гардонад. Ҳатто назар ба софигарии кӯҳистонӣ ва содадилии табииву хурдсолиаш гумон бурда мешуд, ки ҳанӯз аз дараҷаи зебоии худ чандоне хабар ҳам надорад,

Лекин бо ҳама бехабариву содагӣ дилаш ҳамеша вобастаи хаёли Одина буд. Модараш ва модаркалонаш ҳамеша сухан аз ҳамхонагии Одина мезананд ва ӯро абадиву рафиқи умриаш мешуморанд. Ба сабаби ин талқинот ӯ ҳам Одина ба назари як рафиқи умрӣ нигоҳ мекард. Дар аввалҳои кор ҳарчанд ин муносибат аз як муомилаи тифлонаи маъсумона дарнамегузашт, вале рафта–рафта кор ба як унсияту улфияти ошиқона дар-расид.



https://bikhon.tj/

Вақте ки Одина 17-18 сола шуд, Гулбибӣ ҳам ба 15-16 солагӣ қадам монд, ин ду шефта ҳақиқатан ошиқи шайдои якдигар шуданд. Лекин тарбияи шарқӣ, ҳаёву шарми ирсӣ ва одати хонагӣ намегузошт, ки дарди дили худро ба якдигар ошкоро гӯянд. Танҳо нигоҳҳои дуздидае, ки ошиқонро миёнараву марҳамест, дар байни онҳо пайғомрасонӣ мекард. Тапиши дил, паридани ранг, ларзидани аъзо ва кашидани оҳҳои сарди бемаҳал ба забони ҳоли ин ду гирифтор некӯ тарҷумон буданд.

Акнун мулоҳиза фармоед: ҳамин ранг дилаздастдодагон ба фироқе дучор шаванд, ки оқибаташ маълум набошад, ба чӣ ҳолҳои табоҳу рӯзҳои сиёҳ меафтода бошанд?

Оре, аз он ҷо, ки Одина мард буд, синнаш ҳам нисбат ба Гулбибӣ болотару муҳокимааш зиёдтар, ҳама корро танҳо ба ҳиссиёти ошикона мулоҳиза намекард, балки дар бисёр ҷойҳо хоҳиши ақлро аз фармоиши ишқ болотар медонист. Дар пеши Одина ду мушкил омада буд: яке ба ватан монда ба дасти Арбоб Камол талаф шудан, дуввум аз ин ҷо гурехта рафтан. Натиҷаи ин ду кор ҳам аз маҳбубаи худ ҷудо шудан буд, лекин дар нахустин ҷудоии абадии навмедона ва дар дуввум ҷудоие, ки дар пешашон умеди висол ҳаст, зеро бар тақдири гурехтан дар фурсати муносиб боз омадан дар назар буд. Бо ин мулоҳизаҳо Одина фироқи чандсолаи ҳозираро ба умеди висоли оянда ихтиёр кард ва ҳарчанд душвор буд, бори тоқатфарсои ҳиҷронро бардошт.

Аммо ҳоли Гулбибии бечора тамом дигар буд, аввал он ки ӯ ба ҳиссиёти ошиқона чунон мағлуб шуда буд, ки қуввати ақлияш ба ҳеҷ мухокима дастёб намегар-



https://bikhon.tj/

дид. Дуввум он, ки шароити зиндагониаш нисбат ба Одина чанд дараҷа душвор буд, зеро Одина ӯро, чунон ки маҳбуби аз ҷон ширинтар буд, инчунин ягона парастораш хам ӯ буд: падару модараш мурда, модаркалонаш ба мурдан наздик расида, душманони ғаддоре, ки аз ғайри ризоии ӯ ба номусаш эҳтмоли қасд кардан доранд, атрофашро фурӯ гирифта… Дар ин сурат Гулбибӣ ба сабаби ҷудо шуданаш аз Одина, гӯё ки аз ҳама чиз ҷудо шуда буд. Дарвоқеъ, дар ин ҳолу шароит ҳоли як духтари бекас чиҳо хоҳад шуд?

Мушкилтар ин буд, ки маҳрами розе надошт, ки ба ӯ дарди худро гӯяд ва шарм медошт, ки ба пеши модаркалони худ ба ҳой–ҳой бигиряд, то дили пурдардаш қадре холӣ шавад. Оре, аз ин мушкилтар рӯзе нест, ки ошиқи шайдое ба дарди ҷонсӯзи ҳиҷрон гирифтор ояд ва мумкин набошадаш, ки ба дилхоҳи худ ба нолаву фиғон дарояд… Дар ин ҳол чорае ҷуз ин нест, ки гӯшае гирад ва аз ғайри он, ки овозе барорад, аз ҷигаргоҳи худ дарун–дарун бинолад.

Дарди Гулбибӣ, чунончи дар боло ишорат рафт, танҳо дарди ҷудоӣ ва доғи ҳиҷрон набуд; ӯ метарсид, ки дилдодааш, яъне Одина ба ин зудӣ аз диёри ғурбат бар нагардад, модаркалонаш ҳам ба хоҳиши аҷали табиӣ аз дунё даргузарад; ситамгарони бедодгар, ки дар он деҳа ҳастанд ва одату ахлоқашон як дараҷа ба Гулбибӣ маъқул аст, ӯро ба ҳоли худаш нагузоранд ва ба зӯру зулм дар панҷаи як марди аҷнабӣ, ки ному нишони ӯро намедонанд, гирифтораш созанд ва «рафиқи умри ту ҳамин аст» гуфта, ба зиндони абадиаш андозанд. Пас дар ин ҳол чӣ мекарда бошад?

Инҳо ҳам саҳл аст. Мушкили бисёр бимнок он аст, ки Одина ин ҳолро бишнавад ва гумон кунад, ки Гул-



https://bikhon.tj/

бибӣ ба хоҳиши худ домани муҳаббати дигареро ба даст гирифта ва ҳаққи ишқу муҳаббати худашро поймол кардааст…

Гоҳо дар хотираш васвасаҳои дигаре ҳам мегузашт: кӣ медонад? Вақте ки Одина ба Туркистон меравад, дар он ҷо ёру дӯст пайдо мекунад, мумкин аст, ки рафта–рафта Гулбибиро аз хотир фаромӯш кунад ва ба хоҳиши ҷавонӣ ба дигаре дил бандад, дасти худро, ки ҳаққи ҳалоли Гулбибӣ аст, ба гардани он бегона андозад. Дар он вақт агар хаёли Гулбибӣ ба хотираш гузарад, ба ӯ бо назари истеҳзо нигоҳ кунад.

Инҳо дардҳое буданд, ки ҳеҷ сангдил ба бардоштанашон тоқат карда наметавонист, чӣ ҷойи монанди Гулбибӣ як духтари чордаҳсолаи[1] дил аз даст додаи таҷрибадида.

*Кӯҳ бо он ҳама сангиндилию хоройӣ*
*Натавонад, ки таҳаммул бикунад вулқонро*[2]
*Дили ошиқ, ки фасурда зи ғаму андӯҳ аст,*
*Ба чӣ сон сабр намояд аламиҳиҷронро?*

---

[1] Дар порчаи «чӣ ҷойи монанди Гулбибӣ як духтари чордаҳсола…» дар соли Гулбибӣ саҳв рафтааст. Лаҳзаи тасвир ба айёми понздаҳ – шонздаҳсолагии Гулбибӣ рост меояд, ки инро худи нависанда дар ҳамин боб андаке пештар гӯшзад кардааст: Гулбибӣ ҳам ба 15-16 –солагӣ қадам монд.

[2] Вулқон – кӯҳи оташфишон аст, ки дар вақти оташфишониаш кӯҳҳо мекафанд, замин меларзад, сангҳо об шуда монанди дарёи оташ равон мегардад.



https://bikhon.tj/

# ҚИСМИ ДУВУМ

## ЗОВУДИ ПАХТА[1]

Дар Андиҷон ба наздикии роҳи оҳан дар майдони фарохе як аморати бисёр бузургеро мебинед. Дару девори ин бино он қадар баланду назаррабо бошад ҳам, бо мӯриҳои сар ба фалак кашидааш, ки нафари қиромези онҳо рӯйи ҳаворо чун абри сиёҳ фурӯ мегирад, аз як фарсах роҳ диққати бинандагонро ба тарафи худ мекашад. Ин бино ду дарвозаи паҳлӯи ҳам дошт: яке бисёр бузург, ки танҳо дар вақти даромад–баромади аробаҳо кушода мешуд, дуввумӣ ду газ қад, як газ бардошта, ба даромади пиёдагон махсус буда, ҳамеша боз буд.

Агар шумо завудро тамошо кардан мехоҳед, марҳамат карда аз ҳамин дари хурдакак, ки «дари партав»-аш меноманд, ба дарун дароед. Ба тарафи дасти ростатон як иморат мебинед, ки тахминан чил газ[2] қад, даҳ газ бар ва даҳ газ баландӣ дорад, агарчи ин иморатро дари даромад–баромади бисёр бошад ҳам, шумо аз дари пешгоҳ, яъне аз даре, ки ба мунтаҳои бино воқеъ шудааст, дароед, то ки ин корхонаро як сар бояду шояд тамошо карда тавонед! Вақте ки аз ҳамин дар ба дарун даромадед, даррав ба рӯятон як зинаи тахтагӣ

---

[1] Зовуди пахта – Садриддин Айнӣ дар зовуди пахтаи Қизилтеппа аз сентябри соли 1915 то охирҳои апрели соли 1916 ба сифати фурӯшандаи пунбадона кор кардааст ва таассароти худро аз он, аз кору маишати коргарони русу мардикорони маҳаллӣ, ки дар байни онҳо тоҷикони қаротегинӣ кам набуданд, дар эпизоди зовуди пахтаи Андиҷон мафассал баён намудааст.

[2] Газ – воҳиди андозаи дарозӣ, ки дар Осиёи Миёнаи тоинқилобӣ, аз ҷумла дар Андиҷону Манғилон баробари 83-85 см буд.



https://bikhon.tj/

рост меояд. Шумо қадре заҳмат кашида, бо ҳамин зинапоя ба ошёнаи дуввуми ин иморат боло равед. Вақте ки ба болохона баромадед, дар муқобилатон як дари бузургро мебинед, ки дароядаи аз ин дар бо як зинаи тахтагии васеи дарозе, ки ба он ҷо ниҳодаанд, бе он ки ба хонаи зерин дарояд рост ба замин мефурояд. Шумо андаке ба сари ин зинаи бузург истода тамошо кунед: мебинед, ки мардикорони тоҷик, ӯзбек, пирсиён[1] ва дигар миллатҳо қанорҳои калонро, ки дар ҳар кадом аз 8 то 10 пуд[2] пахтаи тозакунанда (чигитнок) ҷой шудааст, ба сар бардошта ба зинапояи мазкур аз замин то ин болохона мебароранд. Коргарони дигар пахтаи ин қанорҳоро ба хонае, ки аз он ҷо ба хонаи зерин роҳи махсус ҳаст, мерезанд. Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки аз дидани ин манзара сарсарӣ нагузаред: хуб диққат диҳед, фарзанди одам чӣ гуна даҳ пуд бори ноҳинҷорро, ки панҷ газ қаду якуним газ ғафси дорад, ба сари худ бардошта, бо як зинае, ки 20–25 поғунданок аст, ба боло мебароранд?.. Ин одамон мавсими ин корро як бор намекунанд, балки дар соле 7–8 моҳи мавсими пахта ҳар рӯз дувоздаҳ соат ба ҳамин ранг бор мекунанд…

Холӣ кардани қанорҳо ҳам кори осон нест, агарчи холикунандагон бо як каҷкорд қанорро чок карда бе заҳмате пахтаашро ба поён мерезанд, лекин ҳамеша рӯ ба рӯйи чангу ғуборе, ки аз хонаи зерин монанди оби фавора ҷӯш зада мебарояд, ба истодан маҷбуранд.

---

[1] Пирсиён – порсиён. Нависанда мардикорони эронӣ (форсҳо)-ро дар назар дорад.

[2] Пуд – воҳиди ченаки вазн, ки ба 16,35 кг баробар буда, дар Русия, Украина ва Белорусия то соли 1924 эътибор дошт. Дар Осиёи Миёна як пудро 16 кг меҳисобанд.



https://bikhon.tj/

Агар шумо ба сари зинаи пеши дари шамолкаш намебудед, ба муқодили ин ҷангу хокҳои қафаси бадбӯ нафасе истода натавониста, беҳуш шуда ба замин меафтидед. Акнун мулоҳиза фармоед: монанди шумо як фарзанди одам дар даруни ин хонае, ки шумо як дақиқа тоби истодан надоред, чӣ гуна рӯзе дувоздаҳ соат истода кор мекунад?.. Зеро агар накунад, аз гуруснагӣ мемурад.

Дар ин болохонаи пурчангу ғубор аз ин зиёда аз ҳикмат нест, марҳамат кунед! Зудтар бо як зинаи дарунӣ, ки ба ошёнаи зерин пайваст аст, поён шавед, дар ин ҷо чиҳо мебинед?

Сар то сари ин хона пур аз чарху ҳаллоҷӣ аст. Дар пешгоҳаш як чархи бисёр калони фӯлодин дар гардиш аст, ин чарх ба воситаи як тасмаи ғафсе, ки аз пӯсти гавазн сохта шудааст, ҳаракат мекунад. Як тарафи ин тасма дар хонаи зерин, дигараш ба гардана (губчак)–и чархе андохта шудааст, ки он низ ба воситаи тасмае ба мошинхона вобаста аст ва қуввати аслиро аз он ҷо мегирад.

Дигар чархҳое, ки дар ин хона мебинед, нисбат ба чархи нахустин хуртаранд. Лекин ҳамагӣ ба воситаи тасмаҳо аз ҳаракати ҳамон чархи калон дар гардишанд. Ин чархҳои хурд, ки дар ин хона ба ду қатор нишонда шудаанд, хизматашон гардондани тирҳои ҳаллоҷӣ ва тақсим карда рехтани пахтаи хом ба даҳони ҳаллоҷиҳо ва монанди ҳамин дигар корҳо мебошад. Ҳаллоҷӣ, ки ба иборати ӯро «ҷин» мегӯянд, ки иборат аз ду тири ғафси дандонадорест, ки ба ҳам пайваста, рӯиҳам ба воситаи чархе гардиш мекунад. Шумо дар болохона дида будед, ки мардикорон пахтаҳоро аз каторҳо бароварда ба даҳони чуқурие мере-



https://bikhon.tj/

занд. Инак, ҳамон пахтаро бо роҳҳои махсус ба воситаи ҳаракат додани чархҳои махсус ба даҳони ҳаллоҷиҳо мерезанд. Вазифаи ҳаллоҷиҳо ҷудо кардани пахта аст аз пунбадона.

Пахта вақте ки аз ҳаллоҷӣ тоза шуда мебарояд, ба новаи тахтагии фарохе, ки ба даруни он тири морпече дар гардиш аст, мерезад. Ин новаи дароз рахтаҳои аз таҳти ҳаллоҷиҳо ба дарунаш рехтаро ба воситаи тири морпечи худ кашида то ба болохонаи дигаре, ки онро тойхона ё ки прессхона меноманд, бурда мерезад.

Аммо пунбадонаи аз пахта ҷудо шуда аз шикофи махсус ба таҳхона мерезад ва дар он ҷо ба даруни ҳаллоҷии дигаре даромада дубора тоза шуда мебарояд: пас аз он ба новаи махсусе, ки он ҳам ба даруни худ тири морпеч дорад, ба ҷойе, ки барояш муайян кардааст, рафта мерезад. Пахтаи дубораи аз пунбадонаи ҷудошуда ба наварди калоне печида монанди пахтаи бо садачӯб сохташуда мешавад. Номи ин пахтаи дувумбораро «лентир» мегӯнд, ки ба даруни кӯрпа, болиш ҷома ва ба баъзе саноеъ сарф мешавад.

Тамошои ҳаллоҷихона, ба иборати дигар «ҷинхона»–ро ҳанӯз тамом накардаед: дар ин хона ба сари чархҳо ва ҳаллоҷиҳо коргарони моҳир нигоҳбонӣ мекунанд, аз дуруст кор кардани ҳаллоҷиҳо хабардорӣ менамоянд, тасмаҳои аз ҷояш бечошударо ба ҷояш меандозанд, ба тиру губчаки чархҳо равған мерезанд ва монанди онҳо…

Ин хона аз боло ҳам зиёдтар пургарду ғубор аст, ғайр аз ин аз бӯйи равғани ғализе, ки бе вай чархҳо дуруст ҳаракат намекунанд, ё месӯзанд, хеле бадбӯ ва муттафин мешавад. Бо замми инҳо аз шароққо– шуруқ ва тароққо-туруққи чархҳо гӯши одам ба карӣ наздик мерасад ва хаёл пароканда мешавад.



https://bikhon.tj/

Биёед, аз ин хона зудтар бароем! Аз ин ҷо ба воситаи зинапоя ба болохонае мебароед, ки пахтаи тозашуда он ҷо мебарояд. Дор ин болохона каҷобаҳои калон ё ки қуттиҳои чоррахи дарозеро мебинед, ки ҳар тарафаш тахминан якуним газ ва дарозиаш 6 ё 7 газ аст.[1] Мардикорон пахтаҳои тозашударо ба даруни ин қуттӣ ё ки каҷобаҳо ҷой мекунанд. Паз аз он қуттии аз пахта пуршударо ба сари сутуни чӯбие, ки дар муқобили он аз тарафи боло низ чӯяне ба шакли пошнаи сутун вазъ шудааст, тела медиҳад. Вақте ки роҳи қувватро мекушояд, сутун ба воситаи ғулбаи оҳанине, ки аз зери замин ба мошинхона мерасад, ба қоидаи «тазъиқи обӣ» дар ҳаракат омада бо қуввати тамом пахтаро ба даруни қуттӣ пахш мекунад. Пахта хурд шуда ба дараҷае мерасад, ки зиёда аз он хурд шуданаш мумкин аст. Ин дараҷа ба аломате, ки монанди соат ба даруни он хона овехта шудааст, маълум мегардад. Вақте ки ҳаҷми пахта ба ниҳояти хурдӣ мерасад, роҳи қувватро мебанданд ва тойи пахтаро ба мошини борбардӣ бо симҳо печонда, аз зери сутун мебароранд ва порчаҳои кандириро, ки ба тои пахта печонда шудааст, бо ҷуволдӯз дӯхта аз дари дигар ба берун меғелонанд ва коргарони пурқуввате, ки дар он ҷо кор мекунанд, ҳар яке як тойро мисли як бузғола ба пушт бардошта бурда ба анбор мегузоранд.

Акнун биёед, биравем ба мошинахона: аз дари тойхона ба майдони иморати зовуд баромада дар пеши

[1] Дар ҷумлаи «Дар ин болохона каҷобаҳои калон ё қуттиҳои чоррахи дарозеро мебинед, ки ҳар тарафаш тахминан якуним газ ва дарозиаш 6 ё 7 газ аст» аз ҷиҳати шумора мувофиқат накардани аъзои ҷумла ҳис мешавад. Вале ҷумлаи мазкур дар дастхат ва ҳамаи матнҳои чопӣ дар ҳамин шакл истифода шудааст.



https://bikhon.tj/

ҳаллоҷихона ба хонаи ҷудогонае медароем. Дар ин ҷо чархҳои хурду калони бисёр дар гардишанд, ин чархҳо қувваи худро ба бухорхона мегиранд, ки дар он ҷо ба воситаи гармии оташ ба даруни деги бисёр калоне об ҷӯшида бухор пайдо мекунад ва ин бухор мошин ва чархҳоро дар ҳаракат меандозад.

Дар як гӯшаи мошинхона як даста чархҳои ҷудогонаро мебинед, ки онҳо аз зӯри бухор дар ҳаракат омада қуввати электрикӣ пайдо мешавад. Ин қувват шабҳо ба воситаи симҳо ва чароғҳои шишагӣ, дар тамоми хонаҳо, мошинхона, анборҳо ва роҳравҳо овехта шудаанд, рӯшноии электрикӣ расонида ҳама ҷойи он иморатро монанди рӯз равшан мекунад.

Дар ин хона дар як гӯшае як бӯчкаи оҳанинеро мебинед, ки тахминан даҳ сатил ё зиёдтар обро ғунҷоиш дорад, дар болои он бӯчка як мили борики монанди нойчаи дарунковоке ҳаст, ки як сараш ба хазинаи қуввати электрикӣ пайваст аст. Агар ба шумо касе чӣ будани ин бӯчка ва барои чӣ дар ин ҷо гузошта шуданашро нафаҳмонад, албатта, барои обнӯшии коргарон ва ё ҷойи дастшӯии онҳо аст гуфта гумон мекунед. Лекин дар ҳақиқат ин тавр нест, балки ин бӯчкаи назарногир корномаҳо нишон медиҳад: агар ин бӯчкаро аз замин бардоред, дар таҳташ низ як мили оҳанини борики дарунковок (ғулба – труба)–и шинондашударо мебинед. Як сари ин мил ё ғулба (қубур) аз зери замин рост меравад то тойхонае, ки шумо тамошо карда омадед. Дар ин ҷо сари мил ба зери сутун пайваста аст, ки дар вақти даркорӣ сутунро дар ҳаракат оварда, чунон ки дидед, тойҳои пахтаро пахш ва хурд мекунад. Акнун биёед, дафтархонаҳо ва ҷойҳои истиқоматии ин биноро тамошо кунед: се тарафи иморати мошинхона



https://bikhon.tj/

ва ҳаллоҷихона майдони фарохе аст. Ба гирдогирди ин майдон айвонҳои бисёр васеъ бино ёфтаанд, ки дар онҳо пахтаҳои хому пумбадонаҳоро рехтаанд. Ба наздикии дарвозаи калони зовуд борхонаи бисёр баланди боҳавое бино шудааст, кар он ҷойи пахтаҳои тойи басташударо мегузоранд.

Дар тарафи дигар, рӯ ба рӯйи ҳиллоҷихона як иморати зебо ба тартиби аврупоӣ бино ёфтааст. Доираи аввалини ин бино иборат аз се хона аст, ки онҳо ҳуҷраҳои дафтардорӣ, мирзоӣ ва ҳуҷраи кории мудир аст. Доираи дуввумиаш иборат аз панҷ хонаи бисёр базеб аст, ки дар он ҷо мудири зовуд бо хонаводааш зиндагӣ мекунад. Як тарафи ин доира ба боғчаи бисёр мусаффое пайваст аст, ки дар айёми баҳорон ва рӯзҳои офтобноки зимистон мудири зовуд бо аҳлу аёлаш дар он ҷо истироҳат ва ҳавогирӣ мекунад. Ҳамаи ин хонаҳо бо палос ва асбобҳои пурбаҳо музайян буда бо чароғҳои электрикӣ пурқувват равшан мешавад.

Дар мобайни ин иморати олӣ ва айвони борхона як тангкӯчае ҳаст, ки агар шумо ба он кӯча равона шавед, ба як майдони борики дарозе мебароед. Як тарафи ин майдон ба пушти айвон пайваста, тарафи дигараш девори похсаи зовуд аст. Дар сар то сари ин майдон хонаҳои пасту торики бадҳавое бино ёфтааст, ки аз ғояти камҳавоӣ ва рутубат деворҳои ин хона аз тахт то шифт заҳ шудааст. Ҳарчанд деворҳои ин хонаҳо оҳак ё қаҷ молида шуда бошад ҳам, аз мағору карраҳое, ки аз заҳ пайдо шудаанд, мунаққаш менамояд. Дар ин хонаҳо, ки ҳеҷ оғил монанди онҳо бадбӯ ва бадҳаво нест, муздурону коргарони зовуд зиндагӣ мекунанд.

Рӯ ба рӯйи ин хонаҳо, ки девори похсаи иморати зовуд аст, ҳар рӯз чошгоҳӣ ба зери он офтоб метобад,



https://bikhon.tj/

вақте ки шумо ба ин офтобрӯя нигоҳ кунед, симоҳои аҷиби қатор нишастаро мебинед: Рангҳо парида, чашмҳо дарун рафта,биниҳо теғ кашида, дастҳо қубла зада, кафида ва хуншор шуда, пойҳо обила карда ва ҷароҳат пайдо карда ва либосҳо дарида, ба андозае, ки пероҳан танҳо шерозии гиребону аз эзор фақат нефа мондааст…

Аз ин сияҳбахтон яке дароз кашида ва аз дарди миён нола мекунад, дигаре латтаи ба пойи худаш бастаро кушода ҷароҳатҳояшро аз хуну чирк тоза менамояд, севвумӣ порчаҳои қанорҳои даридаро ғундошта омадааст, ки бо онҳо либоси порашударо ямоқ кунад.

Агар шумо дар мавсими корӣ солҳои 1915–16 ба ин зовуд меомадед, дар охири сафи ин меҳнатрӯзиён як ҷавони 17–18 соларо медидед, ки либосашро аз тан кашида шабушкчинӣ мекунад ва кӯҳнаколаи худро аз ин душмани хунхор, ки ҳамашаб дар изтироб андохта бедораш медорад, ба қадри имкон пок менамояд.

Аз ғайри шиносондану таърифи мо, албатта, шумо медонед, ки ин ҷавон қаҳрамони қиссаи мо Одина аз ёру диёр ҷудо аст.

Пас ин фарзанди инсон бо ин ҳолати парешон чаро ин ҷо нишастааст?

Ҷавоби ин саволро ҳам бояд худатон ёбед:

Шумо аз тамошои мошинхона, тойхона, ҳаллоҷихона ва борхона ҳозир баромадед. Дар ин ҷо дидед, ки садҳо коргар кор мекунанд. Албатта, шабу рӯз беором кор кардан мумкин нест. Барои хобу хӯр ҳеҷ набошад якчанд соат аз кор фориғ шудан лозим. Бинобар ин, ҳар 12 соат мардикорон бадал мешуданд. Ин сияҳбахтоне, ки шумо ба зери ин девори бекасӣ дидед, мунтазири буғ шудани зовуданд. Ҳар гоҳ вақти бадал шуда-



https://bikhon.tj/

ни коргарон расад, зовуд бонги бадале мезанад. Ҳамон соат ин мардикорон ба кор ҳозир мешаванд ва онҳое, ки ба кор машғуланд, озод мегарданд.

## ОДИНА ДАР ЗОВУД

Одина дар зовуде, ки шумо дар фасли боло даруну берунашро тамошо кардед, кор мекунад. Барои тамом воқиф шуданатон ба гузориши аҳволи ӯ андаке тафсил лозим аст. Одина маҷбур буд, ки ҳар рӯз қанору ҷувол бардошта ба зинапояе, ки дар таърифи зовуд дидед, боло барорад ё ки дар ҳар шабонарӯз дувоздаҳ соат ба даруни пахтахонае, ки шумо 5 дақиқа тоб оварда натавонистед, истода ҷувол холӣ мекунад. Ба чунин хизматҳо натанҳо Одина кор мекард, балки як сад нафар мардикорони тоҷик, ӯзбек ва баробари дар таҳти дасти як нафар пудратчӣ кор мекарданд.

Пудратчӣ аз майдони зовуд боло баровардан ва ба даҳони ҳаллоҷӣ резондани пахтаро аз соҳиби зовуд қарор карда гирифта буд. Ин пудратчӣ бечорагони бекасукӯйро, ки аз ҷабру зулми ҳокимону молдорон ва ба сабаби тангии аҳволи иқтисодиву ногузаронии зиндагониашон аз ватан фирорӣ шуда буданд ё ин ки ба сабаби гузаштани заминашон ба дасти боёни судхӯр монда буданд, ба нархи арзоне ба мардикорӣ гирифта кор мефармуд. Вақте ки мардикор ба чанги пудратчӣ гирифтор омад, дигар касе аз қуввату тоқати ӯ намепурсад, хоҳ–нохоҳ мисли гови корӣ кор кунад. Мардикорон ҳақиқатан монанди гови корӣ ба шумор мерафтанд. Пудратчӣ чӯбдасте монанди халасчӯби говронӣ ба даст гирифта, онҳоро аз ин сӯ ба он сӯ меронд. Танҳо фарқ дар ин ҷо буд, ки агар гов тоқати кор



https://bikhon.tj/

надошта бошад, соҳибаш чанде осуда гузошта тарбият мекунад. Аммо мардикоре аз кор фурӯ монад ё ки ба бемории сахте гирифтор ояд, пудратчии ноинсоф ҳамон соат аз хизмат бароварда ба кӯчаи нокомиаш меандохт ва ба ҷояш одами дигар мегирифт.

Одина ҳам аз бими бекорӣ ба ин ҳама корҳои тоқатгудоз бардошт карда хизмат мекард. Аз ғайри ин ки нафасе дам гирад, қанор мебардошт ё холӣ мекард.

Ягона орзуи Одина ин буд, ки ҳар қадар душвор аст, тобоварӣ намояд, то аз музди кор чизе пасандоз карда ба ватани худ бозгардад ва маҳбубаи меҳрубони худро ба никоҳи худ дароварад.

Музди меҳнати Одина бисёр кам буд. Дар кор фармудан агарчӣ ӯро аз одамони калон фарқ намекарданд, аммо дар музд додан ба қатори бачагонаш мешумурданд. Бинобар ин, ҳар рӯз музди хизматаш тақрибан 30 тин меафтод. Бо 6 тин ду қадоқ[1] нони сиёҳ гирифта, дар шабонарӯзӣ наҳорӣ мекард. Боқимондаро ба нияти тӯйи худ захира менамуд. Оре, бо ин гуна хӯрок кор кардан, хусусан корҳои сиёҳи вазнинро ба ҷо овардан душвор буд. Аммо чӣ чора? Агар ба ҳаррӯза хӯрок қадре гӯшту равған ҳам ҳамроҳ мекард, музди хизмат ба хароҷоти ҳаррӯза намерасид. Чӣ ҷои пасандоз!

Пӯшоки Одина ҳам монанди дигар мардикорони он зовуд фартуту чиркин буд. Парча-пораҳои қанорҳои дарида ва ҷуволҳои аз кор баромадаро ба ҳам дӯхта ба ҷойи ҷома кор мефармуд. Ҷойи истиқоматаш ҳам дар ғояти фалокат буд. Ба як хонаи пастаку торики мартубе[2], ки шумо тарҳашро дар фасли гузашта дидед, 15–

---

[1] Қадоқ – воҳиди ченаки вазн дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар Осиёи Миёна, ки баробари 409 грамм ҳисоб меёфт.
[2] Мартуб – рутубатнок, намнок.



https://bikhon.tj/

20 нафар якҷо хобу хез мекарданд. Барои шустушӯ собун ва барои ҳавогирӣ боғча, албатта, набуд.

Ба ин гуна зиндагӣ тоб овардан зӯру қуввати бисёреро талаб мекард. Одина, ки ҳанӯз аз сад гулаш як гулаш нашукуфта буд, ба ин ҳама машаққат чӣ гуна тоқат мекард? Агар зиндагӣ ҳамин аст, бояд соле намонда мемурд, чунон ки як қисми аз мардикорон ба касалии арақӣ (тиф) ва баъзе ба бадҳазмӣ гирифтор шуда бо садҳо хориву зори ҷон доданд. Аммо Одина бо ин ҳама душворӣ бо як умедворӣ зиндагӣ мекард ва барои ба даст овардани мақсад ба ҳар гуна балову ҷафоҳо бо як азми маҳкам ва бо як дили қавӣ истодагӣ менамуд. Чӣ будани талаби Одина ба шумо маълум аст: кор кардан, қадре пули посира намудан, бозгашта ба ватани худ рафтан ва ба маҳбубаи дилороми худ восил шудан буд. Дуруст, дарди ҳиҷрон худ балои дигарест. Ин балоест, ки бисёр навҷавононро аз бистари ноз ба мағоки хоки бемаҳал андохтааст. Аммо ҳиҷроне, ки дар дунболаш умеди висол аст, ошиқи маҳҷурро хеле тасаллӣ мебахшад ва ба бардоштани машаққатҳо қувват медиҳад.

## КОРПАРТОӢ

Соли 1915 ҳосилоти пахта аз ҳад зиёд бисёр шуда буд. Бо вуҷуди ин, азбаски саноати бофандагии Русия ба муносибати ҷанги умум[1] аз хориҷ пахта дароварда наметавонист ва инчунин пахта ғайр аз бофандагӣ ба асбоби ҷанг ҳам сарф мешуд, бозори пахта аз одат берун гарм шуда рафт. Ҳарчанд доираи тиҷоратии Русия

[1] Ҷанги умумӣ – ҷанги якуми ҷаҳонии солҳои 1914 – 1918.



https://bikhon.tj/

ба пахта нархи қатъӣ монда бошад ҳам, ин нарх расмӣ шуда, дар бозори амалӣ ҳеҷ таъсир намекард, дар бозори амалӣ ва ғайри расмӣ гӯё ки ба равиши «кӣ зиёд мекунад» («торги») ба ду–се баробари ин нархи расмӣ фурӯш мешуд. Ин аҳвол дар Маскав ва умуман дар пахтаи тозашуда буда, аз деҳқон бошад, пахтаи хом–пахтаи пунбадонадор аз рӯйи нархи қатъӣ харида мешуд. Ба ин сурат фоидаи пахтаҷаллобон ва зовудчиён яке бар се меафзуд. Ҳар қадар ки фоида зиёд мешуд, иштиҳои пахтачиёни гурусначашм ҳам ҳамон қадар зиёд мегардид. Пахтачиён одатан монанди сархуше, ки ба андозаи бисёр дар нӯшидан боз бисёртар шароб талаб мекунад, дақиқа ба дақиқа ба гирдоварии фоида зиёдтар мекӯшиданд; бозор ба бозор, қишлоқ ба қишлоқ, хона ба хона гумоштагони худро давонда пахтаи хом меғундоштанд. Зовуд пахтаҳои ғундоштаро тоза намуда наметавонист; анборҳо ва айвонҳои зовуд аз пахтаҳои хом пур шуданд. Оқибат пахтачиён маҷбур шуданд, ки пахтаҳои барзиёдро дар майдони болояш яла гузоранд.

Аз паси барфҳои зимистонӣ, ки ба болои пахтаҳо борида буданд, боронҳои сел гармии бо ҳавои баҳорони соли 1916 сар шуданд; бо гарм шудани ҳаво пахтаҳои таршуда ҳам гарм шудан гирифтанд; кӯмакҳои пахта, ки ба қади бом мерасиданд, ҳолати пеш аз ҳаракати кӯҳи оташфишон ба осмон ба ҷойи бухор дуд баровардан гирифтанд; бо таъсири ин ҳол димоғи пахтачиён ҳам сӯхта дуд баровардан гирифт.

Лекин пахчиён бисёр саросема нашуда зуд илоҷи ин корро ёфтанд: пахтаи ба сӯхтан саркардаро паҳн карда шамол додан ягона чораи онҳо буд. Аммо барои ин кор боз коргари бисёре даркор мешуд; барои пахтачи-



https://bikhon.tj/

ён бошад, ҳалвои бедуд– фоидаи бемузду меҳнат даркор буд. Аз тарафи дигар, ба муносибати омадани баҳор ва сар шудани корҳои деҳқонӣ коргари барзиёд ёфтан душворӣ мекард; бинобар ин, масъаларо бо Қурбоналии пудратчӣ[1] ҳал кардан осонтар намуд. Масъала ҳал шуд: Қурбоналӣ бо гирифтани мукофоте аз хӯҷаин ба воситаи коргарони зердасти худ адо кардани ин хизматро ба гардан гирифт.

Қурбоналӣ коргарони дар зери дасти худаш коркунандаро як нахӯдшӯрбои бегӯшт зиёфат карда, ба онҳо гуфт:

– Ободии зовуд фоидаи мост; агар зовуд хароб шавад, мумкин аст, ки мо бекор монем; ободии зовуд бошад, ба сабаби хароб шудани молҳои хӯҷаин ба даст намедарояд. Агар шумо ғайрат карда, зиёда аз корҳои муқаррариатон кор карда пахтаро шамол надиҳед, ҳама чиз хароб мешавад. Дар он сурат аҷаб нест ки мо бекор монем ё ин ки хӯҷаини моро бебуриш гуфта, пеш карда, ба ҷойи мо коргарони дигар гирад. Акнун маслиҳат он аст, ман шавам, шумо шавед, ҳар рӯз чанд соат барзиёд кор карда ҳамин пахтаҳои сӯхтаистодаро кафонда паҳн карда партоем, боз дар охири кор, худо хоҳад аз давлати хӯҷаин вақти шуморро хуш мекунем.

Коргарон ин кори барзиёдро ба умеди «аз давлати хӯҷаин» вақташон хуш шудан қабул карданд. Кор сар шуд: коргарон ҳар рӯз пас аз тамом кардани як баст (смена) 12 соата кори муқаррариашон нони сиёҳро ба оби сард тар карда хӯрда, панҷшохаҳои оҳанинро ба даст гирифта ба паҳн кардани пахтаҳои ба сӯхтан

---

[1] Қурбоналии пудратчӣ – шахси воқеист, нависанда ҳангоми дар зовуди пахтаи Қизилтеппа кор кардан ба вай вохӯрда будааст.



https://bikhon.tj/

саршуда медаромаданд. Ин кори барзиёд аз кори аслии муқаррарӣ вазнинтар ва сахттар буд: кӯмакҳои пахтаи ба сӯхтан саршуда, ки қабатҳои зеринаш ҳатто ба даргирифтан наздик буд, аз нӯги кори пойи коргарон то миёнашон месӯзонид, бӯйи бад димоғҳоро метарконид, сарҳоро мегардонид, дилҳоро мефишорид. Коргаре, ки дар ҳамин аҳвол 15 дақиқа кор мекард, аз ҳуш рафта ба ғалтидан маҷбур мешуд: коргарони аз худ рафта ғалтидаро чӯбдасти Қурбоналӣ ба по хезонда дубора ба корашон меандохт. Дар миёни коргарон дарунравӣ, тиф ва марг зиёд шудан гирифт. Қурби пул рӯз то рӯз мефуромад, аммо ба муқобили ин музди кори асосиро зиёд кардан он тараф истад, барои кори барзиёд ҳам чизе дода намешуд. Давлати хӯҷаин рӯз то рӯз зиёд мешуд, аммо «аз давлати хӯҷаин» хуш кардани вақти коргаронро «худо хеҷ намехост». Қурбоналии пудратчӣ, ки коргарон то ҳол ӯро яке аз худашон ва дилсӯзи худашон медонистанд, ба ҷуз аз анбори холӣ сад ман шолӣ бахшидан дигар коре намекард.

Оқибат коргаронро кор ба ҷону корд ба устухон расид, миёни худ машварат карда аз хӯҷаин зиёд кардани музди хизмати аслиро барои кори барзиёд музди ҷудогона муайян карданро, ҳеҷ набошад ин кори барзиёдро аз гарданашон бардоштанро талаб карданӣ шуданд. Агар хӯҷаин яке аз ин талабҳоро ҳам қабул накунад, якҷоя якборагӣ корро партофтанӣ шуданд.

Ин машварати коргарон пеш аз ба амал омадан ба воситаи Қурбоналӣ ба хӯҷаин маълум шуд. Хӯҷаин ҳам сурати ҳолро ба ҳукуматӣ маҳаллӣ хабар дода, ба сари коргарон пристав (миршаб)–ро бо полисҳо ова-



https://bikhon.tj/

ронид. Дар беруни зовуд як даста солдатҳои казак[1] ҳам бо панҷтира ва найзаю тозиёнаҳои худ барои ҳар эҳтимол тайёр шуда истоданд. Пристав ба коргарон гуфт:

– Ин вақт вақти ҷанги умумӣ аст, дар мамлакат идораи ҳарбӣ ҳукмфармо аст: коргарони ҳар зовуд ва корхона монанди идораи ҷангӣ ва сафҳои аскарӣ бечуну чаро ба кор кардан маҷбуранд. Ҳар кас, ки аз кор кардан сар тобад, мисли сарбози аз сафи ҷанг гурехта ба шумор меравад; ҷазои сарбози аз сафи ҷанг гурехта як тири милтиқ будан ба ҳама маълум аст. Агар бе чуну чаро ва бе ҳеҷ шарту қавл кор мекунед, бубинед, вагарна пеш дароед, равон шавед ба миршабхона!

Коргарони мо, ки аз ташкилоти коргарии даруни Русия бехабар буданд, ҳатто бо коргарони аврупоии худи ҳамин зовуд ҳам алоқа надоштанд, ба ҳамин як дӯғи пристав дил бой дода, ба кор кардан маҷбур шуданд.

Одина, ки бо бӯйи бади пунбадонаҳои мағоркардаи гармшуда тобоварӣ карда натавониста бемор шуда буд, дар казармаи зовуд ба тарбияи яке аз ҳамватанони худ хобид.

## ҲАМДАРДОН

Хӯҷаини зовуд барои нигоҳдории тандурустии коргарон, барои хуб кардани хобгоҳ ва хӯроку пӯшоки

---

[1] Солдатҳои казак – табақаи ҳарбиёни имтиёзнок дар Русияи тоинқилобӣ, ки ҳукумати подшоҳӣ онҳоро барои муҳофизати сарҳадҳо ва умуман тартиботи ҳукуматдории худ истифода мебурд. Дар Осиёи Миёна, аз ҷумлаи дар даргоҳи амири Бухоро казакҳо такягоҳи ҳукумат ҳисоб меёфтанд.



https://bikhon.tj/

онҳо ягон пул харҷ накунад ҳам, барои гардонидани сари онҳо ба воситаи мулло ва пӯпҳо пули худро дареғ намедошт. Коргарони ба ҳар гуна дину миллат (тоҷик, ӯзбек, парсиён, арманӣ, рус ва барбарӣ)[1] мансубро, ки дар он зовуд кор мекунанд, муллову пӯпҳояшон бо талқиноти дин иғво карда, аз як шудану ба ҳам пайвастан боз медоштанд: ҳар кадоми муллоён ва пӯпҳо ҳамдини худро иғво мекарданд ва мегуфтанд:

– Шумо аз ғайримиллати худу аз ғайридини худ боэҳтиёт бошед. Ғофил нашавед, ки мабодо шуморо аз роҳ бароваранд ва ба дини худ дароваранд, дар роҳи дини худ садақа диҳед ва ба худои худ ибодат кунед. Имомону пешвоёни дини худро муҳтарам шуморед ва аз гуфту фармони онҳо набароед. Ба нозу неъмати одамони дунёдор ҳасад набаред ва ғамгин нашавед, ки ин ҷаҳон зуд гузаранда аст. Давлати дунё ба дунё мемонад аз давлати ҷовиди охират умедвор бошед! Ба хонандае, хизмат мекунед ва аз ҷое, ки нон мехӯред, ҳаққи намакро пос доред, ҳаққи намак бо ҳаққи худо баробар аст. Ба манфиати хӯҷаини худ хиёнат накунед. Хизмате, ки хӯҷаин мефармояд, аз таҳти дил ба ҷо оваред. Хизматгор бошед, лекин хизматгори содиқ бошед. Хуш доред, ки бечорагӣ айб нест, аммо куфрони неъмату кӯрнамакӣ гуноҳи азим аст. Итоати подшоҳи замону маъмурони ӯро воҷиб донед, ки подшоҳ сояи худост ва соҳибнеъмат (валинеъмат)-и ҷаҳониён аст.

Бечора муздурон ба ин иғвоҳо фирефта шуда ба якдигарашон бо чашми душманӣ назар мекарданд ва

[1] Барбарӣ – халқе, ки як қисми аҳолии мамлакатҳои Африқои Шимолиро ташкил медиҳад.



https://bikhon.tj/

аз ҳамдигар эмин набуданд. Ҳар муомилае, ки аз ҳар кадоми ғайридину ғайримиллати худ медиданд, ба як нияти бад ҳамла менамуданд ва гумон мекарданд, ки он ғайри дин мехоҳад онҳоро аз мазҳаби[1] бобоиаш ҷудо кунад ва ба роҳ дарорад.

Аз 40-50 тангае, ки ҳар моҳ аз меҳнати сиёҳу араҳи ҷабини худ меёфтанд, як қисмашро ба номҳои ҷудогона, мисли хати Қуъpон, садақаи сар, закоти тани сиҳат[2] ё ки ба нияти аз гуноҳ пок шудан ба муллоёну пӯпҳо медоданд.

Аммо дар солҳои охир аҳвол дигаргун шудан гирифт: нахустин коргарони аврупоӣ, ки ба ҷамъиятҳои манфии инқилобӣ аъзо буданд, ба ташвиқот сар карданд, бо шиори «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед!»[3] ҳамаи мардикоронро ба бародарӣ ҷеғ заданд. Аз зулму тааддии соҳиби зовуд, аз туршрӯиву дуруштгӯии пудратчӣ, аз ҳимояти политсиягону маъмурони подшоҳӣ ин золимонро суханҳо заданд ва шикоятҳо карданд ва гуфтанд:

– Ин ҳама давлату ҳимматаш, ки соҳиби зовуд андӯхтааст, ҳама самараи ранҷи дасти мо аст. Сармоя ва пули накд, ки хӯҷаин ба воситаи ин моро ғулому бандаи худ кардааст, агар ба ҷойе гузошта шавад, ба худи худ сад тангааш саду як танга нахоҳад шуд.

---

[1] Мазҳаб – шохаи ягон дин, ки қисме аз диндорон ба он эътиқод доранд.

[2] Хатми Қуръон, садақаи сар, закоти тани сиҳат – пулу ашёе, ки барои наҷоти рӯҳу ҷон ва омӯзиши гуноҳ аз тарафи мусулмонон дода мешуд. Закот – яке аз талаботи дини ислом аст, ки иҷрои он ҳатмист. Вале барои рафъи гуноҳ садақа додан ва пул дода ояти Қуръонро хондан низ дар ҳукми одат буд.

[3] Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед! – шиори инқилобие, ки бори аввал соли 1847 аз тарафи Карл Маркс ва Фридрих Энгелс дар «Манифести Партияи Коммунистӣ» ба миён гузошта шудааст.



https://bikhon.tj/

Соҳибони зовуд ба воситаи даллоливу гумоштагони худ ғӯзаву пахтаро аз деҳқонон, ки онҳо ҳам мисли мо ранҷбару мазлум ҳастанд, ба нархи дилхоҳи худ харид мекунанд, ба зовуд оварда, ба ранҷи дасти мо, ки барои ором додани нафси худ ва дафъи гуруснагии занону баччагони худ дар он ҷо бандаи як лаб нон ҳастем, тоза мекунонанд, пас аз он ба воситаи роҳи оҳан, ки он ҳам бо кӯшиши ҳампешагони мо барпо шуда дар гардиш аст, ба Маскав фиристода фоидаи накдро мегиранд, бойи калон мешаванд, соҳиби кошонаҳои олӣ ва дорои боғҳои зебо мегарданд. Бо гулрӯёни нозукандом. Бо шароби ноб ва айши мудом умр ба сар мебаранд.

Шумо мулоҳиза кунед! Соҳиби зовуд ғайр аз банд кардани чил–панҷоҳ хазор танга, ки онро ба мурури замон аз ранҷи дасти мову шумо муздорону деҳқонон андӯхтааст, чӣ меҳнат ва машаққат кашид, ки мустаҳаққи ин ҳама айшу ишрат шуд?..

Не!.. Соҳибони зовуду гумоштагони онҳо ба ҳеҷ чиз мустаҳақ нестанд. Ин гуна зиндагӣ ҳеҷ дуруст нест, ки онҳо дар неъмат бошанду мо дар фалокат; инҳо дар роҳат бошанду мо гурусна; инҳо шароб нӯшанду мо хуни ҷигар; онҳо лаби лаъли дилоромро бӯсанду мо хоки замини сиёҳро билесем; занону духтарони онҳо боғчаҳои ирамоин бо либосҳои рангини атрогин ба сад нозу карашма хироманду занони мо дар меҳнати сиёҳ гирифтор бошанд; фарзандони онҳо дар мактабҳои олӣ бо либосҳои нафису хӯрокҳои лазиз илми фиребандагиро омӯзанду фарзандони мо бесавод монда дар хурдсолӣ ба меҳнатҳои сахт гирифтор оянд, сиҳати худро барбод диҳанд ва бисёртаринашон ба камол нарасида талаф шаванд…



https://bikhon.tj/

Ин гуна маишат, ин ранг зиндагонӣ, инчунин ранги ҳаёт ва усули иҷтимоӣ ҳеҷ раво нест ва пойдор шуданаш ҳам мумкин нест.

Моро лозим аст, ки ҷудогонагии дину миллатро дар назар наоварда ҳама як шавем, рус, мусулмон, арманӣ, тоҷик, ӯзбеку барбарӣ нагуфта, якдигарро бародар донем ва манфиати ҳамаамонро як шуморем. Барои салоҳи кори худ ва интиқом гирифтан аз ин ғосибон ва дар роҳи ситонидани ҳаққи ғасбшудаи худ шӯрову кенгош намоем. Ҳар гоҳ мо муттаҳид ва муттафиқ шавем, ҳаққи хуро хоҳем гирифт. «Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт»[1], чӣ ҷойи ҳаққи худ!

Ҳар кас ва ҳар қуввате, ки моро аз як шудан бозмедорад ва ба ҳақталабии мо монеъ мешавад, душмани ҷониву хуни худ шуморем. Касоне, ки худро ноиби «худо» ва вориси «пайғамбар» ба қалам дода, аз мо садақа меситонад, ба ҷойи он ки ба мо ёрмандӣ кунанд, моро аз иттиҳоду иттифоқ боз дошта, сабаби заифу беқувватии мо ва ба ин восита сабаби ба даст надаромадани ҳаққи мо мешаванд, муллоёну пӯпҳо ҳастанд. Онҳо ба замми ин моро ба итоат кардан ба душмани мо далолат мекунанд; фармонбардории подшоҳро, ки дар ҳаққи мо ҷуз қассобӣ кори дигар накардааст, вомешуморанд. Дар ҳаққиқат онҳо на «ноиби худо» ва на «ворисӣ пайғамбаранд», балки бандаи садақа, ғуломи хӯҷаин, фармонбардори супориши подшоҳ ва гирифторони ором додани нафси худ ва аз воситаҳо ҳастанд. Ноиби худову ворисӣ пайғамбар чаро садақа ситонад, чаро ба пулдорону боён банда ва фар-

[1] Дар ҷумла мисраи дуюми байти зерини Ҳофиз истифода шудааст.

Ҳуснат ба иттифоқ малоҳат ҷаҳон гирифт,
Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт.



https://bikhon.tj/

монбардор бошад?.. Не! Эшон муфтхӯрони беномусанд. Масали онҳо масали зоғу сиёҳгӯш аст, ки худ дасту бозуи шикор надоранд, пеши по ё болои сари даррандагони бузург мешаванд, то онҳо шикоре аз по дароранд ва инҳо аз помондаи лошаи онҳо шикам пур кунанд. Бинобар ин, моро аз иттиҳод боз медоранд; бинобар ин, моро ба пос доштани ҳаққи намаки хӯҷаин далолат мекунанд ва бинобар ин, моро ба итоати подшоҳ мехонанд.

Ягон вақт касе надидааст, ки онҳо бойеро ваъз карда бошанд, то хизматгорашонро озор надиҳад; ё подшоҳеро далолат намуда бошанд, то мазлумонро ҳимоят намояд. Бояд мо ба суханони эшон ҳеҷ гӯш надиҳем ва бо иғвояшон аз иттиҳоду иттифоқи худ боз намонем. Агар аз ин зиёд ба кори мо халал расонад, аввал онҳоро аз миён бардорем.

Як қуввати дигаре, ки соҳибони сармоя, хӯҷаинҳои зовуд ва дигар корхонадоронро нигаҳдорӣ мекунад, ҳукуматӣ ва полиси ӯст. Модоме ки даромади ҳукумат, хӯроку пӯшоки маъмурон ва миршабони ӯ аз зироату саноат аст, ки ин ҳам ҳосили ранҷи дасти монанди мо деҳқонҳои хокпошу коргарони меҳнаткаш аст, чаро ӯ ҳомии мо нашуда ба душманони мо ёрмандӣ мекунад?

Пас маълум мешавад, ки ҳукумати подшоҳӣ нон аз мо мехӯрад ва бо хуни мо теғи худро тез мекунад; пас маълум мешавад, ки ҳукумати подшоҳӣ шарики сармоядорону гумоштагони соҳибони корхона ва заминдорони калон будааст. Ба иборати дигар, маълум мешавад, ки ҳукумати подшоҳӣ сардори дуздону панҷякхӯри роҳзанон будааст. Моро лозим аст, ки ҳарчи зудтар арбоби ҳукумати подшоҳиро ва тартиби



https://bikhon.tj/

ҳукуматдории эшонро аз миён бардорем ва ихтиёри корро ба дасти касоне супорем, ки баргузидаи мо бошад. Чун аксарияти азимаи аҳолии мамлакат мо муздорон ва деҳқонон ҳастем, ба шарти иттиҳод ва иттифоқ ба қувваи ҳукумати подшоҳӣ ғолиб хоҳем омад. Қувваи намоёне, ки ба дасти подшоҳ аст, аскар аст. Агар нек нигаред, он ҳам аз синфи мо буда фарзандони деҳқонони фақир ва коргарони ранҷбар аст. Кадом писари бой милтиқ бардошта ба сарҳад рафтааст ва кадом домоди соҳибони зовуду фабрик бо нони сиёҳ қаноат карда, дар гармову сармо кӯҳу биёбонро пиёда паймудааст.

Ғояташ ин аст, ки аскарро ҳукумати подшоҳӣ фирефтааст, бо вазъу насиҳати муллоён, бо тавбаву қасам додани пӯпҳо аскар асири дарбори ҳукумат шудааст.

Агар мо ҳақиқати ҳолро ба воситаи ташвиқотчиёни суханвари худ ба эшон фаҳмонда тавонем, тӯпу милтиқе, ки ҳукумати подшоҳӣ ба дасти эшон барои дар чанбари итоат доштани мо додаст, ба сӯйи худи ӯ оташфишонӣ хоҳад кард…

Ҳарчанд дар аввалҳои кор ин гуфтугузорҳо танҳо дар миёни коргарони аврупоӣ мерафтанд, кам–кам мусулмононро ҳам дар доираи музокироти худ даровар-данд, ҷиддан, танҳо ба камоли эҳтиёту пинҳонӣ ташвиқот мекарданд, дарси инқилоб ёд медоданд ва сабақи ихтилол меомӯхтанд.

Аз миёни коргарон касе, ки аз ҳама бештар ин суханонро хақиқат дониста гӯш кард, Одина буд. Одина аз саргузашти худ, хурд бошад ҳам, ба ин суханон мисолҳо ёфта метавонист: ӯро дар сояи тартиби ҳукумати амир магар ба Арбоб Камол ғулом карда надода ба-



https://bikhon.tj/

данд? Барои ин ғуломи калонони қишлоқ, хусусан Мулло Хокироҳ магар кам кӯшиш кард?..

Холо чизе, ки Одинаро хурсанд мекард, ин буд, ки акнун вай монанди пештара танҳо набуд, акнун вай барои кушода гирифтани дардҳои худ ё ин ки барои тарҷума кунонидани забони ҳоли худ ҳамдардҳо дошт; акнун вай ҳақ надошт, ки «дар ҳаст, ҳамдард нест» гуфта бинолад.

Танҳо дарди Гулбибӣ дарди гули аз булбул ҷудо мондаи Одинаи дурафтодаро як дам ҳам бошад, осуда намегузошт. Зӯрии ин дард дар ин ҷо буд, ки барои кушода гирифтани ин ягон ҳамдард ёфт намешуд, дардҳои сиёсиву иқтисодии дар зовуд буда, аҳли дарди ин ҷоро аз шунидани дарди гулбибиҳо ва аз аҳамият додан ба он дур карда буд.

Одина маҷбур буд, ки ин дардро танҳо кашад, ин талхинро танҳо чашад ва ин борро танҳо бардорад.

## ФЕВРАЛ – МАРТИ 1917

Аз аввалҳои моҳи феврали 1917 сар карда нолиданҳои аз ҳукумати подшоҳӣ аз таҳхонаҳо аз хонаҳои зеризаминӣ ба майдонҳои кушода даромадан гирифт, хиёнатҳои аҳли дарбор, гуруснашмӣ ва ҳаннотии аҳли бозор, хусусан бо тиру дору, яъне бо ҷони одамон савдогарӣ кардани идораҳои ҳарбӣ ва вазири ҷанг ҳар ҷо ошкоро гуфтугузор меёфт. Бозиҳои мурдоркоронаи Распутин[1] аз чашми ҳар гуна коргарони бесаводу

[1] Распутин – аслаш аз Сибирия, як аспдузд буда, бо либосҳои рӯҳонигӣ ба ҳарами подшоҳ роҳ ёфта буд; дар ин ҷо аз худи подшоҳ гирифта то зану духтарони ӯ ба вай ихлос пайдо карда барои иҷро кардани ҳар гуна мурдоркориҳои ӯ, ки қалам ба навиштани он мешармад, роҳ ку-



https://bikhon.tj/

деҳқонони пасмонда ҳам қудсият – покии подшоҳро афтода буд.

Дар мамлакат нон нест, пӯшокӣ нест, дору ва даво нест; дар сафи ҷанг тир нест, дору нест, милтиқ нест, тӯп нест, касалхона нест. Хоҳ дар сафи ҷанг бошад, хоҳ дар паси ҷанг танҳо як чиз ҳаст: марг! Мурдан! Аз гуруснагӣ, аз бараҳнагӣ, аз бепарасторӣ мурдан! Дар фабрикаҳо дар зовудҳо мурдан! Дар сафи ҷанг бо дастҳои холӣ, бе милтиқу дору дар дами тиру тӯпу милтиқ ва пулемёт мурдан! Дар ҳар ҷо ва ба ҳар ҳол мурдан, мурдан, буду бас.

Ин аҳволи умумӣ ба зовуди пахтатозакунӣ, ки яке аз қиссаи мавзӯъҳои мост низ бетаъсир намонда буд; дар ин ҷо ҳам коргарон аз гуруснагӣ, аз бадҳазмӣ, аз тиф, аз варами шуш мемурданд.

4 марти соли 1917 ( ба ҳисоби кӯҳна) буд. Чарҳои зовуд бо губчак – гарданаҳои хӯрдашуда, бо дандонаҳои судашуда бо тасмаҳои фарсудаи худ монанди идораҳои ҳукумати подшоҳӣ зӯр мегаштанд: як усто чархи калонро аз назар мегузаронид: як коргар ба гардани ҳамин ҷарх равған мерехт; як чинчӣ пай дар ҳам ба ду баст, ду смен кор карда пинак рафта, бо як чӯби ниморшинӣ[1], ки дар даст дошт, тирҳои ҳаллоҷии пунбадона хоидаро пок мекард. Ҳамин чинчӣ якбора як фарёди ҷонхароше карда, ба даруни хонаи паси ҳаллоҷӣ афтод. Устое, ки ба чархи калон нигоҳубин мекард, мехост фуромада ба чинчии фалокатзада ёр-

шода буданд. Оқибат яке аз хешовандони подшоҳ дар арафаи Инқилоби феврал вайро кушта, теғи коргаронро аз олуда шудан ба хуни мурдори ӯ халос карда буд.

[1] Чӯби ниморшинӣ – оршин – воҳиди андозаи дарозӣ, ки дар Русия ба 71см баробар ва онро дар тоҷикӣ олчин гӯянд.



https://bikhon.tj/

мандӣ расонад, чоки либоси меши даридааш ба дандонҳои чарх андармон шуда худаш ҳам ба либоси худ ба чарх печида рафт. Чарх, ки аз ҳаракати одиаш берун шуда бо зӯрӣ мегардид, тасмаро, ки дар асл фарсуда буд, канда партофт; нӯги тасмаи кандашуда ба миёни коргаре, ки ба гардана равған мерехт, бархӯрда ӯро ҳам ба коми чарх фиристод.

– Ҳамаи ин ҳодисаҳо дар як дақиқа ва чунон ба зудӣ воқеъ шуд, ки бонг (гудок)–и фалокати аз тарафи зовуд задашуда бо фарёди ҷонхароши чинчии фалокатзада ҳамроҳ шуда, ҳавои як марши мотамро ба майдон оварданд. Дар ҳақиқат ҳам барои коргарон мусибати сахте рӯй дода буд: дасти чинчӣ то оринҷ бо тири ҳаллоҷӣ хоида шуда, худаш ба ҳолати марг афтода буд; усто ва мардикори равғанрез бошад, онҳо фурсати фарёд кашидан ҳам наёфта сар то пояи он реза–реза шуда аз дунё гузашта буданд.

Дар ҳамин сеххои зовуд кор хобид, коргарон ба майдони зовуд ғун шуданд, ҷасади ниммурдаи чинчӣ ва ҷасади пора–пора шудаи устову равғанрезро дар пеши ҷамоат гузошта буданд.

Митинг сар шуд, коргарон яке аз думболи дигарӣ ба болои тойи пахта баромада гап мезаданд, аз тартиби ҳукумати подшоҳӣ, аз гурусначашмии зовудчӣ шикоят мекарданд, махсусан айби имрӯза фоҷиаро ба гардани хӯҷаину директори зовуд бор мекарданд, дар ин бора яке аз устоҳо эзоҳ дода гуфт:

– Ман як моҳ аст ба хӯҷаин ва директори ӯ мегӯям: «тирҳои чарх хӯрда шуда, гарданаҳои кафида, тасмаҳо фарсудаанд; бо ин ҳол роҳ равондани зовуд хатарнок аст; ё бояд корро хобонем, ё асбобҳои нав ёбед». Онҳо мегуфтанд: «Як асбоб ин вақт чанд сум меистад? Ва-



https://bikhon.tj/

зифаи ту то мумкин аст кор фармудани ҳамин асбобҳо аст. Хатар магар нест, фалокат шавад ҳам ба ту чӣ?..»

Коргарон, ки то ҳол ба андак ҳаракати худ ба сари худ шофи полис ва тозиёнаи казаконро медиданд, имрӯз ба ҳар ҳодиса шуда буданд. Онҳое, ки монанди тапонча яроқҳои оташбори пинҳонӣ доштанд, бо худ бардоштанд, касоне, ки яроқи оташбор надоштанд, хоискҳо, оҳанпарчаҳоро ба даст гирифта мусаллаҳ шуданд, ба муқобили ҳуҷуми казакон ба дарвозаи калони зовуд тойҳои пахтаро чида шинак бастанд ва ба дарвозаи хурд посбон гузоштанд, ки дарояндаву бароянадаро тафтиш мекард.

Зовуд намуди майдони ҷангро ба худ гирифта буд, митинг давом мекард, аммо на аз полис ва аз казакҳо асаре не. Ба ҷойи онҳо аркони ҳукумати маҳаллӣ бо либосҳои фуқароӣ ва аъзои идораи зовуд бо гарданҳои хам ба пеши коргарон омаданд. Инҳо ба «Долой! Долой! Дафъ шав! Нест шавед!» гуфтани коргарон нигоҳ наркарда ба гап даромаданд, назар ба қавли онҳо ҳар коре, ки то ҳол дар ҳаққи коргарон шудааст, гӯё ба хоҳиши шахси подшоҳ будааст, имрӯз, ки подшоҳ бекор шудаст, зовуд барои коргарон «ҷаннат» мешудааст ва онҳо бо расонидани ин мужда ба когарон худро бахтиёр мешумурдаанд ва ба ин муносибат коргаронро аз «сидқи дил» табрик мекарданд…

Дар ҳақиқат ҳам хабари бекор шудани подшоҳ, ки сабаби кушода шудани дари саодат ба рӯйи коргарон аст, шоёни табрик буд, ки ин хабар митинги нафрату норозигиро ба намоиши шодӣ бадал карда, маҷлиси мотамро маҳфили тӯю суруд гардонид.



https://bikhon.tj/

* * *

Ҳодисае, ки имрӯз дар зовуд воқеъ шуда буд, хурдтараки он ҳодисае буд, ки се–чор рӯз пеш аз ин (27–28 феврал ба ҳисоби кӯҳна) дар Петроград рӯй дода буд ва оммаи меҳнаткашони Петроград ба ҷонашон расида «интиқом!» гуфта ба кӯча баромада буданд, аскарон, ки ҳукумати подшоҳ аз он ёрмандӣ мехост, низ ба сафи коргарон ҳамроҳ шуда, ба муқобили ҳукумати подшоҳ бархоста буд.

Думаи давлатӣ[1], ки ба ҳар восита бошад, ҳукуматро ба дасти худ нигоҳ доштан мехост, подшоҳро аз тахт фуромада эълон карда, худ ба роҳбарӣ гузашта ҳукумати муваққатӣ[2] барпо кард: аъзои Думаи давлатӣ аз эсер Керенский[3] гирифта то кадет Милюков[4] ва монархисти сиёҳдил Гучков[5] ба ин ҳодиса ҳароҳӣ карда худро ба назари омма «инқилобчӣ» нишон додан мехостанд.

---

[1] Думаи давлатӣ–муассисаи намояндагии давлатии Ҳукумати подшоҳии Рус, ки дар моҳи апрели 1906 ташкил шуда буд. Нависанда Думаи чорумро (15 ноябри соли 1912–27 феврали 1917) дар назар дорад.

[2] Ҳукумати муваққата – (Ҳукумати муваққатӣ) – дар Русия органи марказии ҳокимият, ки дар натиҷаи созиши байни кумитаи муваққатии думаи давлатӣ ва роҳбарони эсеру меншевикӣ, Комиҷроияи Шӯрои депутатҳои коргарону солдатҳои Петроград 2(15) марти соли 1917 барпо шуда, 25 октябри (7 ноябр) соли 1917 бо ғалабаи Инқилоби Октябр барҳам хӯрд.

[3] Керенский Александр Федорович – (1881 – 1970) – ходими сиёсии буржуазия рус, аъзои ҳизби эсерҳо, аз марти соли 1917 дар ҳайати Кумитаи муваққатӣ вазири адлия, вазири ҳарбӣ – баҳрӣ, аз 21 июл вазир – раис, аз 12 сентябр сарфармондеҳи олӣ буд.

[4] Милюков Павел Николаевич – (1859 -1943) – таърихшинос, сарвари ҳизби кадетӣ, вазири корҳои хоҷагии Ҳукумати муваққатӣ, идеологи асосии буржуазияи рус ва давомдиҳандаи ҷанги якуми ҷаҳон.

[5] Гучков Александр Иванович – (1862 – 1936) – яке аз роҳбарони ҳизби буржуазӣ – монархистӣ (октябристҳо)-и Русия, ки дар ҳайати Ҳукумати муваққатӣ вазири ҳарбӣ – баҳрӣ буд.



https://bikhon.tj/

Ин воқеа дар вақту соати худ (дар якуми март ба ҳисоби кӯҳна) ба Туркистон[1] маълум шуда бошад ҳам ҳокимҳои он ҷо «то табар омадан кунда меосояд» гӯён ин хабарро махфӣ нигоҳ дошта як–ду рӯз бошад ҳам, дабдабаи ҳукмронии худро давом кунонидан мехостанд.

Оқибат офтобро бо доман пӯшонидан мумкин нашуд. Хабари аз тахт фуромадани подшоҳ чун офтоб ба назари ҷаҳониён ҳувайдову намоён гардид.

4 март ҳокимони Туркистон ҳам хабари бекор шудани подшоҳро ба мардум расман эълон карда маҷбур шуданд, ки ба шодиёнаи умумӣ худро ҳамроҳ нишон диҳанд. Аз ин ҷумла аҳли идораи зодвуди мо, маъмурони ҳукумати маҳаллӣ ин ҳодисаро ба коргарон хабар дода, ба теғи ғазаби онҳо, ки ба муқобили худашон меҷӯшонид, оби сард рехтанд ва бо ин ҳилла аз интиқоми коргарон, ки ба пеши чашмашон намоён шуда буд, муввақатан ҳам бошад, гиребони худро халос карданд. Коргарони зовуд ба ҳолату тантанае, ки ба монанди он рӯз аст, байроқҳои сурхи инқилобро бардошта ба намоишу шодиёна[2] баромаданд. Суханварони оташзабон муқаддимаеро, ки дар болои ин фасл ёд кардем ва пеш аз афтодани ҳукумати подшоҳӣ

---

[1] Туркистон –истилоҳи ҷуғрофие, ки пас аз истилои Осиёи Миёна аз соли 1886 ин сарзамин бо таъсири гурӯҳҳои туркпараст расман «кишвари Туркистон» эълон шуд, ба истисноии аморати Бухоро ва хонии Хева тамоми масоҳати ҷанубии Қазоқистон ва Осиёи Миёнаро дарбар мегирифт. То ғалабаи Инқилоби Октябр мафҳуми Туркистон нигоҳ дошта шуд ва баъд аз Инқилоби Октябр боз мафҳуми Осиёи Миёна ва Қазоқистон барқарор шуд.

[2] Шодиёна – як навъи навохтани дойра, сурнай ва дигар асбобҳои мусиқӣ ҳангоми шодӣ ва мукофот додани касе.



https://bikhon.tj/

ин суханон танҳо дар хонаҳои зеризаминӣ ва дар мобайни ранҷбарон махфиёна гуфтугузор мешуданд, бо шарҳу иловаҳо мегуфтанд ва ба ҷисми афсурдаи коргарони мазлум рӯҳҳои инқилобӣ медамиданд.

Синфи ранҷбарон ба шодиёнаи имрӯз дар кӯчаҳо бо як овоз суруди озодиро [1] месуруданд.

I

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.

То ба кай ғусса хӯрдан ба ҳасрат.
Баъд аз ин шодмонӣ намо!
Бас ҷафо, бас ситам..., эй адолат!
Дар ҷаҳон ҳукмронӣ намо!
Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин ҷаҳон ҳукмрон бод.
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

---

[1] «Суруди озодӣ» ё «Марши ҳуррият» – зери таъсири сурудҳои инқилобии «Интернатсионал» ва «Марселеза» соли 1918 таълиф гардида, бори аввал дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» (1919, № 23, 7 декабр) дарҷ гардидааст. Ин суруд аз тарафи С. Айнӣ борҳо таҳрир ёфтааст. Аз ҷумла, мисраи чоруми он дар матни рӯзномаи «Одина» – «Ҳуррият, адолат мусовот», дар дастхат ва матни 1917 – «Ҳуррият, адолат, иттифоқ!», дар нашрҳои минбаъдаи қисса – «Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!» Ва дар маҷмӯаи «Ёдгорӣ» (Сталинобод, 1935, с. 13) «Пролетор, пролетор, пролетор!» аст.



https://bikhon.tj/

II

Хуни мо шуд ҳадар, рӯзгорон
Бар муроди ду–се нобакор.
Бар муроди дили дӯстдорон,
Ҷони ин нобакорон барор!
Дар ҷаҳон зулми золим намонад,
Ҳам ҷафо, ҳам ситам, ҳам нифоқ.
Дар ҳама шаҳди шодӣ чашонад,
Раҷбар, барзгар бо тифоқ.
Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон! –
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод.
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

III

Ҳар ситамгори дун хурраму шод
Солҳо ҷоми ишрат чашид.
Дар шаби тираи ҷавру бедод,
Ҳар ситамдида меҳнат кашид.
Оқибат офтоби адолат.
Бар сари бенавоён битофт.
Аз ҷаҳон нест шуд зулму зулмат,
Мустабид дар ҷаҳаннам шитофт.
Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод.
Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!

Фарзанди одам дар ду рӯз дӯстону дилбастагони худро зиёдтар ёд мекунад: яке дар рӯзи бадию ғамгинӣ, дуввум ба рӯзи хурсандию шодмонӣ. Одинаи мо,



https://bikhon.tj/

ки дар рӯзҳои одиву муқаррарӣ лаҳзае аз ёди дилороми худ Гулбибӣ фориғ набуд, дар ин рӯзи фирӯз, ки бо умумӣ ранҷбарон ҷашну шодмонӣ менамуд, сад чанди аввала маъшуқаи худро ёд карданаш табиист. Вай мехост, ки ҳар чӣ зудтар ба ватан бозгардад ва ин воқеаҳоро, ки боиси шодмонии одамӣ шудааст, ба маҳбубаи худ ҳикоят карда ӯро ҳам аз ин иди саид баҳраёб гардонад. Танҳо бинобар баста будани роҳи кӯҳистон аз ҳуҷуми барфи зимистон ночор мунтазири фурсат шуда ва чашм дӯхта буд, ки зудтар тобистон расад, роҳ кушода гардад, то ки бо аввалин қофилаи равандагон ҳамроҳ шуда азми сафари диёр намояд.



https://bikhon.tj/

## ҚИСМИ СЕВУМ

## БОЗГАШТ

Одина се соли пурра дар зовуд кор кард. Ҳарчанд музди хизматаш кам буд, азбаски нахӯрд, нанӯшид ва сарфакорӣ кард, ба нияти тӯй хеле чиз посира намуд; як тӯб сатин, як тӯб чит, як тӯб суф, ду рӯймоли фарангӣ, як либосвор шоҳӣ ва як ҷуфт кафшу маҳсиро пеш–пеш харида дар хӯрҷин ҷой карда монда буд. Гумон мекард, ки ҳар гоҳ Гулбибӣ ин чизҳоро бубинад, се соли ҷудоиву бекасиро, ки бояд дар ин муддат хеле душвориҳо дида бошад, аз хотир фаромӯш хоҳад кард.

Одина модаркалони меҳрубони худро низ аз ёд набароварда буд: барои ӯ савғотӣ гӯён як либосивор чит, як либосивор суф ва як қарвор дока харид. Барои бачагони қишлоқ ва ҳамсоягон қадре қанд, қандалот, конфету чой харида ба кӯлвор андохтанро фаромӯш накард.

Моҳи марту апрел мавсими кори зовуд тамом шуд, роҳи кӯҳистон ҳам андаке аз барф пок шуда, ба қавли кӯҳистониён, ағба хартоз шуд, қофилаи муҳайёи сафар гардид. Одина ба се сӯм[1] барои бор кардани колаи худ маркабе харида, бист тангаи нақдаи бухориро ба миён баста бо қофилаи муздурон ба роҳ баромад.

Одина ба роҳ баромад, аммо дилаш аз ғояти изтироб аъзои баданашро дар ларза андохта буд, зеро пешомади худро намедонист: оё сиҳат, саломат ба ватан мерасида бошад? Ё ки дар роҳ талаф шуда орзуҳои

[1] Сӯм – воҳиди пул, ки таркибан ба 6,6 танга (танга баробари 15-20 тин) рост меояд.



https://bikhon.tj/

худро ба гӯр мебурда бошад? Баъд аз ба ватан расидан оё маҳбубаи худро, ҳамчуноне ки гузошта буд, дар хона меёфта бошад? Агар ба ӯ осебе расида бошад ё ба чанголи дигаре гирифтор шуда бошад, пас ҳоли дили номурод чиҳо хоҳад шуд?

– Агар толеъ мадад карда номзади худро бе ҳеҷ осебе дар хонаи худ саломат дарёфт, оё хотирҷамъона тӯю тамошо карда, дар миёни дӯсту душман ошкоро «ин моҳсимо рафиқаи умри ман шуд» гуфта метавониста бошад? Ё ин ки ба финаву фасоди Арбоб Камол дучор шуда ба зиндони ҳокими вилоят гирифтор ва ё дувумбора ба фирор аз ёру диёр ночор мешуда бошад?

– Ин хаёлҳои талху ширин, ин гумонҳои неку бад ва ин васваҳои пурташвиш, ки ҳеҷ ошиқи шайдое аз худ дураш карда метавонад, Одинаи бехонумонро, ки саргузашти махсусе дошт, лаҳзае ба ҳоли худ ором намегузошт.

Одина асбоби сафарро ба маркаб бор карда, ӯро пеш андохта, худ чӯбдастае гирифта аз думбол пиёда мерафт. Аммо хаёлаш гирифтори андешаҳои дар боло навишташуда буд, гоҳо дилаш аз ғояти умедворӣ ба ҷӯш омада ҳамроҳи корвониён «Нақши мулло» мегуфт ва муносибати ҳоли худ ин нақлро месуруд:

*Домани кӯҳ, лолаи анбӯҳ,*
*Бар сари ман ҳавои ту зиёда карда.*
*Роҳ пур аз санг, маркаби ман ланг,*
*Шавқи ту дар роҳи туам пиёда карда.*
*Кабк паридо, аз чӣ рамидо?*
*Тири нигоҳе магараш нишона карда?*
*Мурғи хушилҳон – булбули хушхон*
*Васфи гули рӯйи туро тарона карда.*



https://bikhon.tj/

Ва гоҳо аз камоли маъюсиву навмедӣ дар дарёи андӯҳу андеша фурӯ рафта, чун ғарқшудагони дар об аз худ бехабар роҳ мерафт.

Қисса кӯтоҳ, корвоне, ки Одинаи мо ҳам рафиқи он буд, ба сарҳади хоки Қаротегин расида манзил гузиданӣ шуд. Корвониён ҳанӯз бору бунаи худро фуруд наоварда буданд, ки одамони зотчӣ ва навкорони ҳокими Қаротегин атрофи онҳоро фурӯ гирифтанд, бору бунаи онҳоро ба гӯшае гирд оварда қаравул гузоштанд, маркабҳоро ҳам ба тарафе қӯшок карда бастанд, худи аҳли қофиларо ба гӯшае бандивор нишонданд. Баъд аз ягон–ягон ба ташвишу ковтуков даромаданд: либосҳои мусофиронро то нифаи эзорашон кӯк канда диданд. Астару абраи ҷомаҳояшонро чок заданд, чоруқҳояшонро аз пояшон кашиданд. Дар ин кофтуков ҳар чӣ нақдина, ки ёфтанд ба як рӯймоле, ки дар пеши мири закотчӣ паҳнкардагӣ буд, андохтанд. Албатта, дар ин яғмои умумӣ бист тангаи Одина ҳам рафт.

Корвониён фарёду фиғон мекарданд, бо лобаву хушоматгӯйӣ ба навкарон ва закотчӣ мегуфтанд:

– Ба ҳоли мо раҳм оред! Мо дар Туркистон арақи ҷабин рехта, нахӯрда, нанӯшида, нафақаи аҳлу аёл гӯён ин панҷ – шаш пулро захира карда будем, раво медоред, ки баъд аз чандинсола мусофирату ғурбат дасти хушк ба пеши хурду резаҳои худ биравем…

Закотчӣ гуфт:

– Мо мусулмонем, шумо ҳам мусулмонед ва табааи подшоҳи исломед, бояд ба ҳукми подшоҳу аҳкоми шариат итоат кунед! Мо бору бунаи шуморо мебинем, ҳисобашро месанҷем, ин нақдинаҳоеро, ки гирифтем, ба ҳаққи закотҳои молҳоятон ҳисоб мекунем ва ба



https://bikhon.tj/

дасти шумо хати закот медиҳем, ба сабаби он хат шумо аз дастдарозии дигар омилони закот эмин мемонед ва ба хонаи худ саломат меравед. Ин амр, амри подшоҳу ҳукми шариат аст. Ҳар кас аз ин амр гардантобӣ кунад, молашро ҳам «ярғу»[1] гӯён подшоҳӣ мекунем[2] ва дудашро дар банди занҷир кашида ёғивор ба зиндони Қаротегинаш мефиристонем, дигар ҷойи гап нест, вассалом.

Бечорагоне, ки дар ғами панҷу чор накдинаи худ хун мехӯрданд, бақияи молу ашёи худро низ дар наздикӣ талаф шудан дида, ночор лаб фурӯ бастанд ва ризо ба қазо дода сар ба зер андохта нишастанд.

Навбат ба тафтишу ковтукови борҳо омад, кӯлвору хӯрҷинҳоро ягон–ягон кушоданд, ҳар матое, ки ба назарашон хубтар менамуд, якерро савғои мо, дигареро ин ба ҷаноби мири ҳоким муносиб аст ва они дигарро ин барои бегиҷон бисёр мувофиқ аст гуфта мегирифтанд.

Навкарони хурд ҳам дар навбати худ аз рӯймолеро дар бағал задан ва аз лӯндаи қандеро дар киса андохтан рӯй наметофтанд. Корвониён, ки ҳама муздур диданд, ҷуз гиряву зорӣ дигар чорае надоштанд. Аммо навкарони сангдил ба фарёди гиряолуди ин мазумон ба хандаи истеҳзо «масхара доштанд» муқобилӣ мекарданд.

Муздуроне, ки ба зовудҳо кор карда, ба ин намоишҳои Инқилоби Феврал ҳамроҳӣ намуда, вазъи инқилобиро шунида буданд, имрӯз ба яқин донистанд,

---

[1] Ярғу – бо фармони подшоҳ ё ҳокимони он мусодира кардани молу мулки касе, ки лоиқи ҷазо дониста шудааст.

[2] Подшоҳӣ кардан – мусодира кардан, ба тарзи ҷазо ба фоидаи ҳукумат ситонидани молу мулки каси ҷазодида.



https://bikhon.tj/

ки аҳли зулму бедод, арбоби истибдод аз кадом дину миллате, ки бошанд, ҷуз тороҷ кардани зердастони худ кори дигаре надоштаанд. Дину шариат асбоби мардумкушӣ ва силоҳи яғмогарии онҳо будааст. Наҷот аз ин маҳлака «як шудани пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо» будаасту бас.

– Хулласи калом, навбат ба кушодани бори Одина расид, ҳамин ки як тӯб сатини сурхи парчагули синдил намудор шуд, закотчӣ беихтиёр аз ҷойи худ барҷаста, монанди калхоте, ки парчаи гӯштеро дида, бо иштиҳои том чанг занад, тӯби сатини мазкурро чангол зада гирифта:

– Ҳай–ҳай, ин хуб мол будааст, бегиҷони хурдӣ ба ҳамин нусха як тӯб сатин супориш карда буд, бобои ин шахс аст,– гуфта ба яхдони[1] андохт.

– Одинаи бечора, ки ҳанӯз ғами бист тангаро фаромӯш накарда буд, ин ҳолро дида ба чашмони пуроб бо як ҳолати бечорагӣ гуфт:

– Ҷаноби бек! Ба пот мирам, ҷонам фидоят, ба пеши пои бачагонат мирам, ин сатинро ба нияти тӯй гирифтам, раво мадор, ки тӯйи ман азо шавад. Чӣ мешавад, ки инро ба ман бубахшӣ, ба ҷавониву номуродии ман раҳм кун!

Закотчӣ гуфт:

– Бача бисёр фарёд макун! Худ мегӯӣ, ки тӯй дорам. Магар ба бегиҷон тӯёна намедиҳӣ? Ин чӣ бешармӣ аст?

Закотчӣ ғайр аз ин рӯймоли фарангро гирифта ба ҷайби худ зада «ин тӯёнаи мост» гуфта ханда мекард. Гиряву зории Одинаро масхара медошт.

---

[1] Яхдон – сандуқи чармин аст, ки дар сафари аспакӣ як ҷуфти онро ба як асп бор мекунанд.



https://bikhon.tj/

– Дар вақти ковтукови молҳо аз бори Шариф ном саройбон ду қадоқ чойи кабуд баромад, ки ба як нусха рӯзномаи кӯҳна печонидагӣ буд. Закотчӣ рӯзномаро дида, ба навкарони худ фарёд зада гуфт, ки «бубинед ин ҷадидро»[1]. Навкарони гургманиш, ки «сала биёр» гӯянд кала меоваранд, Шарифи бечораро лагадкӯб карда бо ресмоне дасту пояшро баста ба гӯшае гузоштанд.

Закотчӣ ба корвониён гуфт:

– Оё дар миёнаи шумо хешу табор ё ёру ошнои ин мурдат ҳаст? Нишон диҳед!

Корвониён, ки аз сабабу ҳикмати ин бигиру бубанд бехабар буданд, дар ҳайрату бим афтода бо сад тарсу ларз гуфтанд:

– Ин мардакро мо намешиносем, танҳо рафиқи роҳи мо аст.

Закотчӣ дубора қофиларо пурсиш мекард ва мегуфт:

– Рост бигӯед! Кадоми шумоён ҷадидед!

Корвониён, ки аз масъалаи ҷадиду қадим тамом бехабар буданд:

– Мо Ҷадидро намешиносем ва ба ин ном касеро надидаем,– гуфта ҷавоб доданд.

Дар ҳақиқат ин бечорагон ҳама бесавод буданд, шабу рӯз дар меҳнати сиёҳи худ саргардон буда, аз воқеаҳое, ки дар ин солҳои охири дар Бухоро ба болои ҷадиду қадим воқеъ шуда буд, хабардор набуданд. Аз ин моҷаро, магар «Ҷадид» номи гунаҳкоре будааст, ки гурехтааст ва ӯро суроғ мекунанд, гуфта гумон бур-

[1] Ҷадид – ҳаракати миллии маорифпарварӣ, ки солҳи 80-уми асри XIX пайдо шуда, охирҳои асри XX дар Осиёи Миёна паҳн гардид.



https://bikhon.tj/

данд. Бинобар ин: «мо Ҷадидро намешиносем ва ба ин ном касеро надидаем» мегуфтанд.

Хулласи калом, ашёву маркаби Шарифро подшоҳӣ карда худашро ба нигаҳбонии ду навкар ба Қаротегин фиристоданд[1]. Дигарон корвониёни тороҷдида ҳам ба ҳолати табоҳе рухсат ёфта, ба роҳ даромаданд.

Вақте ки корвониён ба даруни вилоят даромаданд, дар ҳар ҷойе, ки ноиби қозӣ, амлокдори ҳоким ва закотчӣ ба онҳо вомехӯрданд, баъзе ба номи закот ва баъзе бо номи савғотӣ аз онҳо чизе базӯру заҷр меситониданд. Дар ин қатор бештарин чизҳои аз тороҷи аввалӣ боқимондаи Одина ҳам рафт. Агар мусофирон хати закоти закотчии сарҳаддодаро нишон диҳанд:

– Инро нигоҳ доред, агар дарди сар шавед, тар карда мехӯред, ба мо лозам нест. Агар ба шумо даркор бошад, мо ҳар қадар ки хоҳед, ин гуна хатро дода метавонем, гуфта масхара медоштанд.

Муздурони бечора бо каму беш матоъ ва колае, ки аз тороҷ боқӣ монда буд, ҳар кадом ба тарафи хонаи худ рафтанд. Одина ҳамроҳи Сангин ном мардикоре, ки қишлоқаш ба деҳаи ӯ наздик буд, раҳсипор шуданд. Вақте ки онҳо ба сари дуроҳае расиданд, ки аз он ҷо ҳар кадом ба хонаи худ бо роҳи ҷудогона мерафтанӣ будаанд, Одина аз Сангин ба рӯзи тӯй омаданашро илтимос карда аз якдигар ҷудо шуданд.

---

[1] Ин воқеа дар моҳи июни соли 1917 воқеъ шудааст. Дар ин сол дар моҳи апрел ба муносибати аксулҳаракате, ки дар Бухоро воқеъ шуда буд, амир Олим ба ҳама вилояти Бухоро қаторхат фиристода, касонеро, ки ба ҷадидӣ шубҳаноканд, дастгир карданашро амр фармуда буд. Бинобар ин, монанди ин воқеа дар он замон на танҳо дар сарҳади Қаротегин, балки дар тамоми сарҳади Бухоро ҳар рӯз воқеъ мешуд.



https://bikhon.tj/

## БОЗДИД

Одина аз тарафи Арбоб Камол бим дошт, бинобар ин, рӯзона рӯйирост ба қишлоқ даромаданро ба худ салоҳ надонист, ба фурӯ рафтани офтоб ҳоло тахминан се соат вақт монда буд. Лекин ин сесоата интизорӣ барои Одина аз ҷодии сесола душвортар меомад: Одина гӯё ташнае буд, ки дар лаби дарё аз обаш маҳрум карданд, ё гуруснае буд, ки дар пешаш табақи ошу даҳонашро баста нигоҳ медошт.

Одина, ки «боз касе дида намонад» дар паси харсанге хобида буд, ду чашмашро аз офтоб намеканд. Офтоб он офтобе, ки ҳар рӯз бо баромадани худ аз сари Одина ғаму андӯҳҳои шабонаро қадре дур мекард, он офтобе, ки ҳар шаб бо фурӯ рафтани худ ба фурӯ рафтани Одина дар ғаму ғуса сабаб мешуд, имрӯз ба Одина таъсири чаппа медод, имрӯз Одина офтобро дӯст намедошт ва фурӯ рафтани ӯро аз ҷону дил хоҳиш дошт.

Лекин офтоб дар роҳ рафтан шитоб намекард ва ба андешае, ки дар дили Одина буд, ҳеҷ парво надошт.

Оқибат, ба оҳистагӣ бошад ҳам офтоб дар паси кӯҳ пинҳон шуд, лекин шуълаи вай ҳанӯз дар теғи кӯҳи тарафи муқобил пар–пар карда намоён мешуд; аммо ин шуъла монанди шуъла ҳаррӯзаи офтоб намуди хубе надошт, балки монанди шуълаи шамъҳои сари мазор ғаму андӯҳ пошида меистод.

Оқибат офтоби толеи Одина баромад, дунё ба назараш равшан шуд, чунки офтоб охирин шуълаи худро аз теғи кӯҳ гирифта ба уфуқ фурӯ рафта дунёро дар зери пардаи торикӣ андохта буд.

Дуруст аст, ки барои Одина рӯзи хушбахтӣ ё шаби



https://bikhon.tj/

бадбахтӣ будани имшаб ҳанӯз маълум набуд; лекин соати маълум кардани хубӣ ё бадии оянда ва халос шудан аз ин дақиқаҳои ҷудогонаи биму умед наздик расида буд.

Хар ҳам гӯё аз мақсади Одина хабар дошта бошад, пас аз сер кардани шикамаш бо торик шудани дунё ба пеши харсанг омада, барои саворӣ тайёр шуда истода буд.

Одина хӯрҷину кӯлворашро ба хар бор карда, дар муддати ин сафар танҳо ҳамин шаб худаш ҳам ба болои вай савор шуд; чунки ҳарчи зудтар ба манзил расиданро мехост. Хар ҳам, ки се соат боз пайваста чарида дам гирифтааст, хеле чолокона қадам мезад. Лекин Одина, ки зудтар агар мумкин бошад, парида рафтанӣ буд, ин рафтори харро хеле сусту оҳиста мепиндошт, бинобар ин, аз хар пиёда шуда ба сағрии вай як–ду халачӯб зада худ аз думболи вай давид. Аммо аз ин ҷо, ки пойҳояш дар ин чандрӯза пиёдагардии кӯҳистон обила зада буд, баробари хар роҳ рафта наметавонист. Ночор боз ба хар савор шуд; баъд аз чанд қадар роҳ рафтан боз дилаш тангӣ карда ба мақсади зудтар рафтан пиёда шуд. Ба ҳамин тариқа даме савора, даме пиёда шуда ба роҳсипори ҳавлии худ расид.

* * *

– Дар хона Бибиоиша дар ҷогаҳи худ ёзида гап мезад ва Гулбибӣ ба суханҳои ӯ гӯш дода, пойҳои ӯро мемолид. Агарчи ин суханҳо он гуна суханҳое буданд, ки Гулбибӣ ҳар шабу рӯз инҳоро гашта–баргашта мешунид, боз ҳам аз шуниданаш дилгир намешуд, балки толибу роғиб шуда мешунид, зеро суханони

Бибиоиша ҳамеша дар бораи Одина мерафт. Бештарини ин суханон ҳикоя ва таъсири хобҳое, ки Бибиоиша дар бораи Одина медид.

– Чунон ки бештарини хобҳои ӯ духӯра буд, ки хоби шаби гузашта дидагиаш ҳам ду тараф дошт, яъне ҳам ба хубӣ ва ҳам ба бадӣ таъбир кардани он мумкин буд! Шабонгоҳ дар вақте ки Бибиоиша бо Гулбибӣ хобида буданд, гӯё дузд ба хона даромадааст.

Бибиоиша;

– Ту чӣ гуна дуздӣ, ки ба хонаи кампири бепарво пахш карда даромада беҳуда метарсонӣ? – гуфтааст. Дузд дар ҷавоб:

– Ту як гавҳари бисёр қиматбаҳо дорӣ, ки вай ба ман даркор аст, гӯён худро ба тарафи Гулбибӣ партофтааст. Вақте ки Бибиоиша бо ҳазор тарсу ларз чароғро даргиронда менигарад, ки вай дузд набуда, Одинаи худаш будааст.

Бибиоиша ин хоби худро имрӯз чандин бор ба Гулбибӣ ҳикоя карда бошад ҳам, боз вақти хоб як бори дигар нақл карда дар бораи таъбираш гуфт, ки:

– Тарафи хуби ин хоб ҳамин аст, ки Одина ба зудӣ расида меояд, аммо тарафи бад ҳам дорад, ки аз вай худо нигоҳ дорад.

Бибиоиша тарафи бади хобро ба Гулбибӣ нагуфта бошад ҳам, худ ба худ меандешид: «Аҷаб нест, ки яке аз душманон ба қасди Гулбибӣ дуздвор пахш карда дарояд ва Гулбибиро, ки ҳаққи ҳалоли Одина аст, соҳибӣ кунад, ба ин муносибат он нохалаф дар хоб ба назари ман ба сурати Одина намоён шуда бошад».

Дар ҳамин вақт аз дар садои пойе шунида шуд. Бибиоиша, ки «мабодо тарафи бади хобаш рост набарояд» гуфта меандешид, як қад парида Гулбибиро



https://bikhon.tj/

нихта карда, ба баромадан аз дари дигар ишора кард. Ин вақт Одина аз дари пойгаҳ ба хона даромада буд. Бибиоиша ба ҳавли ҷон аз ҷой ҷаста:

– Ту кистӣ, дар хонаи як кампири бенаво дар ин вақти шаб чӣ кор мекунӣ? – гуфта фарёд кард.

Одина мулоимона:

– Модарҷон натарс, ман писарат Одина ҳастам, овоз дода ва Гулбибӣ будани каси аз дари боло берун баромадаро donиста аз хавотирҳое, ки дар роҳ андеша мекард, фориғ шуда қадре ором гирифт.

– Лекин барои Одина як хатари дигар рӯй дода буд. Чунон ки бо шунидани «писарат Одина» Бибиоиша «вой!» гуфта беҳуш афтода буд, инчунин садои ба замин афтодани Гулбибии ба таги дар ростистода ҳам шунида буд.

– Дар ҳақиқат ин дақиқа хоҳ барои Гулбибӣ бошад, хоҳ барои Бибиоиша дақиқаи таҳлуканоке буд. Аз рӯйи одат хурсандии аз ҳад зиёд ногаҳонӣ ва инчунин тарси сахти нохост рӯйдодаи сустдилона сабаби ҳалок мешавад. Бибиоиша ва Гулбибӣ бошанд, ҳар дуи онҳо як дақиқа ҳам ба тарси сахт ва ҳам ба шодии аз ҳад зиёд бархӯрда буданд.

Ҳар чӣ бошад, аз кушодаву пӯшида шудани дари боло маълум буд, ки Гулбибӣ худро ғун дошта гирифтааст, аммо Бибиоиша ҳанӯз беҳуш хобида буд.

– Одина ба халос шудани Гулбибӣ аз таҳлука далерӣ пайдо карда саросема шуда наистод: пойгаҳро даст–даст карда мундии обро ёфта, аз вай чанд каф об гирифта ба рӯйи модаркалони худ зад.

– Бибиоиша бо таъсири оби сард ба худ омад:

– Тарафи хубии хобаш рост баромад, гӯён нури дидаи худ Одинаро дар бағал кашида соате ба ҳой– ҳой



https://bikhon.tj/

гиряи шодӣ кард. Баъд аз он гӯгирд зада, чароғи сиёҳи худро даргиронд.

Чун чашми Бибиоиша ба Одина афтод, дигарбора дасти ларзони худро ба гардани ӯ андохта сару рӯяшро мебӯсид ва лабонашро мемакид. Танҳо ин бӯсаҳо ҳар қадар ки гарм ва ҳар қадар ки муҳаббатомез буданд, ҳамон қадар ҳам хушк буданд. Бечора кампири ҳафтодсоларо аз ин хурсандии ногаҳонӣ кому забон хушк шуда буд. Лекин ашкҳои шодӣ, ки аз чашмони ӯ пайваста мерехтанд, сару рӯйи Одинаро тар мекарданд, ба андозае ки гоҳ–гоҳ бо остин пок кардани рӯяш даркор мешуд.

Бибиоиша вақте ки қадре ором гирифт саргузашти сесолаи худро ва ҳуҷуми Арбоб Камолро ягон–ягон ба Одина ҳикоят кард.

Одина ҳарчанд шарм медошт, лекин аз ин зиёда тобоварӣ карда натавониста аз аҳволи Гулбибӣ пурсон шуд.

Бибиоиша гуфт:

– Шукр, Гулбибӣ саломат аст. Дарвоқеъ ман ӯро ба сабаби дидани ту фаромӯш кардам, гӯён аз ҷо хеста берун баромада Гулбибиро ба хонаи дигар гузаронида хобонид ва бозпас омада ба сухани худ давом карда гуфт:

– Ман мехоҳам, ҳарчи зудтар номзадатро ба дастат супорам танҳо чанҷоли Арбоб Камолро яктарафа кардан даркор аст. Бо Гулбибӣ, ки номзади туст ва ба зудӣ зани ту хоҳад шуд, то рӯзи никоҳ вохӯрӣ карданат мумкин нест. Пештар ту ва ҳам Гулбибӣ хурдсол будед, диданатон якдигарро зарар надошт, акнун ҳарду ҳам қадрас шудед, ба расми мардум риоя карданатон даркор аст.



https://bikhon.tj/

Ҳарчанд ин танбеҳ ба Одина ва ҳам Гулбибӣ, ки аз паси Бибиоиша зуд гашта омада ҳама суханҳоро аз паси дар мешунид, бисёр душвор буд, вале чӣ бояд кард? Расми бобоӣ ҳамин аст. Хуб, ин кор саҳл аст, агар зиндагист, ба зудӣ ба ҳамдигар хоҳанд расид. Танҳо масъалаи Арбоб Камол масъалаи басе мушкил аст. Аз ин маҳлака ба зудӣ халос шудан лозим, бо вуҷуди омадани ҳамаи орзуҳо ҳам ба ҳамин мавқуф аст.

Набераву модаркалон имшабро бо суҳбат рӯз карданд. Табиӣ, Гулбибиро ҳам хоб намебурд, бо шунидани овози рӯҳафзои Одина айёми фироқи гузаштаро талофӣ мекард.

## МУРОФИА

Одина имшаб тамоми шаб агарчи бо модаркалонаш суҳбат дошт, ҳавосаш тамом ба масъалаи Арбоб Камол банд буд, ҳарчанд андеша мекард, роҳи наҷот намеёфт. Охир ба худ андешид: «маросими тӯю ҳеҷ гоҳ махфиёна ва ҷогоҳӣ нахоҳад шуд. Ҳарчанд дар хона пинҳон монам, охир мебояд, ки як рӯз ба берун бароям, ё ин ки боз бо ёру диёр хайрбод гуфта, аз висоли Гулбибӣ дил канда ба вилояти ғурбат биравам, лекин барои ман ҷон кандан назар ба дил кандан аз Гулбибӣ осонтар аст. Он беҳ, ки ҳарчи бодо бод ба майдон бароям ва ҳарчи пеш ояд, бубинам. Шояд, ки роҳи наҷот ҳам дар ин миён ёфт шуда монад»

Одина баъд аз муҳокима чоштгоҳӣ ба кӯча баромад, ба масҷид рафта Мулло Хокироҳро, ки имоми он ҷо буд, дид, мулоқот кард, қадре қанду чойро раҳовард гӯён ба ӯ пешкаш намуд.

– Ҳоҷат набуд, ҳоҷат набуд, гӯён имом қанду чойро



https://bikhon.tj/

гирифта, дар ҳаққи Одина дуо карда ва ба арвоҳи падараш фотиҳа хонд, баъд аз он аз хубиҳои садақаву эҳсон шарҳҳо дод, иборатҳои арабӣ нақл карда маънидод намуд. Дар охир, гуфт:

– Ду шаб шуд, падаратро дар хоб дидам, ҳар ду рӯяш монанди себи сурх метофт, дар бараш либоси сафеди нав ва дар сараш дастор буд. Ба ман наздик шуда ба ман қадре қанду чой дода:

– Домулло, дар ҳаққи Одинаи ман дуо кунед ва дуои шумо дар ҳаққи вай, албатта, қабул аст, гуфт. Ҳоло ки мебинам ҳамин қанду чой ҳамин буд, ки падарат дар хоб ба ман дода буд. Аз ин маълум мешавад, ки аз рӯйи башорати арвоҳи падарат дуои ман ҳам дар ҳаққи ту қабул аст.

Албатта, Мулло Хокироҳ ин дурӯғҳоро барои рӯсиёҳии андак қанду чой бофта буд. Ба ҷойи Одина дигар кас мебуд, эҳтимол ин афсонаро бовар мекард. Аммо аз он ҷо, ки фикри Одина дар зовуд, дар миёни коргарон, хусусан дар ҷамъомадҳое, ки ба муносибати инқилоби фаврал шуда буд, кушода гардида буд, ба пастҳимматӣ ва дурӯғгӯии имом дарун-дарун ханда кард. Лекин аз ҷиҳати маслиҳати худ дар зоҳир суханҳои ӯро бовар кардагӣ барин менамуд.

Одина дуои домуллоро гирифта бозгашта ба хонаи худ рафт. Домулло ҳам баъд аз узот кардани Одина, ҳеҷ фурсат нагузаронида ба пеши Арбоб Камол рафт ва гуфт:

– Муждагонӣ бидеҳ, ки Одина омад, акнун вақти он аст, ки ҳаққи худро аз ин гурезпо ситонӣ, лекин ҳар вақт ки ҳаққи худро гирифтӣ, ҳаққи маро фаромӯш макун ва давлатат бо зану бачагон як дег ҷӯш кунем.

Арбоб Камол имомро бо бале, оре хурсанд карда



https://bikhon.tj/

писараш Ибодро фармуд, ки савора рафта Мулло Мардихудоро, ноиби қозӣ аст, ёфта биёрад, то ки дар ҳамин ҷо ба пеши ӯ масъаларо тамом кунад. Зеро ӯ ба хубӣ медонист, ки агар кор ба пеши худи қозӣ равад, аз ду тараф хароҷоти бисёре шуда боз масъала муғлақ хоҳад монд.

Ибод мувофиқи фармоиши падараш аспро савор шуда қишлоқ ба қишлоқ ноиби қозиро ҷустуҷӯ карда, охир ӯро аз як мурдахона ёфт ва шабонгаҳ ба хонаи худ овард.

Имшаб ба хонаи Арбоб Камол калоншавандагони деҳа имом Мулло Хокироҳ ҷамъ шуда маслиҳатҳо карданд ва зиёфатҳо хӯрданд. Дар бораи кори Одина чунин қарор доданд, ки пагоҳӣ Одинаро ба пеши масҷид меоранд. Ноиби қозӣ бандӣ карданашро амр фармуда ӯро метарсонид, сонӣ калоншавандагон миёнравӣ карда корро ба ин тариқа сулҳ мекунад, ки Одина то тамом шудани «ҳаққи» Арбоб Камол ба ӯ хизмат карданро ба гардан гирифта аз забони худ хат медиҳад, хизматонаи ноибу мӯҳронаи қозиро ҳам аз Одина меситонанд.

Мувофиқи ин қарордод пагоҳии рӯз Одинаро талаб карда ба дари масҷид оварданд. Ҳамроҳи Одина Сангин ҳам, ки имрӯз барои хабаргирии аҳволи тӯйи Одина омада буд, омад. Лекин масали машҳури тоҷикон, ки мегӯянд: «ман омадам ба дилхушӣ, аз пеш баромад ғӯзакашӣ, дар бораи Сангин чун аз моҷаро нияти тӯй омада аз болои ҷанҷол баромад, Сангин чун аз ин моҷаро хабардор буд, ба Одина гуфт:

– Хуб шуд, ки ман омадам, гумон меравад, ки ин нобакорон туро хеле ташвиш доданӣ ҳастанд, дар ин бора шояд ба ту ёрӣ расонда тавонам.



https://bikhon.tj/

Сухан кӯтоҳ, Сангину Одина ба дари масҷид омада истоданд. Ноиби қозӣ мувофиқи сохтакории шабона Одинаро ба шиддат коҳиш кард, ӯро дузд, моли мардумхӯру гурезпо номида нафрин дод ва бандӣ карданашро амр фармуд.

Имоми деҳа чун шахси ислоҳкоре ба миёна даромада гуфт:

– Одина ба ҷаноби ноиб хизматонаи дуруст диҳад ва ба Арбоб Камол ҳам хати иқрорӣ,[1] ки то тамом шудани қарзаш аз хизмати ӯ гардан натобад, ҷаноби ноиб ҳам аз гуноҳи гузаштаи ӯ даргузарад ва кӯтоҳии ӯро ба бачагию камтаҷрибагиаш ҳамл намуда, мӯҳронаи ҷаноби шариатпаноҳро аз Одина гирифта корро тамом кунанд.

Ноиби қозӣ Мулло Мардихудо:

– Не, намешавад! Магар мамлакат бе ҳоким аст? Ин гуна бачагони худрас бояд, ки ҷазои сахт бинанд, то ки ба дигарон ибрат шавад! – гуфта фарёд мезад.

Калоншавандагони деҳа гӯё ба имом ёрмандӣ карда савобдиди ӯро маслиҳат донистанд, хизматонаи ноиби қозиро ба як тӯб чит қарор доданд ва аз ноиб илтимос карданд, ки аз Одина даргузашта барои Арбоб Камол аз забони ӯ хати иқрорӣ бинависад ва барои мӯҳронаи қозӣ ҳам ҳар чӣ муносиб бинад, биситонад.

Сангин дид, ки кори Одина бад мешудагӣ барин. Чите, ки меравад, садақаи сар, танҳо душворӣ дар ин ҷост, ки Одина то охири умраш ба ғуломии Арбоб Камол мемонд. Чорае андешида фаврӣ худро дар миёна андохту ноиби қозиро имое карда ба гӯшае бурд ва гуфт:

---

[1] Хати иқрорӣ – хати эътирофӣ; хате ки, дар он ягон чиз эътироф карда мешавад; созишнома.



https://bikhon.tj/

– Ҷаноби ноиб! Як тӯб чит ҳаққи ҳалоли шумост, ғайр аз ин, як ҷуфт кафшу як рӯймоли фарангӣ ҳам аз Одина гирифта ба шумо медиҳам, коре кунед, ки Одина аз дасти Арбоб Камол раҳоӣ ёбад.

– Ин кор душвор аст, ноиб гуфт, танҳо ба хотири ту як кор мекунам. Лекин бояд ба сари ваъдаат истодагӣ кунӣ, вагарна ҳамроҳи Одина туро ҳам бандӣ хоҳам кард.

– Худо якта, гап якта, хотирҷамъ бошед! –гуфта Сангин дили ноибро ба қасам пур кард.

Ноиб даррав аз забони Одина маҳзари[1] дафъӣ навишт. Назар ба ин маҳзар Одина ба даъвои Арбоб Камол дафъ мегӯяд, ба ин тириқа, ки санади аз забони Бибиоша аз ҷониби Одина навишташударо Одина иддао мекунад, ки таблис аст. Ғайр аз ин худ аз Арбоб музди хизмати сесолаашро талаб мекунад. Арбоб Камол ба замми ин, ки ба Одина сесола ҳаққи хизмат медиҳад, аз ҷиҳати таблискориаш гунаҳгор шуморида шуда ба ҷазои сахт мустаҳақ мешавад.

Ноиб маҳзарро ҳозир карда, ба пеши ҷамоат хонд, ҳама дар ҳайрат афтоданд, ноиб гуфт:

– Акнун масъала ранги дигар гирифт, бояд ман Арбоб Камолро ҳам ҳароҳи Одина ба қозихона бубарам, то дар миёни онҳо худи қозии ислом ҳукм намояд ва таблискории Арбоб тафтиш карда шавад.

Арбоб Камолу калоншавандагон диданд, ки кор душвор шуд, миёни худ машварат карда қарор доданд, ки ҷанҷоли Арбоб Камол ва Одина маҷҷонаи

---

[1] Маҳзар – ҳуҷҷати адлиявӣ дар мамлакатҳои Шарқи мусулмонӣ ва Осиёи Миёнаи тоинқилобӣ. Ҳукм ва фармони қозӣ. Мазҳари дафъӣ санадест, ки ҷавобгар барои рад кардани даъвои даъвогар пешниҳод мекард.



https://bikhon.tj/

ибро[1] шавад ва ҳар ду ҳам аз сари даъвои худ бе ҳеҷ даргузаранд, хизматонаи ноиб ва мӯҳронаи қозиро ҳам ҳарду баробар диҳанд. Мувофиқи ин қарордод аз Арбоб як гӯсфанди чорӣ гирифта ба ноиб пешкаш карданд ва як тӯб читро ҳам аз хонаи Одина оварданд ва ба ӯ рӯй андохтанд, ки ҷанҷолро маҷҷонаи ҷо соф кунад. Ноиби қозӣ бо неву нестони бисёре «ба хотири имом ва калоншавандагон» розӣ шуда фотиҳа хонд ва хати иброй навишта, ҳар ду тарафро ба гузаштан аз сари даъвояшон иқрор кунонид, то ҳафтаи дигар хатро аз қозӣ мӯҳр кунонида, бо касе, ки гӯсфандро ба худаш мерасонад, дода фиристоданашро ваъда намуд.

Сангин ҳам, мувофиқи ваъдааш, кафшро бо рӯймол дар бағал гирифта истода буд. Вақте ки ноиб мехост ба асп савор шавад, бо баҳои доштани рикоб ва ёрмандӣ кардан бо савори ноиб наздик омада оҳиста онҳоро ба хӯрҷин андохт. Ноиб қамчинро аз дасти Сангин гирифта «умрат дароз бод, писарам» гуфта бо роҳи худ рафт.

Ҷанҷол тамом шуд. Лекин Одинаи бечораро чизе намонда буд, ки тӯй кунад; маркабе, ки аз Фарғона оварда буд, ба сабаби кӯфти роҳ чунон лоғар шуда аз кор баромада буд, ки дар кӯҳистон ӯро касе ба чизе намехарид. Барои ноншиканон кардан ҳам роҳ банд буд, зеро ба расми ноншиканон се–чор нафар калоншавандагонро зиёфат карда ва ба онҳо якдонагӣ рӯймолча додан даркор буд. Барои ин хароҷот ҳеҷ набошад бист танга лозим буд ва ҳол он ки ӯ як танга ҳам надошт, ба пул мерафтагӣ чизаш ҳам намонда буд.

---

[1] Маҷҷонаи ибро шудан – Муфт, бе сарфи маблағ ҳал шудани ни ё он масъала. Хати иброй санаде, ки даъвогар «аз даъвоям гузаштам, дигар даъво надорам» гуфта медод.



https://bikhon.tj/

## МАШВАРАТИ САФАР

Одинаро чорае ҷуз ин буд, ки дубора сари худро гирифта ба Фарғона биравад, чанд гоҳ дар он ҷо муздуриву ҳаммолӣ намояд, андаке нақдинаву кола посира карда бозгашта ба ватани худ ояд, тӯю тамошо карда Гулбибиро ба никоҳи худ дароварад ва бақияи умрашро, агарчи як рӯз аст, бо ҷононаи худ ба сар барад. Лекин ин матлабро ба Бибиоиша чӣ гуна фаҳмонда метавонист? Бибиоиша ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ки дигарбора ягона фарзанди азизи худро аз даст диҳад ва дувумбора худро ба даруни оташи хонумонсӯзи ҷонгудози ҳиҷрон андозад.

Баъд аз тамом шудани ҷанҷоли Арбоб Камол шабе Одина бо модаркалони худ аз ҳар дар сӯҳбат мекард ва мехост, ки гапро ба болои сафари худ оварад. Чаро ки ин матлабро яку якбора ба кушода гуфтан далерӣ намекунад. Бинобар ин, аввал масъалаи тӯйро дар миён андохт ва аз модаркалони худ пурсид:

– Акнун ки ба дастамон чизе намонд, тӯйро чӣ гуна мекунем? Ва дар ин бора ту чӣ андеша дорӣ?

– Албата, бе чиз тӯй кардан мумкин нест, гуфт Бибиоиша, ҳозир сабр намудан даркор, худо подшоҳ аст. Ҳар вақт дастрасо шавӣ, тӯй хоҳем кард.

– «Худо подшоҳ аст» гуфта нигоҳ карда нишастан кори бевазанона аст, – гуфт Одина, пулу чиз ҳеҷ гоҳ аз осмон ба дасти касе наафтодааст. Агар бекор таваккал карда нишинам, аз гуруснагӣ мемурем, чӣ ҷойи тӯй кардан. Магар ин ки ба мардум тӯй надода никоҳ кунем, баъд як зиндагӣ бошад, ҳар навъ карда мегузаронем.



https://bikhon.tj/

Одина бо ин суханварӣ модаркалонашро аз як ҷойи бисёр нозук гирифта буд, зеро як кампири ҳафтодсолае, ки мӯяшро дар миёнаи одат сафед кардааст, ҳеҷ намехоҳад, одатҳои бобоӣ андаке кам шавад, чӣ ҷойи тамом барҳам задан.

Ба ҷавоби ин сухани Одина Бибиоиша гуфт:

– Не, бе тӯй ҳеҷ мумкин нест, ки никоҳ кунем. Дар миёнаи мардум чӣ гуна сар бардошта мегардем, оё намегӯӣ, ки чун қудрати як пуд биринҷ надоштед, сарро ҳаваси зан гирифтану келин фуровардан кардед? Агар аз сухани мардум чашм пӯшем ҳам, тӯй накардан мумкин нест, зеро худи ман орзуҳову ҳавасҳо дорам, мехоҳам, ки ба тӯй мардумро хабар карда оварда, ошу нон кашам, соҳиби келин шуданамро ба дӯсту душман нишон диҳам. Имрӯз фарзанди ман яке аст, орзӯям ҳам яке аст, он орзу ҳам ин аст, ки тӯю тамошои фарзандамро ба чашми худ бинам ва орзуи чандинсолаамро шиканам…

– Ин тавр бошад, мо дар ин дунё рӯйи туро нахоҳем дид, гуфт Одина, зеро тӯй бе пул намешавад ва одами бекор пул нахоҳад ёфт. Дар ин сурат аз хаёли тӯй, орзуву ҳавас гузаштан даркор, ту нияти келинфурориро, ман фикри зангириро аз дил бароварданамон лозим.

– Ман туро бекор нишин намегӯям, гуфт Бибиоиша, ба хизмати касе даромада кор кун, музд гир, дар ин сурат ҳам нафақаи ҳаррӯзаамон мерасад, ҳам тӯят саранҷом меёбад.

– Одина суханро ба сари матлаб оварда буд. Худи модаркалонаш ӯро ба кардани хизмати касе супориш мекард, акнун мумкин буд, ки бо як муқаддимаи дигар матлабро ошкор дар миён орад. Бибиоиша қадре хомӯш истода сухан сар карда гуфт:



https://bikhon.tj/

– Ман аз хизмат кардан сар наметобам, агар хизмат ёфт шавад, ҳозир медароям, аммо ба хизмати кӣ? Дар куҷо? Дар ин ватани мо, ки аз дастбурди ҳокимон золиму қозиёни хунхори Бухоро чун хонаи ҷуғз вайрона шудааст, дар ин ватани мо, ки аз зӯроварии амалдорони танхоҳдор ва муллоёни гӯшгир[1] харобазор шудааст, дар ин ватани мо, ки аз ҷабру зулми монанди Арбоб Камол боёни ғаддор зиндони муздурону ранҷбарон кардааст, чӣ гуна кор ёфт мешавад, ки ҳам ба сабаби ӯ рӯзгор гузарад ва ҳам тӯй саранҷом ёбад?[2]

Магар воқеаи хизматгории ман ва тааддии Арбоб Камолро фаромӯш кардӣ? Агар дар болои ин ҳодиса ба дастам як тӯб читу як ҷуфт кафшу рӯймоли аз Фарғона овардаам намебуд, ман аз сари нав ба ғуломии Арбоб гирифтор мешудем. Боз ҳам чорае ҷуз ин нест, ки ба Фарғона сафар кунам, дар он ҷо чанд гоҳе ҳаммоливу муздурӣ намоям, ки то маблағе ба даст оварда амри хайри худро пеш гирам ва туро ҳам ба орзуят расонам. Хуб, агар ту розӣ шавӣ, бе чизе тӯй мекунам, яъне никоҳи бе тӯй менамоям.

Бибиоиша ба никоҳи бе тӯй розӣ шуда наметавонист, ба далелҳои Одина ҷавоб ҳам ёфта натавонист,

---

[1] Дар вақти амири Бухоро қиъа – қитъа заминҳоро ба сипоҳиёну амалдорони калон танхоҳ карда медоданд. Деҳқонони коранда ба қути лоямут ё соҳиб мешуд ё не. Аммо танхоҳдор тамоми ҳосилро мебурд.

Дар шарқи Бухоро дар вақти амир қоида чун буд, ки ба муллоёну эшонони номдор қуш-қуш замин бахшида мешуд. Ин муфтхӯрон низ монанди танхоҳдорон ҳамаи ҳосилро ғун дошта мегирифтанд ва ба деҳқонони коранда аз гов ғудуде медоданд.

[2] Дар ҷумлаи … чӣ гуна кор ёфт мешавад, ки ҳам ба сабаби ӯ рӯзгор гузаронад ва ҳам тӯй саранҷом ёбад? Тартиби ба сабаби ӯ, ки баъдтар ба ҷумла илова кардааст, саҳван баъди пайвандаки ҳам омада, услуби баёнро халадор намудааст. Мантиқи гуфтор талаб дорад, ки таркиби мазкур пеш аз пайвандаки ҳам ояд.



https://bikhon.tj/

ночор ба ин фикр омад, ки худаш ва Гулбибиро ҳам бо ҳамроҳи худ ба Фарғона кӯчонад, то ки дубора ба доғи ҷудоӣ ва балои бекасӣ гирфтор наоянд. Бибиоиша ба ҳамин мулоҳиза ба Одина гуфт:

– Модоме ки аз сафар гузир нест, маро ва ин духтари ятимаро дар ин вайрона танҳо магузор, моро ҳам ҳамроҳи худ аз ин диёр бардор!

Ин маслиҳат ҳам ба Одина маъқул афтод, бинобар ин, маркаберо, ки аз Фарғона саворӣ карда оварда буд, парвариш намудан гирифт. Мақсадаш ин буд, ки дар роҳ ду занро ба навбат ба маркаб савор мекунад ва худаш пиёда меравад. Лекин ҳамроҳи як духтари қадрасидаи соҳибҷамол ба як роҳи хатарноки пурбало бе як мардинаи дигар баромадан аз маслиҳат набуд. Бинобар ин, пеши Сангин рафту хаёли худро ба вай изҳор карда гуфт:

– Агар ту ҳам фикри сафар дошта бошӣ, бо зудӣ тайёрӣ бин, то ки аз ҳар гуна хатар эмин шуда, ҳар ду якҷоя ба роҳ бароем.

– Ман ҳам то як ҳафта ба сафар ҳозир мешавам, гуфт Сангин. Лекин хаёли бурдани модаркалону фотиҳахондатро аз сар бадар кун, зеро ҳокими вилоят ба ин ҳеҷ ваҷҳ розӣ нахоҳад шуд. Ман ҳам чанд сол аз ин пеш хостам модарамро ҳамроҳи худ барам ва дигар бор рӯйи золимони ин диёрро набинам, ризо надода буданд. Ҳатто боре Бухоро рафта аз калонон ба номи ҳоким хати илтимосӣ овардам ва илтиҷо намудам, ки рухсат диҳад, модари кампирамро ҳамроҳи худ бубарам. Ҳоким қабул накард ва гуфт дигарбора пайи ин кор ҷустуҷӯ кунӣ, туро ба зиндон хоҳам андохт.

– Во аҷабо! гуфт Одина, сабаб чист, ки инҳо ба сафари занон рухсат намедиҳанд?



https://bikhon.tj/

Сангин баъд аз хандидан:

– Додарҷон, ту ҳанӯз тифлӣ, таҷриба надидаӣ ва ҳокимони вилояти худро намешиносӣ, бинобар ин, тааҷҷубҳои беҷо мекунӣ гумон мабар, ки ҳокимони мо содаанд ва бе сабабе ҳукме баровварда мардумро ташвиш медиҳанд. Не, ин тавр нест! Ҳокимон манфиати худашонро хуб медонанд ва дар зери ин қоида, ки хонаводаи муздуронро ба баромадан аз вилоят рухсат намедиҳанд, барои онҳо манфиатҳо ҳаст. Ба ту равшан бигӯям: вақте ки мо ва дигар муздурон аз Фарғона баромада ба сарҳади Қаротегин расидем, чӣ миқдор молу нақдинаро закотчиён гирифтанд?

– Миқдорашро намедонам, гуфт Одина, – ин қадараш маълум аст, ки хеле бисёр буд.

– Чит, чой, қанду кафши ту куҷо шуд? – пурсид Сангин.

– Ба коми наҳанг рафт.

– Пас, агар ҳоким рухсат бидиҳад, ки ту хонаводаатро ҳароҳи худ аз ин ҷо бубарӣ, бозгашта ба ин диёр хоҳӣ омад?

– Не, ҳаргиз ёди ин вайронаи зулмободро нахоҳам кард.

– Бинобар ин, ҳоким ба кӯчонидани хонавода рухсат намедиҳад,– гуфт Сангин,– ба ин восита ҳар сол аз муздурони мусофири Фарғона ва дигар ҷойҳо танга фоида мегирад. Агар ба кӯчонидани хонавода рухсат диҳад, ҳеҷ муздуре дигарбора ба ин ҷо нахоҳад омад. Албатта, дар ин сурат кисаи ҳоким, қозӣ, раис ва одамони онҳо холӣ ва косаашон хушк хоҳад монд.

Ҳар чӣ мекунӣ, бикун ва модаркалони худро розӣ намо, ҳафтаи оянда сафар хоҳем кард.



https://bikhon.tj/

## САФАР ВА ҶУДОӢ

Одина аз пеши Сангин ба хонаи худ баргашт, лекин бо як олам[1] маъюсу ноумедӣ баргашт. Зеро ҳароҳи худ бурдани модаркалонаш ва фотиҳахондашро муқаррар карда буд, дилаш аз ғояти шодиву хуррамӣ чун хуми шароб мечӯшид. Дарвоқеъ, он хаёл хаёли басе ширин буд, агар он гуна сафар муяссар мешуд. Одина на танҳо худ аз ин зулмобод халос мешуд, балки як тариқа халос мешуд, ки модаркалони меҳрубонаш ҳамсафар ва ороми ҷонаш дар бар…

Ҳоло чӣ?.. Ҳоло сафар мекунад бо ҳамроҳи корвони андӯҳ ва кадар; бо дили бирён, синаи сӯзон ва чашми тар, ба ҳолате, ки чӣ шудани оқибаташ низ маълум нест; оё ба саломатӣ баргашта, боздиди модаркалон ва ёри меҳрубонаш муяссар мешавад ё не? Мушкилтар ин буд, ки ба ҳуҷуми андуҳу аламе, ки дар вақти видои бозмондагонаш табиист, ба худ бардошту таҳаммул намедид.

Одина бо ҳамин гуна андешаву васвасаҳо ба хонаи худ расид. Аввал аз ҳар тараф суханҳо гуфта, пас аз он ба модаркалони худ фикри Сангинро дар бораи сафари ӯ ва Гулбибӣ фаҳмонд.

Бечора Бибиоиша аз ин хабари навмедии шум ба андозае дар изтироб афтод, гӯё дар ҳолати назъ буд, ки ҷон медод. Чун мори сарбурида ё монанди мӯйи оташдида ба дуд мепечид. Оре, навмедии ногаҳонӣ пас аз умедвории бисёр ва барҳам хӯрдани орзуҳо ба

[1] Чунончӣ, аз ҷавонбухориён рафиқ Зиёуддинзода дар хонаи як хизматгори тоҷик дошт. Вай хост, ки хонаводаашро аз Қаротегин кӯчонад. Ҳокими он ҷо рухсат надод. Ҳатто Зиёуддинзода аз қушбегӣ ва қозикалон ҳам хат гирифта дод. Бо вуҷуди ин ҳоким розӣ нашуд.



https://bikhon.tj/

якборагӣ пас аз ҷазм кардани вуқӯи он ба ғоят даҳшатнок ва тоқатгудоз мешавад.

Бибиоиша баъд аз он ки соате фарёду фиғон кард ва соате беҳуш афтод, чашми худро боз карда, бо як нигоҳи пурҳасрат ва аламноке ба рӯйи Одина нигарист.

Одина гуфт:

– Модарҷон, чорае нест ҷуз ин ки бояд дар ин ду–се рӯз ҳамроҳи Сангин сафар кунам, ба умеде, ки ба зудӣ бозгардам ва дар айёми пирӣ ва нотавониат ба хизматат бошам. Ҳоло гиря ва нола фоида надорад, ҳар қадаре ки фарёду фиғон бардорӣ, дили моро, ки худаш об шудааст, хун мекунӣ, дар ин сурат мерасам, ки маро бемор карда ба сафар гусел кунӣ. Он беҳ ки сабру бардоштро пеша намоӣ, чоку пораҳи либоси маро дӯзӣ ва маро бо дили сафеду синаи пурумед фотиҳа диҳӣ, ки дар ин сафар аз хатарҳо эмин монам.

Акнун, ки аз сафар ва ҷудоӣ гузир нест, бубахшо, як орзуи худамро маълум кунам: худ медонӣ, ки ман туро фаромӯш нахоҳам кард ва ту ҳам маро фаромӯш намекунӣ, лекин ин басанда нест. Орзуи ман ин аст, ки танҳо маро ёд накунӣ, балки ман Гулбибии ятимаро дилшоду шавқманд нигоҳ дорӣ…

Одинаро ин супориш, ки ба модаркалони худ дар бораи Гулбибӣ кард, дар зери обу араҷи шарму ҳаё андохт. Лекин чӣ бояд кард? Ба зудӣ аз ин ҷо сафар хоҳад намуд, ба ҳолате ки намедонад баъд аз ӯ аз сари дилдодааш чиҳо хоҳад гузашт? Ва касе ҳам надорад, ки ба ҷойи ӯ ғамхору парастори ин бечора (яъне Гулбибӣ) бошад. Баъд аз ин касе, ки ӯро ҳимояту нигаҳбонӣ мекунад, танҳо ҳамин кампири мафлук (Бибиоиша) асту бас. Агар ба ин ҳам дар бораи ӯ супориш накунад, гӯё ки ӯро фаромӯш кардааст, бино-



https://bikhon.tj/

бар ин, шарму ҳаёро як тараф ниҳода, орзуи худро изҳор намуд.

Рӯзи сафар даррасид. То имрӯз чоку пораҳои пӯшокиҳои дарида ва куҳнаи Одина дӯхта шуд, барои сафар қадре талқону нони қоқ ҳам тйёр гардид. Дар сари ваъда Сангин ҳам омад. Қурутоберо, ки Бибиоиша махсусан барои ҳамин рӯз бо равғани зард пухта буд, бо ҳам хӯрданд, хӯрҷину коларо ба маркаб бор карданд. Одинаро Бибиоиша дар бағал кашид, аммо бечораро қуввати он набуд, ки сухане гӯяд, танҳо аз дидаи хунбор ашкаш шашқатор мерехту бас.

Сангин дар кӯча ба таги дарвоза соате мунтазир истод ва дид, ки аз Одина асаре нест, ночор фарёд баровард, ки «зуд бош, агар дер монем, имшаб ба манзил намерасем ва аз корвоне, ки имрӯз омадаву озими Фарғона аст, бозмемонем».

Оқибат Одина худро аз оғӯши Биибиоиша ба зӯр кашида ва даст ба ҳаво бардошта илтимоси фотиҳа намуд. Бибиоиша ҳам дастҳои ларзони худро кушода дошта барои Одина роҳи сафед, бахту давлат, умру саодат, хайру баракат, сафари бехатар… ва боз чизи бисёреро талаб намуд. Одина ҳарчанд мунтазир шуд, ҳеҷ нест, ки ин дуои дурру дароз тамом шавад, охир дасти худро ба рӯ кашида «хайр, хӯш, то дидан, саломат бошед!» гӯён аз дар баромад. Лекин танҳо Одина аз дар набаромад, балки ҳамроҳи он гӯё ки ҷон аз тани фарсудаи Бибиоиша низ баромад. Бибиоишаи бечора монанди касе, ки ногаҳонӣ вафот кунад, ба замин афтод ва Одина бо Сангин маркаби худро савор шуда, ба роҳ даромаданд.

Гулбибӣ чӣ шуд? Ҳолатеро, ки дар он ду–се рӯз ба Гулбибӣ рӯй дод, ба ҳеҷ ваҷҳ қалам тасвир карда



https://bikhon.tj/

наметавонад. Гулбибӣ як ғунчаи нашкуфтае буд, ки умеди як олам шукуфтанҳо дар дил дошт, ба ҳавои ҳамсафарии ёри меҳрубонаш шукуфт, танҳо бо боди хазони навмедӣ, ки аз ин сафар рӯй дод, дар ҳолати навшукуфтагӣ пажмурд ва ба замини хорӣ рехт! Оре, Гулбибӣ ғунчае буд, ки дар як лаҳза ҳам баҳорро дид, ҳам хазонро, ҳам шукуфт, ҳам пажмурд.

Одинаву Сангин роҳ мерафтанд. Аммо Одина ба таъсири ҳолате, ки аз видои бозмондагонаш рӯй дода буд, қуввати сухан гуфтан надошт, ҳатто гуфта мешавад, ки ҳуш ҳам надошт. Бо таъсири ин аҳволи Одина Сангин ҳам хомӯш монда буд. Ба ҳамин тарз, ҳар ду монанди ду девонаи бо ҳам дӯстшуда хомӯшона роҳ мерафтанд. Баъд аз соате роҳ рафтан нахустин Сангин бо хондани нақшае ин сӯҳбати хомӯшонаро барҳам зад, ҳар саводу нолае, ки аз гулӯи Сангин мебаромад, гӯё аҳволи пурмалоли Одинаро тарҷума мекард. Хусусан дар ин банд:

*Ин чӣ дашти бекасӣ,*
*Ин ҷо намебинам касе.*
*Эё хаёли ёри ман,*
*Шояд ба фарёдам расӣ!*
*Гар ба фарёдам расӣ,*
*Ман зинда мемонам басе,*
*В–арна дар рӯйи замин,*
*Гардам намеёбад касе.*

Сангин овози худро аз хаспарда бароварда ба қуллаи кӯҳ мерасонид. Дигар Одинаро тобу тавон намонд ва садои гиряолуди худро баланд карда, дар ин нолаи ҷонхарош ба Сангин ҳамовоз шуд, баъд аз ин ҳар байт



https://bikhon.tj/

дар вақти акс бо гиря ва ҳангоми авҷ бо нола ба ӯ ҳамроҳӣ мекард. То вақте ки Сангин сурудро ба охир расонид, Одина ҳам ба нолаву гиряи паёпай дили худро қадре холӣ намуда, ба худ қуввати сурудгӯиву нақшхонӣ пайдо карда буд ва бо сӯзу гудозе, ки дили Сангин, ҳатто дили санги кӯҳро ҳам об мекард, ба хондани ин ғазал сар кард:

*Фиғон аз ғаму дарду доғи ҷудоӣ,*
*Ки з–ӯ шуд ҳама меҳнатам ошноӣ.*

*Ҷудоӣ зи ҳар чиз мумкин бувад, лек*
*Киро ҳаст ёрои аз ҷон ҷудоӣ.*

*Зи ҷонон ҷудо кас чӣ сон зинда монад?*
*Зи ҷонон ҷудоист аз ҷон ҷудоӣ.*

*Ҷудоӣ ба ҳар ҳол мушкил, хусусан*
*Зи ҷонон ҷудоӣ пас ошноӣ.*

*Ба васлу ба ҳаҷр аз ту осудагӣ нест,*
*Ту эй ишқ, бар ҷони ман як балоӣ!*

*Ту, эй васл, нағзӣ, вале бесаботӣ!*
*Ту, эй ҳаҷр дардӣ, вале бедавоӣ!*

*Ба водии андӯҳ саргашта гаштам,*
*Ту, эй роҳбари хуррамӣ, дар куҷоӣ?*

*Ҳамин аст фарёди ман то ба мурдан:*
*Фиғон аз ҷудоӣ, фиғон аз ҷудоӣ!*



https://bikhon.tj/

Мо аз тафсили ин сафар, ки саросар пумалолу андуҳовар буд, сарфи назар менамоем, ҳамин қадар мегӯем: баъд аз чанд рӯзе, ки Одинаву Сангин дар кӯҳистон ва биёбон сурудгӯиву фироқномахонӣ мекарданд, ба Андиҷон расидан ва маркабҳои худро ба сарой бурда баста, худ ба коргоҳи пахта, ки порсол дар он ҷо кор карда буданд, рафтанд. Қурбоналии пудратчиро дида, худро ба хидмат нависонданд. Фасли пахта ва мавсими кори зовуд ҳам расида буд. Қурбоналӣ аз онҳо ваъда гирифт, ки рӯзи якуми моҳи сентябр, ки расми кушоди зовуд мебошад ҳозир шаванд, вагарна ба ҷояшон мардикори дигар гирифта мешавад.

Одинаву Сангин маркабҳои худро фурӯхта, рӯзе чанд ба диду боздиди ошноҳову ҳамватанонашон рӯз гузаронида, ба рӯзи ваъда ба сари хизмат ҳозир шуданд.

## ТАБОБАТ БО «УСУЛИ ЮНОНӢ»

Маълум аст, ки Одина дар солҳои гузашта дар хизмати зовуд хеле азият кашида буд, дар ин ҷо ғайр аз ин ки моҳонаи басанда ва хӯроки сериро намедид, ҷойи хоби дурусте ҳам надошт. Бо ин ҳама меҳнату машаққат рӯйи кушода ва забони хеле аз корфармоён надида буд. Бинобар ин, сабабҳо Одина ба худ муқаррар карда буд, ки баъд аз ин ба зовуд кор накунад ва барои худ кори дигаре пайдо намояд. Аммо аз он ҷойе, ки Инқилоби Феврал воқеъ шуда, забони бадгӯии хӯҷаинонро баста ва гардани такаббурашонро қадре шикаста буд. Одина гумон мекард, ки баъд аз ин дар зовуд ҳар кор мувофиқи манфиати коргарон шуда, хурсандӣ ва осоиш пайдо хоҳад шуд.



https://bikhon.tj/

– Одина дар ин гумони худ ҳақ дошт, зеро он ҳама намоишҳо, шодиёнаҳо, пойкӯбиҳо ва кафшазаниҳо, ки дар рӯзҳои Инқилоби Феврал аз оммаи мардум сар зада буд, ҳар касро ба ҳамин гумон меандохт. Ва ҳол он ки ин гумон хушку холӣ буд. Зеро, агарчи пошоҳ аз сари кор рафта буд, дигар арбоби истибдоду аркони ҳукумати сармоядорӣ мисли аввал побарҷо буданд. Ҳамчуноне ки дар замони подшоҳ хукумат бо ишорати сармоядорон, заминдорони калон ва соҳибони зовуду корхонаҳо ҳаракат мекард, ҳамчунин баъд аз Инқилоби Феврал ҳам ҳокими ҳақиқӣ сармоя ва сарват буд. Вақте ки ҳокими мамлакат сармоядорон ва ҳар кор ба ихтиёри онҳо бошад, манфиати коргарон, ки бар зидди онҳо аст, чаро ба вуҷуд ояд?.. Ва чаро сармоядорон ба ихтиёри худ ва бо дасти худ кисаи худро холӣ карда, шиками гуруснаи муздуронро пур кунанд?!.. Албатта, роҳбарони коргароне, ки ба ҷамъиятҳои ҷогоҳӣ аъзо буданд, ин гапҳоро хуб медонистанд ва дар роҳи рондани сармоядорон ва гирифтани кор ба дасти худ кӯшиш мекарданд. Аммо монанди Одинаи мо касоне, ки саводи сиёсӣ он тараф истад, ҳатто муқаррарӣ ҳам надоштанд, ба ин нозикиҳо пай намебурданд.

Хулосаи калом, Одина ба умедвории бисёре дубора ба зовуд даромад, лекин пас аз ду–се рӯз дид, ки гирудори хӯҷаин, кордории корфармоён ва хорию зори коргарон айнан монанди порсолаву перорсола аст, танҳо номҳо, лақабҳо ва унвонҳо дигар шуданд. Чунончи, барои коргарон кумита барпо шудааст, вале раиси кумита, ба иборати дигар ҳокими мутлақи коргарон, ҳамон Қурбоналии пудратчӣ аст, хӯҷаин ҳамон хуҷаини порсолааст, танҳо тафовут дар ин ҷо аст, ки



https://bikhon.tj/

агар ба ӯ ариза доданӣ шаванд, монанди пештара «ҷаноби хӯҷаин» гуфта наменависанд, балки ин шахсро ба унвони «ҳамватани муҳтарам» («почтенный гражданин») гуфта ёд мекунанд[1] ва дар корҳо ҳам ба ҳамин қиёс мили собиқ аст.

Вақте ки Одина аз хонааш баромад, ягона маҳбубаш, ки Гулбибӣ аст, ҷудо шуда баромада буд. Танҳо ба Фарғона рафта дар зовуд ба осудагӣ ва бо манфиати хуб кор кардан, чизҳои даркории тӯйро тайёр намудан, пас аз он ба ватани худ бозгашта ва ба маҳбубаи дилором расидан чун офтоби бегоҳии лаби бом ё монанди шамъи боқимондаи саҳаргоҳӣ ба торикиҳои навмедиаш нимрӯшонии умедворӣ медод. Вақте ки аҳволи зовудро ба тарзе ки дар боло навишта шуд, дида аз ин умедаш ҳам маъюс шуд, ба аъзояш сустӣ ва ба дилаш мурдагӣ рӯй дод, ба беморӣ афтод.

– Рӯзи дуввуми бемориаш Қурбоналии пудратчӣ аз номи кумитаи коргарони мусулмони зовуд[2] ӯро аз хизмат озод карда аз зовуд баровარданд. Табиӣ, бо дидани ин муомилаи нобаҳангоми золимона, ки ҳаргиз чашми ин надошт, бемориаш сахтар шуд. Пас аз баромадан аз зовуд бо роҳбарии Сангин ба ҳуҷраи яке аз тоҷикон, ки ба саройе саройбонӣ мекард, рафта чанд

---

[1] Дар ҷумлаи «ин шахсро ба унвони «гражданини муҳтарам» («почтнный гражданин») гуфта ёд мекунанд» мантиқ костааст. Чи хеле ки аз дастхат мебарояд, нависанда баъдтар ба ҷумлаи «гуфта»-ро фаромӯш кардааст.

[2] Баъз аз Инқилоби Феврал ҳатто дар аввалҳои Инқилоби Октябр ҳам дар Туркистон ин одат буд, ҳар ҷо кумитаи коргарон ё иттифоқи касаба барпо шавад, мусулмонон дигар ва аврупоиён дигар кумита ташкил медоданд. Ба ин ҷиҳат дар миён зиддияти миллӣ меафтод ва инчунин ду тоифа аз ёрмандии якдигар маҳрум мемонданд. Аммо дар солҳои синӣ ин одат барҳам хӯрд ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ байналмилалӣ шуданд.



https://bikhon.tj/

рӯзе хобид, аммо рӯз ба рӯз ҳолаш табоҳтару касалиаш вазнинтар мешуд.

Саройбон дилсӯзӣ карда як дуохонро, ки худ ба вай ихлос дошт, ёфта оварда Одинаро чанд навбат ба ӯ хонд. Албатта нафъе дида нашуд. Пас аз он яке аз табибони маҳаллиро оварда, Одинаро ба вай нишон доданӣ шуд.

Табиб: «бисмилло, бисмилло» гӯён ба ҳуҷраи саройбон даромада, дар пешгоҳ нишаста, як дуои дуру дарозе хонда, даст ба рӯй кашид ва пас аз он ба саройбон нигоҳ карда:

– Кани, ука, чӣ хизмат? – гуфта пурсид.

Саройбон Одинаи дар он ҷо хобидаро ба табиб нишон дода:

– Ин бародарамон, – гуфт, – чанд рӯз аст, ки бемор шудааст, як дуохон оварда хонондам, фоидааш маъқул нашуд. Акнун умеди мо аввал ба худо, дувум ба шумо монд, шояд ба шарофати қадами шумо саломат ёбад. Худаш як ҷавони мусофири бекас аст; ҳар хизмат бошад, ман мекунам; ҷони ҷавон дорад, саломат ёбад, ба ман савобаш мерасад.

– Дуохонӣ ҳам, – гуфт табиб, – аз дасти худамон меояд, шумо пулро беҳуда бегона кардед; дуохонҳои ин замона ҳама бесаводу нодонанд; дуоҳои ба тахта кандашударо монанди мӯри читгарӣ[1] ба қоғазпораҳо пахш карда медиҳанд; ба болои ин пир надоранд, устоз надоранд ва лоҷарам дурҳояшон нафъ намекунанд.

Мо бошем, шукр, алҳамдулиллоҳ,[2] хат дорем, савод

---

[1] Мӯҳри читгарӣ – қолабҳои махсуси гулпартой, ки пештар ба воситаи он матоъро пардоз медоданд.

[2] Алҳамдулиллоҳ – ҳамду сано ба худо, шукр худоро.



https://bikhon.tj/

дорем: аз падари маҳрумамон Эшони Ҳаким Калон фотиҳа ҳам гирифтем. Раҳматӣ дар бозгашти сафари ҳаҷ ба Кашмир[1] ном шаҳр расида, аз дуохони он ҷо, ки ҳама валиюллоҳ[2] буданд, дуоҳоро омӯхта, ба нисобаш расонда,[3] фотиҳа гирифтааст. Аз он ҷо як китоби дуо ҳам оварда буданд, ки дар вақти аз дунё чашм пӯшиданашон ба ман доданд…

Саройбон аз шунидани ин мунокиби дуру дароз ба ҷон омада, сухани табибро бурида гуфт:

– Хуб тақсир! Акнун марҳамат карда беморро бинед.

Табиб дасти худро ба тарафи саройбон дароз карда:

– Канӣ, дастонатонро деҳед, «набз»–атонро бинам, – гуфт.

– Не, тақсир ман бемор нестам, ана ин укаам бемор аст, – гуфта дубора Одинаро ба табиб нишон дод.

Табиб «хуб, хуб» гӯён банди дасти Одинаро ба дасти худ гирифта, қабза карда, монанди шайхоне, ки ба муроқиба[4] мерафта бошанд, чашми худро пӯшида, сари худро хам карда, пас аз фурсате чашми худро кушода, дасти Одинаро сар дода, ду дасти худро ба рӯ кашида, бо як ҷазму боварӣ, ки гӯё ҳамаи дардҳои дарунӣ ва берунии беморро фаҳмида гирифта бошад, гуфт:

---

[1] Қамиш – вилояте дар Осиёи Марказӣ дар байни кӯҳҳои Ҳимолой ва Тибет, ки ба сифати штата ба ҳайати Ҳиндустон дохил мешавад.

[2] Валиюллоҳ – маънои вали Оллоҳ, аз наздикон ва содиқони худоро дорад.

[3] Нисоб –ҳадди охир, дараҷаи олии чизе, ба нисобаш расондан – ба дараҷаи олӣ бурда ба анҷом расондани ин ё он кор.

[4] Муроқаба – сархам нишаста ба дунёи хаёлоти рӯҳию динӣ фурӯ рафтан; вазъиятест, ки рӯҳониён сари худро ба тарафи дилашон хам карда, гӯё ба дили худ нигоҳ карда хомӯшона ибодат мекунанд.



https://bikhon.tj/

– Ҳеҷ боке нест. Ба ин бача ҳеҷ бемории хавфноке рӯ надодааст, танҳо меъдааш гирифт карда ба бандҳои устухонаш андаке бод шудааст. Аз рӯйи нишондоди илми Луқмони Ҳаким як миқдор доруи дарунронӣ хӯронем, беҳ мешавад.

Саройбон ба табиб ду танга «ҳаққи қадам» гӯён ва ду танга пул барои дору дода, зудтар тайёр карда овардани даворо аз вай хоҳиш кард.

Табиб боз як бори дигар дар ҳаққи бемору саройбон дуо карда баромада рафт ва пас аз соате як коса барин доруи обакии ширгарми бадҳазмро оварда «бисмилло, бисмилло» гӯён ба Одина хӯронид ва худ ҳам барои ёрӣ додан ба амали доруи худ тасбеҳашро ба даст гирифта пичир–пичир карда, тасбеҳ гардонида дар он ҷо нишаст.

Тахминан пас аз як соат ба бемор пичиши шикам рӯй дода тақозо шуд, бемор бо ёрмандии саройбон ба хало рафта омадан гирифт. Ҳар боре, ки Одина ба хало рафта меомад, табиб:

– Даҳяки иллатҳо рафт, нӯҳяки иллатҳо рафт, ҳаштяки иллатҳо рафт…– гӯё хурсандӣ мекард ва ба хурсанд кардани саройбону бемор ҳам кӯшиш менамуд. Агарчи саройбон суханҳои табибро бовар карда хурсандӣ мекарда бошад ҳам, Одинаро маҷоли худро хурсанд нишон додан намонда буд. Рафта–рафта печиши шикамаш шиддат кард ва бемор дар хало истода фарёдҳои дилхарош мекашид, табиб аз пичир–пичир дуо хондани худ фоидае надида, дуохониро баланд карда ва дар ҳар сари банди дуо «ё шофӣ, ё кофӣ»[1] гӯён даст ба рӯ мемолид.

---

[1] Ё шофӣ ё кофӣ – шифодиҳанда ва кифояткунанда. Тавсифҳои худо.



https://bikhon.tj/

Оқибат бемор дар хало бодҳои баланд шикастан гирифт, табиб ҳам ин ҳолро аз таъсири дуои худ дониста:

– Ё мурсиларриёҳ! (аё фиристонандаи бодҳо!) – гӯён ба дуохонии худ шиддат медод ва «кушоиш» шуд гуфта хурсандӣ мекард.

Магар ба даруни Одина ғайр аз рӯдаҳои озурда дигар чизе намонда буд, ки амали дору ва печиши шикам бозистод ва табиб ҳам:

– Ҳамаи иллатҳо бартараф шуд, боз фаро омада хабар мегирам, – гӯён баромада рафт. Аммо дар Одина маҷоли ҷунбидан намонда буд ва иштиҳо ҳам надошт. Аз шӯрбои гӯшти гардани гӯсфанд, ки саройбон бо фармуди табиб пухта буд, қадре хӯрда бошад ҳам, фаври қай кард ва аз бемадорӣ монанди мурдае афтода хобид; ғайр аз сулфае, ки гоҳ – гоҳ мекард, дигар асари ҳаёт нишон намедод.

Баъд аз ин ҳаққи қадами табиб ба як танга ва пули доруш ҳам ба як танга фуромада бошад ҳам, то як ҳафта ҳар рӯз як бор омада хабар мегирифт ва дар омадан ба бемор монанди маъҷуни турбтут,[1] ҷавориши зира, гулқанд, шарбати бунафша, шарбати нилуфар, ягон маъҷун ё шарбате оварда ба бемор хӯронида мерафт.[2]

---

[1] Маъҷун – омехтаи чанд мода. Хамираи хӯрданӣ, ки аз чанд даво ба асал ё шакар пухта шудааст ( чун гулқанд, ҷаворишҳо…) Маъҷуни турбут – мумкин, нависанда давои аз турб тайёр шударо дар назар дошта бошад.

[2] Дар ҷумлаи «Дар омадан ба бемор монанди маъҷуни турбут… ягон маъҷун ё шарбате оварда ба бемор хӯронида мерафт» аз набудани калимаи ҳар (дар ҳар одам) ва такрори бемавқеи таркиби ба бемор услуби баён халал ёфтааст. Ба сабаби набудани маъхаз тағйири ҷумла салоҳ дониста нашуд.



https://bikhon.tj/

Оқибат табиб монанди доруҳои худ ҳам ба дили бемор ва ҳам ба дили саройбон зад, бемор бошад, рӯз то рӯз сусттару бемадортар мешуд, ниҳоят ин хароҷоти беҳосил ба ҷони саройбон расонда ба табиб гуфт:

– Дору, даво як сабаб аст, агар умраш боқӣ бошад, бо ҳамин қадарҳо сиҳат меёбад, бисёр хизмат карда музди кам гирифтед, саломат бошед, баъд аз ин наоед ҳам мешавад.

– Хуб-хуб, – гуфт табиб, – боз ба дили шумо аз ваҷҳи доруҳои ман ягон шак наафтода бошад, агар шаккокӣ кунед, ба ҷойи нафъ зарар мерасад. Доруҳои дарунрониро, ки ман додам, «санои макка»[1] мегӯянд, ки вайро падари марҳумамон Эшони Ҳакими Калон дар сафари ҳаҷ аз Маккатулло[2] ба дасти худ чида оварданд, маъҷун ва шарбатҳои мо аз гиёҳҳоеанд, ки падари марҳум дар бозгаши сафари ҳаҷ ба Ҳиндустон ном шаҳр расида, аз Сарандеб[3] ном мазоре, ки қабри ҳазрати Одам[4] дар он ҷост, гирифта овардаанд. Сулаймон – шахси авғон ҳам ҳамеша маъҷуну шарбатҳои моро кор мефармоянд. Сулаймон – шахс[5] одами хурдтарак нестанд. Ин шахс сайри сулук[6] карда ба марта-

---

[1] Санои макка (сано) – аз ҷинси гиёҳ, бута ва дарахтони хурд, ки мисли рустаниҳои шифобахш ҳамчун воситаи ислоҳовар, табобати ҷигар ва буғумдард ба кор мебаранд.

[2] Макка – шаҳри муқаддаси мусулмонон дар ҳудуди Арабистони Саудӣ. Табиби нодон ҳам барои афзудани қимати доруи худ онро ба Маккатулло оварда мегӯяд.

[3] Сарандеб – Шри Ланка (Целон).

[4] Ҳазрати Одам – мувофиқи асотири динӣ номи аввалин инсон, ки гӯё худо онро аз гил офаридааст ва ба васвасаи шайтон аз гандум мамнуъ хӯрда бо занаш Ҳаво аз ҷаннат ронда шудааст.

[5] Сулаймон – шахси афғоне буд, ки дар Андиҷон ҳам савдогарӣ, ҳам дуохонӣ ва ҳам табибӣ мекард.

[6]. Солик (сайри сулук) – пайрави тариқати суфия, ки ҷониби ҳақ қадам



https://bikhon.tj/

баи кафши[1] қубул[2] расидаанд. Тартиби табобати мо ҳам бо усули юнонӣ аст, ки пешвоёни мо Луқмони ҳаким ва шогирдони он шахс Афлотуни ҳаким ва Суқроти ҳакиманд,[3] инҳо ҳама мусулмонони пок буда, илми ҳикматро аз ғайб омӯхта буданд. Мо мисли духтурони кофир ҷавҳариёт[4] дода одамро намекушем…

Саройбон дид, ки ин суҳбат ҳеҷ тамом намешавад:

– Хуб, тақсир! Акнун равед ҳам мешавад, бемор камтар истироҳат кунад; ман ҳам имрӯз бор мебандам, – гӯён дасти худро пеш гирифта аз табиб узр хост.

Табиб дар ҳолате ки чашмашро аз дасту киссаи саройбон намеканд, «хуб–хуб» гӯён аз дар баромад ва боз баргашта сари худро аз дар даровarда:

Ука! Як гап аз ёдам баромадааст: мабодо боз ба ин укаам ё ки ба худатон ягон беморӣ рӯй диҳад, маро фаромӯш накунед–дия, гуфт.

– Саройбон бе он ки ба тарафи табиб нигоҳ кунад, рӯйи худро турш ва пешонаашро чин карда:

Худо нигоҳ дорад,– гуфт.

---

мезанад ва дар ин роҳ аз мушкилиҳо натарсида, бо нури ҳидоят мунтазам ба пеш меравад; зиндагии дарвешона ва парҳезкоронаи сӯфиён.

[1] Кафш (кафши қулуб) – истилоҳи назарияи маърифати он истифода мешавад. Мувофиқи он аҳли тасаввуф зимни риёзат ва муроқибаи қалбӣ кӯшиш мекунанд, ки ба дарки ҳақиқат бирасад.

[2] Кафши кулуб ё қафши қубур гуфтан мехоҳад

[3] Пешвоёни мо Луқмони ҳаким ва шогирдони он шахс Афлотуни ҳаким ва Суқроти ҳакиманд – Луқмони ҳаким шахси афсонавист, ки дар адабиёти даҳонӣ ва хаттии тоҷик чун шахси фозил ва табиби ҳозиқ шӯҳрат дорад. Сукрот (469 – 399 то э.мо) ва Афлотун (428 – 348 то э. мо) файласуфони Юнони Қадим. Дар қатори Луқмон, Афлотун ва Сукротро низ ҳаким донистан ва ин муттафакирони юнониро мусулмон ном бурдан симои манфур ва риёкории табиби нодонро дучанд зоҳир месозад.

[4] Ҷавҳариёт – давое, бо амали қиёмӣ аз чизҳои дорушаванда (масалан, ҷавҳари лиму, афлесун) месозанд.



https://bikhon.tj/

– Табиб ҳам бо дили кашол ба паси худ нигоҳ карда – нигоҳ карда аз сарой баромада рафт.

## ЁРМАНДИИ НОГАҲОНӢ

Одина пас аз як ҳафтаи аз дасти табиб халос шуданаш қадре иштиҳо пайдо карда беҳтар шуда бошад ҳам, бадҳазмӣ ва нотавониаш ҳамчунон боқӣ буд, хусусан сулфа шиддат карда, ҳамчуноне ки Одинаро азият медод, инчунин монанди Сангин баъзе рафиқонашро ҳам дар тарсу бим андохта буд.

Як рӯзи бекорӣ тоҷиконе, ки дар Андиҷон баъзе ба зовуд кор мекарданд ва баъзе ҳаммолӣ, қаровулӣ, саройбонӣ ё хизматгории касеро менамуданд, бо далолати Сангин ба сари болини Одина ҷамъ шуданд ва миёнаи худ машварат карда табдили ҳаворо ба ӯ созгор дарёфтанд ва аз мобайни худашон чанд сӯм идона ҷамъ намуда ӯро ба Тошканд равон карданӣ шуданд.

Фардои он рӯз як–ду нафари онҳо ба Одина ҳамроҳ шуда Одинаро ба вогзали роҳи оҳан баровopen, то Тошканд билети поезд харида дода ӯро дар вагони Андиҷон – Тошканд ки дар истгоҳи Хавос табдил наёфта рост ба Тошканд мерафт, шинонданд ва бақияи пули ҷамъшударо, ки аз билет зиёдатӣ карда буд, ба Одина супурда, бо ӯ видоъ ва «хушбошӣ» карда узот намуданд.

Одина баъд аз як шабонрӯз ба истгоҳ (станция)–и Тошканд расида аз поезд фуромад, аммо намедонист куҷо равад ва чӣ кор кунад? Аз думболи равандагон афтода, аз зал гузашта ба тарафи истгоҳи трамвай баромад. Баъзе равандагон бо трамвай, баъзеашон бо фойтун ва баъзеи дигарашон пиёда ба як сӯ ба сӯйи



https://bikhon.tj/

шаҳр нигоҳ карда рафтан гирифтанд. Одина ҳарчанд бо умедворӣ ба равандагон нигоҳ кунад ҳам, ҳеҷ кадоми онҳо ба вай нигоҳ намекарданд, ҳатто як ғариби бекасукӯй дар ин ҷо ҳайрон шуда мондааст гуфта, ба хотирашон ҳам намегузарониданд. Ниҳоят дар атрофи вогзал ба ғайр аз ҳаммолоне, ки боркашӣ мекарданд, дигар касе намонд. Онҳо ҳам ба кашондани бори равандагони наве, ки аз шаҳр ба вогзал меомаданд, машғул ва барои ёфтани пули ноне саргардон буда, аз Одина ном як ғариби мусофир тамоман бехабар буданд. Одина пас он ки аз ҳеҷ кас рӯйи ёриву роҳбарӣ надид, оҳиста аз болои роҳи трамвай гузашта ба майдончае, ки дар миёнаи гардишгоҳи роҳи трамвай ҳаст, даромада дар он ҷо дар таги дарахте дароз кашида ёзида хобид. Аз бемадорӣ аз ҳуш рафт, ё ки аз мондагӣ хобаш даррабуд, ҳар чӣ бошад, баъд аз соатҳо чашм кушода ба атроф нигарист, ки шом наздик расидааст, ҳанӯз ҳам трамвай ҷаранг–ҷаранг садо бароварда дар атрофи майдонча дар гирдаш аст, ҳанӯз хам мардум ба тарафи Одина нигоҳ накарда ба ин сӯ – он сӯ дар рафтуомаданд. Ин шом аввалин шоме буд, ки Одинаи бехонумон куҷо рафтанашро намедонист ва қуввати аз ҷо бархостан ҳам надошт. Ин шом барои Одинаи ғариб ҳақиқатан шоми ғарибон буд.

– Магар тоҷик ҳастӣ?

Чашми Одина, ки бо навмедӣ аз ҳама чизи дунё пӯшида шуда буд, бо шунидани ин пурсиш дар забони модарии худ якбора кушода шуда дид, ки ба болои сараш як ҷавон рост истодааст:

– Оре, як тоҷики камбахт! – гуфта ҷавоб дод.

– Ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Намедонам.



https://bikhon.tj/

– Бошишгоҳат куҷост?

– Ин ҷост.

– Ин ҷо ба касе бошишгоҳ шуда наметавонад ва дар ин ҷо шаб хобидан ҳам мумкин нест, қаравулон нахоҳанд гузошт. Ба ягон ҷойи дигар рафтанат даркор аст.

– Ҷоеро намедонам ва касеро намешиносам.

– Магар дар ин шаҳр нобаладӣ? Биё бо ман!

– Қуввати бархостан надорам.

Касе ки бо ин ғарибi бекасукӯй, яъне бо Одина гуфтугӯйро мекард, аз зери бағали ӯ гирифта ба роҳ даровард ва ба трамвае, ки дар он ҷо ҳозир буд, савор карда ҳамроҳи худ бурд.

Ин шахсе, ки нохост ва аз ғайри чашмдошти Одина ба сари болини ғарибии ӯ расида, дар ҳангоми музтарибӣ ва навмедиаш ба ӯ ин ҳама дилҷӯӣ ва ёрмандиро кард. Шоҳмирзо ном як тоҷик буд, ки чанд сол боз дар шаҳри нави Тошканд ба самоворхонае кор мекард ва имрӯз барои узот (гусел) кардани хӯҷаини худ, ки ин вақтҳо аз даромади самоворхона халтачигиро фойданоктар дида дар миёнаи Самарқанд, Тошканд ва Оқтеппа рафтуой дошт, ба вогзал баромада буд. Шоҳмирзо хӯҷаини худро ба поезд савор карда бармегашт, ки иттифоқан чашмаш ба Одина афтод ва аз шаклу шамоилаш пай бурд, ки тоҷик аст. Бо хоҳиши муҳаббати ҳамватанӣ ва ҳампешагӣ, ки ҳар ду муздур буданд, аз аҳволи ӯ ҷӯён шуд ва дар натиҷаи саволу ҷавобе, ки ба боло навишта шуд, ӯро ҳамроҳи худ бурда дар самоворхонаи худаш ҷой дод.

Шоҳмирзо имшаб Одинаро бемордорӣ кард, хусусан барои ӯ як коса мастоба пухта, ҷойи хобашро ба болои чорпояе ҳозир карда, кӯрпаву болини тозае ан-



https://bikhon.tj/

дохт. Одина ҳарчанд ба сабаби кӯфти роҳ монда шуда аҳволаш аз пештара бадтар шуда бошад ҳам, баъд аз хӯрдани мастоба, ки барои мусофирони мондашуда таоми бисёр муносибе аст, қадре аҳволи худро беҳтар дид. Дар вақти навмедӣ дидани ин ҳама навозиши ройгон аз шахси ношиносе, ки Одина дар тамоми умраш аз касе инчунин муомиларо надида буд, ба дили ӯ хурсандии аз одат берун бахшид. Албатта, ин ҳам ба сиҳаташ фоида дод. Одина хобгоҳи имшабаашро ҳам пеш аз ин ба хоби шабаш надида буд, бинобар ин, имшаб то камоли осудагӣ хобида пагоҳӣ хеле боқувват шуда бархост, ҳатто бе ёрмандии касе ва бе такя намудан ба асое берун баромада шустушӯ кард.

Шоҳмирзо, ки ба сари самовор нишаста лабу даҳони чойникҳоро бо дастмоле пок мекард. Одинаро ба наздики худ чой дода пурсупос мекард. Ба лаълие чою нон гузошта ба пеши вай ниҳод ва дар аснои чойҷӯшонӣ аз куҷо ва бо чӣ ният ба Тошканд омаданашро ҷӯён шуд. Одина ҳарчанд тамоми саргузашти худро изҳор накард, лекин воқеаи бемориаш ва аз зовуд ронда шуданашро то ҳикояти дуохону табиб ягон – ягон гуфта ва дар охир бо маслиҳати ҳамватанон барои табдили ҳаво, ба умеди шифо ба Тошканд омаданашро изҳор намуд. Шоҳмирзо гуфт:

– Хуш омадӣ! Тошканд шаҳри калон аст, баъд аз сиҳат ёфтанат дар ин ҷо кор ҳам ёфт мешавад, барои дур шуданат аз зовуд ғам нахӯр! Дар ин ҷо шифо ёфтан ҳам осон аст, зеро ин ҷо духтурони донишманд бисёранд. Ба яке аз онҳо, ки бо ман шиносоӣ дорад, имрӯз туро бурда нишон хоҳам дод, умед аст, доруҳои ӯ ба ту нафъ кунад. То саломат ёфтанат ин ҷо хонаи туст, осуда бош ва ҳеҷ мулоҳизаву андешаро ба худ роҳ надеҳ!



https://bikhon.tj/

Одина дар тамоми умри худ пеши духтур нарафта буд ва нияти рафтан ҳам надошт ва дар ин эътиқод буд, ки бемороне, ки доруи духтурро мехӯранд, бештарашон мемуранд. Ин эътиқод ба Одина дар зовуд пайдо шуда буд: коргарон дар ин ҷо ба бемориҳои монанди арақӣ (тиф) ва варами шуш (воспаление лёгких) гирифтор мешуданд. Вақте ки аз сиҳат ёфтани гирифторони ин касалиҳо умед канда шуд, рафиқонашон ҳар чӣ бодо бод гӯён ба духтур нишон медоданд. Табиӣ, ин гуна табобати бемаҳал нафъе намебахшид. Зотан дар шароити зиндагие, ки он вақт дар корхонаҳо буд, баъд аз гирифтор шудани як қатор ба касалӣ офият ёфтанаш басе душворӣ мекард. Бинобар ин, бисёртаринашон мемурданд ва монанди Одина ҷавонони камтаҷриба ин ҳолро аз духтур намедонистанд. Ба ин сабаб ба духтур бо чашми бад назар мекарданд ва ҳол он ки дар ин кор ба духтур ҳеҷ айбе нест ва ҳар айбе, ки бошад, дар гузаронидани вақти табобат ва ба нобобии ҷойи истиқомат буд.

Одина ба хоҳиши ин бадгумонии худ дар ҷавоби суханҳои Шоҳмирзо гуфт:

– Бисёр хуб, лекин ман аз духтур метарсам. Агар бародарӣ карда маро табобат мекунонида бошӣ, ба ягон табиби мусулмон нишон деҳ! Мегӯянд Тошканд шаҳри калон аст, бояд дар ин ҷо табибони ҷойдории донишманд ҳам бошанд.

– Ту саҳв мекунӣ! – гуфт Шоҳмирзо, – ман ҳам пештар монанди ту ба ҳаққи духтурон бадгумон будам. Аз бозе, ки дар ин самоворхона ба хизмат даромадам, чӣ қадар донишманд ва барои фарзанди одам чӣ қадар судманд будани онҳоро фаҳмидам. Ҳар сол аз Бухоро, Самарқанд, Фарғона ва дигар шаҳрҳову вилоятҳои Туркистон ҳазорон беморон ба Тошканд



https://bikhon.tj/

танҳо аз барои ба духтур нишон додан меоянд. Як қисми онҳо ба самоворхонаи мо манзил мекунанд. Ба бисёртарини бемороне, ки ба мо меҳмон мешаванд, ба пеши духтур ман роҳбарӣ мекунам. Ман ба чашми худ дидам, ки бештарашон ба сабаби доруи духтур тандуруст шуданд. Ба қавли худҳошон, бисёртарини онҳо чанд вақт пеши табибони кӯҳнаи ҷойдорӣ ва дуохонон рафта пули бисёреро ба ройгон сарф кардаанд, оқибат шифо наёфта ночор шуда ба пеши духтар омаданд. Оре, ба баъзеи онҳо доруи духтур нафъ намебахшид ё баъзеашон бо вуҷуди ба духтур нишон додан мемурданд, лекин ин на аз таъсир накардани дору ё аз зарар кардани он буд, балки сабаби аслиаш гузаштани вақт аз сари барвақт наомадани онҳо ба духтур буд. Бинобар ин, чунин хаёлҳоро аз сари худ дур кун ва ҳозир бош, ки имрӯз ба пеши духтур ҳамроҳ меравем.

Одина ба ин далелу исботи Шоҳмирзо ҳеҷ ваҷҳ наёфта, ночор шуда аз рӯйи дилу нӯги забон розигӣ дод, лекин дилаш ҳанӯз дар ҳаяҷон буд, ҳанӯз метарсид, ба сабаби хӯрдани доруи духтур мемурад ва аз висоли Гулбибӣ абадӣ маҳрум мемонад. Боз ба худ меандешид, ки Шоҳмирзоро то имрӯз намешинохтам, то ки гӯям ба ман душманӣ дорад, аз ин ҳама некиҳои ройгон, ки дар ҳаққи ман карда истодааст, маълум мешавад, ки одами хуб аст, одами хуб ҳеҷ гоҳ касеро ба роҳи хатарнок далолат нахоҳад кард. Бинобар ин, аҷаб нест, ки ин бадгумониҳои ман беҷо бошад ва умед аст, ки ба саббаби роҳбариву далолати ин дӯсти беғараз аз касалӣ халос шавам…

Одина бо ин мулоҳизаҳо тасаллӣ ёфта, бо дили қавӣ ва ҷазми дуруст дубора гуфт:

– Хуб, ба духтур меравем, кадом вақт ки ту хоҳиш кунӣ, ман ҳозирам.



https://bikhon.tj/

## ДУХТУР

Дар роҳрави қабулхонаи духтур дар қатори беморон Одина ҳам ҳамроҳи Шоҳмирзо нишаста буд. Духтур дар вақти гусел кардани беморе аз дари қабулхона сари худро берун карда беморонро аз назар гузаронид; чун дар қатори беморон Шоҳмирзоро дид, ӯро аз навбат берун ба даромадан ишорат намуд. Шоҳмирзо Одинаро ҳамроҳи худ гирифта, дар зери «ин чӣ бетартибӣ, чаро духтур дилхоҳи худашро бе навбат медарорад» гуфта ғур–ғур кардани беморони дар навбат нишаста ба қабулхона даромад.

Духтур дар дунболи Шоҳмирзо Одинаи ҷомакӯтоҳеро дида қадре рангаш дигаргун шуда:

– Беморат ҳамин аст? – гуфта пурсид.

Шоҳмирзо дигаргун шудани аҳволи духтурро аз назар гузаронида буд, бинобар ин, духтурро хотирҷамъ карданӣ шуда дар ҷавоб:

– Ҳамин аст. Ин як ғарибу камбағалу бекас аст, ба касиву камбағалии ин раҳмам омада бо хароҷоти худ табобат кунонданӣ шуда овардам, – гуфт.

Духтур аз ин ҷавоби Шоҳмирзо андаке хиҷолатманд шуда бошад ҳам, худро ба нофаҳмӣ зада ба дидани бемор сар кард, барои бартараф кардани шубҳаи Шоҳмирзо хеле ҳам диққат карда, тамоми аъзои бадани Одинаро дида, ба сари чорпояи худ барои дору навиштан нишаста:

– Номи бемор чист? – гуфта аз Шоҳмирзо пурсид.

Шоҳмирзо то ҳол номи бемори худро намедонист, бинобар ин, вай ҳам аз худи Одина:

– Дарвоқеъ, номат чист? Гуфта пурсид.



https://bikhon.tj/

– Одина! – гуфт ӯ.

Акнун духтур худ аз худ хиҷолат мекашид ва ба дили худ мегуфт, ки: «як камбағали бесавод як камбағали дигари дар роҳмондаро, ки ҳанӯз номашро ҳам намедонад, барои ғамхорӣ бо харҷи худ табобат кунонданӣ шавад, аммо ман, ки бо даъвои маданигӣ ба нияти хизмат кардан дар олами инсонният хонда мактаби олиро тамом карда, духтур шудаам, дар вақти дидани бемор аввал пулдорӣ ва бепулии ӯро дар назар гирам, айб аст ба ман!..»

Духтур бо ин мулоҳизаи дар зери обу арақи хиҷолатмонда даворо навишта тариқи хӯрдани вайро гуфта дод.

Шоҳмирзо ҷайби худро кофта мехост ба духтур музди заҳмат диҳад, духтур:

– Не, ҳоҷат нест. Ба касе, ки раҳми ту омадааст, раҳми ман ҳам меояд, беморони фақирро бепул табобат кардан ба ман ҳеҷ зарар надорад, як пули ман харҷ намешавад, – гуфт.

Лекин табиӣ намудани инсонияти духтур виҷдони худашро азоб медод, бинобар ин, бо як шӯхӣ аз ин риёкорӣ баромаданӣ шуда:

– Дигар ин ки ту бисёр беморони хушпулро ба пеши ман овардӣ, дар қатори онҳо як бепулро гузаронем, чӣ зарар дорад? Дар урфи шумо «як ҷувол хабуза дута партав дорад» мегӯянд. Ин фақир ҳам дар қатори беморони пулдор партав шавад, – гуфта ханда кард.

Духтур дар вақти гусел кардани Шоҳмирзо:

– Фардо қадре балғами пеш аз хӯрок кардаи беморро ба зарфе андохта ба ман биёр! – гуфта супориш кард.

Шоҳмирзо мувофиқи фармоиши духтур фардои он



https://bikhon.tj/

рӯз қадре балғами Одинаро оварда дод. Духтур ба ӯ гуфт:

– Иллати бемори ту сил аст. Аз аҳволаш маълум мешавад, ки як сол пеш аз ин ба ин дард мубтало шудааст, лекин аз ин ҷо, ки ҳеҷ дору дармон накардааст, ҳам тарзи зиндагӣ ва тартиби хӯрокаш бо нигоҳдории тандурустӣ баробар наомадааст, ин иллат ба шуши ӯ аз одат берун харобӣ овардааст. Ҳоло дарёфти ман ҳамин аст, боз баъд аз бо қоидаи кимиё ҷудо карда дидани балғам ҳақиқат равшантар хоҳад шуд. Бечора бемор ғайр аз ин касалӣ ба хастагии асабӣ низ гирифтор шудааст. Дар болои инҳо ба ин наздикиҳо чизе хӯрдааст, ки ба рӯдаҳояш таъсири бад кардааст, ба ин сабаб ба бадҳазмӣ, беиштиҳоӣ ва камхунӣ дучор шудааст. Давое, ки дирӯз навиштам, барои ҳамин дарди охиринаш буд. Агар даворо дар вақташ ба кор барад, умед аст, ки рӯдаву меъдааш дуруст шавад. Аммо барои силаш баъд аз ҷудо карда дидани балғам даво хоҳам навишт.

– Хуб дарёфтед! – гуфт Шоҳмирзо – Аз рӯйи қавли худи бемор маълум мешавад, ки чанд рӯз пеш аз ин дар Андиҷон як табиб ба ӯ доруи исҳол хӯронида будааст.

– Хайрият намурдааст,– гуфт духтур, – дарунравӣ ба ин гуна бемор раҳнамои марг аст, хусусан доруҳои ислоҳи табибони кӯҳна, ки печиши шикам яке аз хосиятҳои доруи онҳо аст, одамони тануманди тандурустро барҷомонда мекунад: ин аст ки рӯдаи ин бечора сар то по озурда шудааст.

Духтур дар охири сӯҳбат гуфт:

– Албатта, ҳар чизеро, ки ман дар ҳаққи ин бемор гуфтам, ба худаш изҳор накун ва «духтур ба саломатӣ



https://bikhon.tj/

ёфтанат ҳукм кард» гуфта тасалло деҳ, вагарна бо кӯтоҳ шудани умри ӯ сабаб хоҳӣ шуд.

Рӯзи дигар Шоҳмирзо ба пеши духтур омада аз аҳволи балғами Одина ҷӯё шуд, духтур гуфтаҳои дирӯзаашро боз таъкид карда ва «балғамаш ҳам ба гуфтаҳои ман гувоҳӣ дод» гуфта давое навишта дод ва супориш кард, ки ҳамеша хӯрокҳои хушҳазми пурқувват бихӯрад, ҳар рӯз шири ҷӯшонда ва тухми нимбулро ба қадри бардошти табъаш тарк накунад, то мумкин аст дар ҳавои покизаи хуб сайр намояд ва дар офтобрӯя бинишинад, дар мавсими қимиз ба марғзорҳои қимизнок баромада мувофиқи дастуруламали духтурони он ҷо як моҳ, якуним моҳ қимиз хӯрад.

Ва дар охири суханаш гуфт:

– Агар ба ин гуфтаҳо амал намоед, тамом дуруст нашавад ҳам, аз мурдан халос мешавад ва умри дароз мебинад, вагарна ба андак беэҳтиётӣ зиндагии худро ба бод хоҳад дод. Инро ҳам дониста бош, ки касалии ин бемор гузаранда аст, бо андак беэҳтиётӣ ба дигар касон мегузарад. Бинобар ин, коса, табақ чойнику пиёлаашро аз дигарон ҷудо кун, баъд аз хӯрдану нӯшиданаш зарфҳояшро бо оби ҷӯшон шӯёнида бо латтаи покизае хушкон, агар мумкин бошад, дар офтоб гузор. Барои балғам ва оби даҳонандозааш туфдони ҷудогона гузор, ҳар бор заминро чуқур канда туфдонро дар он ҷо холӣ карда болояшро сахт гӯр кун ва худи туфдонро бо оби ҷӯшон шуста дар офтоб хушкон. Коре кун, ки чизҳои махсуси ӯ ба дасти дигарон наафтад ва ба хӯроквориҳо нарасад, вагарна ин касалӣ ба дигарон ба зудӣ мегузарад.



https://bikhon.tj/

# ҚИСМИ ЧОРУМ

## ОКТЯБР

Кӯчаҳои Тошкандро овози милтиқу пулемиёт фурӯ гирифта, мардум ба ҳар тараф мегурехтанд, дӯконҳо баста, дарҳову тирезаҳо аз зарби тир сӯрох шуда ва шикаста буд… Шоҳмирзо тарсону ларзон аз пас-кӯчаҳову бероҳаҳо гузашта, ба пеши дӯкони худ расид. Табиист, самоворхонаи Шоҳмирзо ҳам монанди дигар манзилону дӯконҳо баста буд: аз дари патав ба даруни дӯкон даромада дид, ки 15–20 нафар одамони ношинос ба он ҷо ғун шуда нишастаанд ҳар кадом ҳар замон аз ҷо бархоста барои фаҳмидани аҳвол аз таркиш ва сӯроххои тахтабандии дӯкон ба кӯча нигоҳ мекарданд. Инҳо касоне буданд, ки бо бархостани шӯриш гурехта худро ба даруни ин дӯкон гирифта буданд.

Одина ҳарчанд қуввату ҳавсалаи он надошт, ки аз сӯрохие ба кӯча нигоҳ кунад, лекин аз ҷояш нимхез шуда ба болиш такя карда нишаста буд. Ҳамин ки чашми Одина ба Шоҳмирзо афтод, бо асабонияти тамом:

– Саломат омадӣ, дар ин шӯриш ба куҷо будӣ ва ин воқеа чист? – гуфта пай дар пай саволҳо медод.

– Андак ист, нафасамро рост гирам, – гуфта Шоҳмирзо куртаи худро бо дасти худ ҷунбонда сари дили худро шамол дод ва аз он пас ба гап даромада гуфт:

– Ман дар сари пули Солор ва барои ин ҷониб омадан ҳарчанд чашм доштам аз трамвай дарак нашуд, ночор ба кӯчаи Пушкин пиёда омадан гирифтам. Як



https://bikhon.tj/

вақт аз тарафи Сквер садои қарс–қурси милтиқ баланд шуд. Ман «магар сарбозон машқ мекунанд» гуфта ба худ нагирифта омадан гирифтам. Ҳар қадар ки ба Сквер наздик мешудам, ҳамон қадар ҳам садои милтиқу ғалоғулаи мардум баландтар мешуд. Ман ҳанӯз ин моҷароро машқи сарбозӣ мепиндоштам. Пас аз чанд қадами дигар омадан аз пешам гурезагон баромаданд; онҳо монанди мушоне, ки аз гурба гурезанд, бо бисёр парешонӣ ва саросемагӣ мегурехтанд. Аз ҳар кадоми онҳо, ки «чӣ гап шудааст?» гуфта мепурсидам, бе он ки лаб во кунанд, китфашонро боло кашида ишорати «ман ин чӣ донам?»–ро медоданд. Боз омадан гирифтам. Нохост тире ғуррос зада аз буни гӯшам гузашт. Ман «вой мурдам» гӯён худро ба замин партофтам ва дасти худро паси гӯшам бурда молидам, ба дастам як чизи обакии нимгарм расид. Тир хӯрдани худро яқин карда «ҳай дареғ, муфт мурда рафтам» гуфта афсӯс хӯрда ба ваҳм афтодам ва дасти худро пеши чашмам оварда дидам, ки он чизи обакӣ хун набуда арақи баданам будааст…

Яке аз паноҳандагони он дӯкон:

– Боракалло, шер! Тир нахӯрда худро мурда гумон кардӣ? – гуфта Шоҳмирзоро масхара дошт.

– Шумо, ки шермарди майдон будед, ин мушхонаро чаро иҷора карда нишастед? –гуфта Шоҳмирзо ҳамаи паноҳандагони он ҷоро, ки масхара доштани он мард ҳамроҳӣ карда хандида буданд, лат дода партофт.

– Биё мон! Гап задан гир! – гуфт Одина.

Шоҳмирзо ҳикояти худро давом кунонда гуфт:

– Дидам, ки асари хун нест, шукр гуфта аз он ҷо бархостам ва яқин доштам, ки ин моҷаро машқи сарбоз набуда, машқи ҷондиҳиву ҷонситонӣ будааст. Пас



https://bikhon.tj/

аз он роҳи худро чаплағат дода, худро ба тангкӯчае гирифтам, аз он ҷо, аз миёнаҳои ҳавлиҳо, боғҳо ва обраҳаҳо ба роҳ афтодам. Боз чанд бори дигар аз болои сарам тир виззос карда гузашта бошад ҳам, монанди аввала натарсидам, балки худро дар паноҳи деворҳои тарафи омади тир гирифта равон шудам.

– Хуб, сабаби ин шӯришу моҷаро чӣ будааст? – гуфта Одина пурсиши аввалаи худро такрор кард.

– Чунончи гуфта гузаштам,– гуфт Шоҳмирзо, – аввал машқи сарбоз гумон карда будам, сонӣ маълум шуд, ки як воқеаи калони дигар будаст, аммо надонистам, ки чӣ воқеа бошад?

Як шахси ношиносе, ки дар охири ин суҳбат, дар вақти саволу ҷавоби охири Одина бо Шоҳмирзо омада ба дӯкон даромада буд, ба гап ҳамроҳ шуда:

– Сабаби ин шӯришро ман медонам! – гуфта диққати ҳамаро ба тарафи худ кашид.

– Хуб, чӣ будааст? – Одина пурсид.

– Керинский – гуфт ношинос, – Николайро бекор карда худ ба ҷойи ӯ подшоҳ шуда будааст, коргарону деҳқонон вайро бекор карда, корро ба дасти худ гирифтаанд. Акнун одамони Керинский бо одамони Николай як шуда ба муқобили коргарону деҳқонон хестаанд, шудааст ҷанҷол.

– Гапи бекор! – гуфта шахси дигар он шахси ношиносро дуруғгӯй кард.

– Чаро гапи бекор? – гуфта шахси ношинос далел талаб кард.

– Кренский, – гуфт он шахс, – ҳамин тавр қаҳрамоне аст, ки Николай барин подшоҳро, ки аз чор подшоҳ якта ҳисоб меёфт бекор кард, чӣ шуд, ки аз як мушт пойбараҳнагон шикаст хӯрд..



https://bikhon.tj/

– Ман ин гапҳоро худам бофта намегӯям, як ошноям, ки чанд сол боз дар Пиёнбозор дастакфурӯшӣ мекунад, забони русиро ҳам ёд гирифтааст ва бо вуҷуди бесаводиаш аз қонун ҳам хеле хабардор аст, шунида мегӯям, – гуфта гапи худро қувват дод ношинос.

Агарчи ин шахси ношинос ба сиёсат ва тартибҳои ҳукуматдорӣ тамом бегона буд ва шунидаҳои худро бо як ибораи авомонаи сода ифода менамуд, лекин бо ин ифодаи хурд сиёсату воқеаи онрӯзаро тамом шарҳ дода буд. Зеро агарчи Кренский номи худро подшоҳ наниҳода буд, аммо сиёсати подшоҳӣ ва сармоядориро биайниҳӣ давом кунонида буд, ҳатто ҷангро, хонумони коргарону деҳқонони Русияро хароб карда сарвату ободии мамлакатро тамоман барбод дода буд, ба давом кунондан қарор карда, ба ҳуҷум фармон бароварда буд ва ҳол он ки як мақсади коргарону фақирон аз подшоҳбекоркунӣ барҳам додани ин ҷанги хонумонсӯз буд.

Роҳбару доҳии ягонаи коргарон рафиқ Ленин бо дониш ва таҷрибаҳои худ ин воқеаро пеш аз вуқӯаш медонист, бинобар ин, ӯ Инқилоби Февралро на мақсади охирӣ, балки дарвозаи инқилоби бузурги иҷтимоӣ дониста ба инқилоби дувум ҳозирӣ медид, фикрҳои коргарон, аскарон ва деҳқонони фақирро, ки аз вазъияти Ҳукумати муваққатӣ ва тартиби иҷтимоии он замон ҳеҷ розӣ набуданд, ба як нукта ба нуқтаи «Ҳамаи ҳокимият ба Шӯроҳо» ғун мекард. Ин буд, ки дар 25 моҳи октябри (ба ҳисоби нав 7 ноябри) соли 1917 ин инқилоб ба вуқӯъ омада ба номи Инқилоби Октябр дар саҳифаҳои таърих навишта шуд.

Чунончи, сиёсидони содаи мо гузашт, дар ҳар ҷо ба муқобили коргарон ва Инқилоби Октябр тарафдорони Николай ва Кренский як шуда бархоста буданд.



https://bikhon.tj/

Як каси тошкандӣ аз он шахси ношинос:

– Шӯрои исломи мо ба кадом тараф бошад? – гуфта пурсид.

Сиёсидони мо ин масъаларо намедонист ва «намедонам» гуфта ҷавоб дод.

Одина ба гап ҳамроҳ шуда:

– Шӯрои ислом кист? – гуфта пурсид. Одина гумон мекард, ки «Шӯрои ислом» иборат аз як шахс аст.

Яке аз аҳли маҷлис гуфт:

– Баъд аз бекор шудани Николай боёну одамшавандагон бо муллоён як шуда як ҷамъияте барпо карда буданд, то имрӯз дар шаҳри кӯҳнаи Тошканд ҳамин ҷамъият ҳамроҳӣ мекунад ва номи ҳамин ҷамъиятро «Шӯрои ислом» мегӯянд.

– Шӯрои ислом хуб кор кард, – гуфт дигаре, шаҳрҳоро мусулмонобод намуд, намозхон бисёр шуд. Ҳар касеро, ки намоз нахонад, имоми маҳалла таъзир мекунад ва аз номи шӯрои ислом пули ҷурмона мегирад.

– Агар Шӯрои ислом иборат аз муллоён, боён ва одамшавандагон бошад, – гуфт Одина, – албатта, ба коргарону фақирон муқобил хоҳад буд.

Одина сурати илмӣ, зиддияти синфҳоро ва манфиати кадом табақа бо кадом синф вобаста буданро, албатта, намедонист. Лекин аз саргузашту таҷрибаҳои хурдтараки худ ба хубӣ дониста буд, ки гурӯҳи бою мулло муқобили фақирон ҳастанд. Чунончи Арбоб Камол, ки хурдтарини бойҳост, ӯро ин ҳама азият дод, Мулло Хокироҳ ва одамшавандагони қишлоқ ба бедодиҳои Арбоб ёрӣ доданд.

Эҳтимол Одина аз воқеаи Арбоб ва Мулло Хокироҳ ба зиддияти синфҳо пай намебурд, лекин сесола хиз-



https://bikhon.tj/

мати зовуд ва ташкилоти коргарон, ки дар он ҷо буд, фикри ӯро, ба андозае ки аз саргузашти худ ибрат гирифта тавонад, яла карда буд.

– Тиқ, тиқ, тиқ…

– Гум, гум, гум…

Вақте ки Одина сухани худро тамом кард, бо ин садо дари самоворхона аз тарафи берун куфта шуд. Ҳама сокит ва хомӯш гардиданд, дурандешон, дар паси сандуқи чойникмонӣ, дар пушти қуттии нондон ва болои рафчаи ҷойхобгузорӣ пинҳон шуданд. Шахсе, ки Шоҳмирзоро тарсончак гуфта, масхара дода буд, монанди харе, ки аз гург тарсид, сари худро ба даруни қуттии ангишт тақонид. Шахси номаълум баъд аз ду–се бор дарро бо шиддат задан: «Шоҳмирзо! Шоҳмирзо!» гуфта овоз дод.

Шоҳмирзо бо ҳазор тарсу ларз оҳиста ба пушти дар рафта, аз тарқиш ба берун нигоҳ кард ва:

– Иван! Ту будӣ! Ман ягон одами нохалаф будагист гуфта тарсида будам.. Чӣ мегӯӣ?

– Дарро кушо, аз ташнагӣ мурдам.

– Аз дари партав биё!

– Аз чӣ метарсӣ? Дарро кушодан гир!

– Агар об махоҳӣ, аз дари партав биё! Вагарна маро беҷанҷол мон ва ба роҳат рафтан гир!

– Чёрт,– гуфта Иван дашном дода, рафта аз дари партав ба самоворхона даромад, ба ҳолате ки ба дасташ таппонча буд.

Аҳли самоворхона ин ҳолро дида ба ларза афтоданд.

– Натарсетон! Ин ошнои деринаи ман аст, одами бад нест,– гуфта Шоҳмирзо ба онҳо тасаллӣ дод.



https://bikhon.tj/

Ҳама ором гирифтанд, шахси сари худро ба қуттии ангишт таққонда ҳам хеста ба ҷойи худ нишаст, рӯйи ӯ аз гирди ангишт сип-сиёҳ шуда буд. Шоҳмирзо:

– Ҳа, хонашер! Магар ба даруни қуттӣ ба тирборон вохӯрдӣ, ки рӯят сиёҳ шудааст, – гуфта хандид.

Иван ба лаби суфача нишаст ва таппончаро ҳам ба ягон тарафи худ гузошт, пас аз он ба Шоҳмирзо:

– Зуд бош, як коса оби хунук бидеҳ! – гӯён туг-маҳои камзӯли меши сиёҳи худро кушода сари синаи худро шамол додан гирифт.

– Гарм шуда, арақ карда омадӣ, оби сард мабодо зарар накунад, чой хӯрӣ-чӣ? – гуфт Шоҳмирзо.

Иван дасту бозуҳои худро нишон дода гуфт:

– Ин дасту бозу ба даруни кӯри оташ ва кӯмаи барф калон шудааст, мо коргарон дар зери бори меҳнат ба камол расидаем, бо гармову сармо пухта шудаем, акнун моро на аз сардӣ парҳез на аз гарми гурез. Ин маслиҳатро ба касоне деҳ, ки бо дасти худ коре накарда, танҳо самараи меҳнати дигаронро хӯрда, ба бистари ноз хобидаанд.

Шоҳмирзо косаи пуробро ба дасти Иван дода гуфт:

– Хайр, биё мон! Бисёр лоф мазан, тез бош, обатро нӯшу воқеаро гӯй, ин чи ҳодиса аст, ки шаҳрро зеру забар кард.

– Ҳоло шаҳр зеру забар нашудааст ва ҳеҷ воқеаи калон ҳам рӯй надодааст, – гуфт Иван, – агар фарз кунем, ки ин шаҳр ва тамоми шаҳрҳои дигар, ҳатто тамоми дунё ҳам зеру забар шавад аҷаб несту ҳам бок нест. Имрӯз дунёи нав барпо шудааст. Барои ин аввал дунёи кӯҳнаро вайрон кардан даркор аст ва бояд, ки вайрон шавад. Агар ту самоворхонаро аз сари нав иморат кардани шавӣ, аввал ин иморатро вайрон ме-



https://bikhon.tj/

кунӣ, пас аз он барои иморати нав таҳкурсӣ мениҳӣ ва иморати кӯҳна вайрон шуд гуфта ғам ҳам намехӯрӣ.

– Аз ин гапҳои ту ман ҳеҷ чиз намефаҳмам, – гуфт Шоҳмирзо, – ва гумон мекунам, ки худат ҳам нафаҳмида гап мезанӣ. Магар арақ хӯрдаӣ, ки мастона пойдарҳаво сухан меронӣ!

– Рост аст, камтар арақ хӯдаам, аммо гапҳоямро хуб фаҳмида ва дониста гуфта истодам.

– Ин тавр бошад, ба забоне, ки мо ҳам бифаҳмем, гап зан! – гуфт Шоҳмирзо. – Ва ин ранг титолбофӣ накун.

– Ҳар чӣ гӯям, шарҳи ҳамин гуфтаҳоям хоҳад буд. Гӯш деҳ, инак гап мезанам, – гӯён Иван як коса оби дигарро тамом нӯшида, ба гап задан сар кард:

– Мо, коргарон, солҳои дароз дар зери зулми сарватдорон ва ҳукумати подшоҳӣ хун хӯрдем ва пӯсидем, миллионҳо ҳампешагону гузаштагони мо дар банди ғуломиву гуруснагӣ ҷон доданд. Дар корхонаҳо, дар роҳҳои оҳан, дар конҳои ангишту равғани лампа кор кардем.

Аммо тамоми фоидаро соҳибони сармоя ба кисаи худ зада айшу нӯш карданд, ҳар вақт, ки мо нони серӣ мепурсидем, ба ҷойи нон ба мо тири ҳукумати подшоҳиро ҳавола мекарданд. Агар аз мо норозигӣ медиданд, ҷойи мо зиндон, тамошогоҳи мо Сибир ва қароргоҳи мо пойи дор буд.

Оқибат коргарон ба ин фикр омаданд, ки то тартиби ҷамъиятӣ дигар нашавад, то қоидаи сармоядорӣ аз миён барнахезад ва то ихтиёри фоида кор ба дасти коргарон набошад, бисёртарини мардум, ки меҳнаткашу фақир ҳастанд, осуда нахоҳанд шуд.



https://bikhon.tj/

Бинобар ин, роҳбарони коргарон солҳои бисёр боз барои барҳам задани тартиби сармоядорӣ ва барпо кардани усули зиндагии ҳозирӣ медиданд. Сабаб ин буд, ки дар моҳи феврали гузашта бо норизоиёна ҳукумати подшоҳӣ як шуда Николайро бекор карданд, лекин бо ин қадар мақсад тамом нашуда буд, боз ҳамон сармоядороне, ки душмани мо, ба иборати дигар, душмани бисёртарини мардум буданд, бар сари кор нишастанд. Дар натиҷа, Ҳукумати Муваққатӣ – ҳукумати Керенский барпо шуд.

Сиёсидони содаи мо ба касе, ки аз болои Керенский лоф мезад:

– Ана шунидӣ, Николайро ҳам коргарон бекор карда буданд–ку? Керинскийи ту як бекорхӯҷа будааст–дия! – гуфта ғур–ғур кард.

– Хомӯш, хап шавед, гапро шунавем, – гуфта Одина он шахсро аз сухан бардошт ва Иван ба гапи худ давом карда гуфт:

– Албатта, коргарон, аскарон ва деҳқонони меҳнаткаш ба ин кор розӣ шуда наметавонистанд ва розӣ ҳам нашуданд. Доҳиву роҳбари меҳнаткашони дунё рафиқ Ленин дар атрофи фирқаи болшевикӣ фикрҳоро аз нуктаи назари манфиати синфии меҳнаткашон ғун карда, оммаи меҳнаткашонро аз як сар бароваронид, ки омма ба муқобили ҳукумати Керенский ва тартиби сармоядор бархоста ӯро аз миён бардоштанд ва ихтиёри корро ба дасти Шӯроҳои коргар ва аскару деҳқон супориданд.

Сиёсидони содаи мо дигар худдорӣ карда натавонист ва аз ҷойи худ барҷаста:

– Молодетс, зинда бош Ленин! – гуфта фиристод ва ба Иван нигоҳ карда:



https://bikhon.tj/

– Товариш, лаънатӣ Керинский чӣ шуд? – гуфта пурсид.

– Гурехт,– гуфт Иван.

– Афсӯс, ки ба даст наафтод–дия. Куҷо гурехта бошад?

– Чёрт медонад, ба ягон гӯр гурехтагист–дия,– гуфт Иван ба вай ҷавоб дод ва гуфт:

– Гап дар болои гурехтан, ё ба даст афтодани Керенский нест вай як одам аст, зинда ва мурдаи вай баробар аст. Гап дар болои тарафдорони ӯ, ба болои он синфест, ки Керенскийро ба майдон овардааст. Ана ҳаминҳоро ёфта барҳам додан даркор аст. Албатта, ин кор бо осудагиву осонӣ намешавад. Да…– гуфта Иван қадре фикр карда ҳавосашро, ки ба сабаби ҷӯшишу шодиёнаи сиёсатдони сода парешон шуда буд, ғун кард ва сухани худро аз ҷойи буридашудааш гирифта гуфт:

– Албатта, ин кор осудаву ором намегузарад. Албатта, он ҷамоае, ки солҳо, асрҳову қарнҳо, боз ҳукмронӣ мекарданд, хуни ҷамоаи меҳнаткашонро мемакиданд, барои манфиати худ бар сари коргарон оташро дармегиронидананд, осон–осон аз сари кор намерафтанд ва ба ихтиёри худ ба маҳв шудани худ розӣ намешуданд.

Дарвоқеъ ҳам чунон шуд: дар ҳама ҷо ниҳониву ошкоро ба муқобили меҳнаткашон ва ҳукумати онҳо бархостанд ва истодагӣ карданӣ шуданд; табиӣ, меҳнаткашон ҳам ба ҳуҷум ё муқобилати онҳо дам ва хомӯш намеистоданд. Бояд ҳуқуқи худро, ки имрӯз ба даст даровардаанд, маҳкам нигоҳ медоштанд. Бояд душманонро ба андозае, ки дигар сар бардошта натавонанд, мезаданд ва маҳв мекарданд.



https://bikhon.tj/

Дар ҳақиқат ҳам чунин шуд ва дар ҳар ҷойи мамлакат ҷанги ҳамватанӣ[1] барпо гардид. Имрӯза воқеае, ки дар Тошканд рӯй дод, аз он ҷумла аст. Лекин ин воқеаҳо воқеаҳои охирӣ нестанд, бояд ин мубориза то тамом вайрон шудани усули сармоядорон, маҳв шудани тарафдорони онҳо, мустаҳкам гардидани ҳукумати коргарон, аскарон ва деҳқонон, барпо шудани тарзи зиндагонии нав давом кунад ва кашол ёбад. Мо аз ҳар чиз пештар бояд аввал ҳамаи сервату сомони сармоядоронро, ки дар ҳақиқат ҳаққи ҳалоли худамаст, ба даст дарорем.

Ман дар аввали сухан ҳамин гапҳоро ба иборати «дунёи кӯҳнаро вайрон мекунем ва дунёи нав месозем» кӯтоҳ карда ба ту фаҳмонданӣ шуда будам, аммо ту нафаҳмидӣ ё фаҳмидан нахостӣ. Акнун бояд фаҳмида бошӣ, ки он гапҳои ман асари мастӣ ё ин ки титол набудааст, балки кӯтоҳ ва хулласи як китоб сухан будааст.

Аз ин суханҳои сода ва мисолҳои равшани Иван натанҳо Шоҳмирзо, балки тамоми ҳозирон ҳақиқати ҳолро фаҳмида

– Саломат бош, бародар Иван! – гуфт Шоҳмирзо, – хабарҳои хуш расондӣ, майнаи маро яла кардӣ.

– Акнун мо камбағалон ҳам рӯзи равшан мебинем, гӯй! – гуфта дигаре ҳам изҳори хурсандӣ кард.

Танҳо як кас – касе, ки аз болои Керенский лоф мезад, бо ин шодиёнаи умумӣ ҳамроҳ намешуд, балки худ ба худ:

---

[1] Ҷанги ҳамватанӣ – муаллиф ҷанги гражданиеро, ки пас аз рӯзҳои аввали Инқилоби Октябр дар сарзамини Русияи шӯравӣ ва гирду атрофи он байни синфҳои истисморгари сарнагуншуда ва меҳнаткашони нав ба сари ҳокимият омада баргузор гардида, то аввали соли 1922 давом ёфта буд, дар назар дорад.



https://bikhon.tj/

– Ҳай дареғ, сад дареғ, зовудҳои чармгарӣ магар аз дастам мераванд, – гуфта афсӯс мехӯрд ва Иван ҳам бо шунидани овози буғи роҳи оҳан, ки коргаронро барои ғун шудан чеғ мезад, як косаи дигар оби хунук нӯшида, аз маҷлис баромада рафт.

Одинаро ҳарчанд қуввати он набуд, ки каф занад ва «урра» гӯяд,[1] лекин аз суханони Иван ба таърих ва сабаби интиқол пай бурда, мазмуни ин шеърро аз дили худ мегузаронид:

Буд чанде ба ғам мубтало шайху шоб[2]
Шайх дар таҳлука, шоб дар печу тоб.

Канда бунёдҳо ҷавру бедодҳо,
Синаҳо пур зи хун, дидаҳо пур зи об.

Фирқае бесабаб дар ниам,[3] дар талаб,
Фирқае бегуноҳ дар бало, дар азоб.

Фирқае ҳукмрон дар ҷаҳон бе амон,
Фирқае ҳукмрон бе суолу ҷавоб.

Фирқае рӯзу шаб дар тапиш, дар тааб,[4]
Фирқае субҳу шом масти ҷому шароб.

---

[1] Ҷумлаи Одинаро ҳарчанд қуввати он набуд, ки каф занад ва «урро» гӯяд ба матни 1948 ва 1958 мувофиқат намекунад. Зеро дар матнҳои мазкур муносибати аҳли чойхонаи Шоҳмирзо ва суханони Иван на бо хитоба ва «урро» – гӯиҳо, балки ба воситаи ҷумлаҳои ҳикоягӣ баён шудааст. Дар ин ҳолат ба каф задан ва урро гуфтани Одина зарурат намемонад. А. Деҳотӣ бо ризогии муаллиф хитобкуниҳои аҳли чойхонаи Шоҳмирзоро тағйир дода, мувофиқи он тағйир додани ҷумлаи мазкурро, зоҳиран аз ёд баровардааст.

[2] Шайху шоб – пиру ҷавон

[3] Ниам – неъматҳо,

[4] Тааб – ранҷу мондагӣ



https://bikhon.tj/

З–ин мухолиф гурӯҳ мамлакат дар сутӯҳ,[1]
З–ин муонид[2] фирақ[3] мулк дар изтироб.

Ҳол ин гуна буд… Хост шӯреануд,
Кард кошонаи мустабидон хароб.[4]

## СОЛИ 1918

Соли 1918 барои меҳнаткашони Туркистон бисёр бад омад. Соли 1917 дар Осиёи Миёна беборишӣ ва хушксолӣ шуда, қаҳтӣ рӯй дода буд. Дар охири имсол захираҳои ҳама кас тамом шуд, дар гӯша, бешаҳо агар чизе хӯрданӣ ёфт мешуд, ҳаннотон ғун дошта ба анбор ҷой мекарданд. Баъд ба гуруснагон, гӯё ки ба бадали накди ҷон як лаб нон медоданд. Дар зимистони он сол мамлакат ранги як биёбони беобу алаферо гирифт, ки саҳроиён, деҳқонони фақир, мардикорони бекасу кӯй ва бодиянишинони бехонумон гурӯҳ–гурӯҳ монанди рамаи гӯсфанд ба талаби хӯрокворӣ ба шаҳрҳо рӯй оварданд.

Гуруснагон дар сари роҳҳо, дар миёнаи кӯмаи барфҳо, ба даруни ҷариҳову лаби рӯдҳо мурда мемонданд. Ин манзараи фоҷиаангез махсуси даштҳо ва

---

[1] Сутӯҳ – тангӣ малулӣ…
[2] Муонид – зид ва мухолиф
[3] Фирақ – фирқа гурӯҳҳо.
[4] Дар матнҳои соли 1948 ва Куллиёт чор мисраи охири ғазали «Инқилоб» парофта шудааст.

Ҳайратам даррабуд, к-ин чӣ ошӯб шуд,
Омад аз ҳашт сӯ инчунинам ҷавоб.
Инқилоб, инқилоб, инқилоб, инқилоб,
Инқилоб, инқилоб, инқилоб, инқилоб.



https://bikhon.tj/

беруни шаҳрҳо набуд, балки дар шаҳрҳо ҳам аз гуруснагӣ мурдан дар ҳукми одат даромада буд.

Бо ҳамин ҳол соли 1918 даромад. Ҳар қадар ки баҳор наздиктар мешуд, ҳамон қадар ҳам захираҳо кам шуда, шумораи гуруснагону аз гуруснагӣ мурдагон зиёдтар мегардиданд.

Дар болои ин касалии арақӣ (тиф), ки фарзанди баркамоли қаҳтиву гуруснагӣ аст, рӯй дода, то метавонист мардумро ба хоки ҳалок месупурд.

Фоҷеаи мухторияти Қуқанд,[1] хурӯҷи Эргаш[2] ва босмачиёни дигар, бетартибиҳои дашнакиён[3] рӯй дода Фарғонаро, ки боғчаи Осиёи Миёна ба шумор мерафт, чун хонаи ҷуғз вайрону хароб кард. Дар натиҷаи воқеаи Колесев хунрезӣ ва бедодгариҳои амири Бухоро ба сари меҳнаткашони он тараф, ки аз гуруснагӣ ҷон медоданд, як балои дигар шуд.

Дуруст дар ҷойҳое, ки Ҳукумати Шӯроӣ барпо шуда буд, як дараҷа ин селоби фалокат пешбандӣ карда шуд. Чунончи, дар ҳар куҷо кумитаҳо ва ҷамъиятҳои муборизакунандаи бо гуруснагӣ барпо гардид. Захи-

---

[1] Мухторияти Қуқанд – ҳукумат дар Қӯқанд, ки худро дар ноябри соли 1917 дар Туркистон мустақил шуморида, дар Съезди 4-уми Фавқулоддаи Умумимусулмонии кишвар декабри соли 1917 ҷудо кардани Туркистонро аз Русия ба миён гузошт. Ҳукумати Мухтори Қӯқанд 20 феврали соли 1918 аз тарафи дастаҳои аскарони сурх ва коргарони Қӯқанд торумор карда шуд.

[2] Эргаш – яке аз сардорони муҷоҳидини Фарғона ва роҳбарии Мухторияти Қӯқанд буд, ки пас аз торумор шудани ин ҳукумат ӯ бо гурӯҳи худ бо дастаҳои (муҷоҳидин як шуда ба муқобили давлати шӯравӣ мубориза мебурд).

[3] Дашнахиён (Дашакцутюн – Иттифоқ) – ҳизби буржуазии Арманистон, ки соли 1890 дар Тифлис ба вуҷуд омада буд. Аз майи соли 1918 сар шуда, то моҳи ноябри соли 1920 ҳизби ҳукмрони ҷумҳурии Арманистон буд. Феврали соли 1921 дашкониён исёни зиддишӯравӣ бардоштанд ва шикаст хӯрданд.



https://bikhon.tj/

раҳои мамлакат дар як ҷо ғун карда шуда, ба оммаи аҳолӣ ҳаррӯза бо сатҳи муайян маҷҷонӣ дода шуд, гуруснагони бекасу кӯй ба ошхонаҳо ва хобгоҳҳои умумӣ ҷамъ карда шуда, ба қадри имкон хӯронда ва пӯшонда шуданд, барои пешгирии касалии тиф чораҳои тиббӣ дида шуд.

– Лекин ин корҳо дар шаҳрҳо ва чунончи дар боло гуфта шуд, дар ҷойҳое буд, ки дар он ҷо Ҳукумати Шӯроӣ нуфуз дошт. Аммо дар дигар ҷойҳо ва хусусан дар қишлоқҳои дур толеи фарзандони одам тамоман ба тақдир ҳавола карда шуда буд.

Ин аҳвол то вақти гандумпазии соли 1918 давом карда, баъд аз даромадани ғаллаву дона ба дасти мардум оҳиста–оҳиста рӯ ба беҳбудӣ овардан гирифт. Лекин дар ин вақт дар тамоми Русия ва Туркистон ҷанги дохилӣ[1] сар шуда буд: сармоядорони беруна ба аксулинқилобчиёни даруни Русия ёрӣ дода сар то пойи ин мамлакати васеъро оташхонаву қассобхона гардида буданд! Роҳи Туркистон аз тарафи Оренбург аз Русия бурида шуд, меҳнаткашони ин ҷо танҳо бо қуввати худ ба ҳифзу нигоҳдории Ҳукумати Шӯроӣ маҷбур шуданд. Дар ин ҳол сафедони ашқободӣ[2] бо ёрмандии англисон роҳи Бокуро бурида омада, нефту равғани лампаро боздоштанд. Найза ва шамшери худро ба

[1] Ҷанги дохилӣ – нависанда ҷанги гражданиро, ки дар хоки мамлакати мо тобистони соли 1918 сар шуда, то моҳи ноябри соли 1920 давом кард, дар назар дорад.

[2] Сафедони ашқободӣ – ҳангоми ҷанги гражданӣ (1918 – 1920) муҷоҳидоне, ки барои аз нав барқарор намудани сохти буржуазӣ – помешикӣ мубориза мебурданд, дастаҳои ҳарбии худро бо номи милитсияи буржуазии Финландия дар соли 1906 ташкил карда, гвардиячиёни сафед ном ниҳоданд. Сафедони ашқободӣ – гвардиячиёни сафеди дар Ашқобод амалкунада.



https://bikhon.tj/

сафҳаи синаи меҳнаткашон ва ҳукумати шӯроии Туркистон рост карда, то наздикии Чорҷӯй ҳуҷум намуда омаданд. Дар натиҷаи ин ҳол асбоби нақлиёт аз кор монд, корхонаҳои маҳаллӣ хоб рафтанд. Роҳи оҳан маҷбур буд, ки бо ҳезум ҳаракат намуда дар мадофиаи Туркистони сурх ҳамроҳӣ кунад.

Табиӣ, ҳоли бемори мо Одина бо таъсири ин аҳвол аз аввалааш бадтар шуд, хаёлҳои қимиз хӯрдану сиҳат ёфтан дар қатори хаёли Гулбибӣ гузашта, як орзуи маҳол шуда рафт.

Ба толеи Одина хайрият, ки Шоҳмирзо буд, вагарна дар рӯзҳои вазнин қурбони нахустин ӯ мешуд. Даромади самоворхонаи Шоҳмирзо монанди пештара фаровон набуд, тангии аҳволи иқтисодии умумӣ ба ин ҷо низ таъсири худро нишон дода буд. Мусофирин гӯё ки ҳеҷ намеомаданд, касе ки як чойник чой хурданӣ шавад, бо ҳисобу сарфакории бисёр базӯр мехӯрд. Шоҳмирзо ба ин тангиҳо нигоҳ накарда як лаб ноне, ки меёфт, аввал ба Одина мехӯронид, мувофиқи супориши духтур хобгоҳу либосҳои ӯро ба қадри имкон покиза нигоҳ медошт. Хусусан, баъд аз пайдо шудани касалии тиф духтур дар ин бора бо муболиғаи бисёр таъкид карда гуфта буд, ки «ҳушёр бош, агар ягон шабуши одами тифдор ба бадани Одина роҳ ёбад, ҳамон рӯз ба касалии тиф гирифтор хоҳад шуд, ин заъфу беқувватӣ, ки дорад, ба ин касалӣ тобоварӣ карда натавониста талаф хоҳад шуд».

Шоҳмирзо азбаски ба гуфтаҳои духтур тамом боварӣ дошт, рост будани дарёфтҳои ӯро чандин сол боз ба чашми худ дида ва Одинаро ҳам бо як муҳаббати бародарона дӯст медошт, фармоишҳои духтурро дар бораи ӯ нуқта ба нуқта риоя мекард.



https://bikhon.tj/

Ба сабаби ин тадбирҳо Одина агарчи намурда монд, лекин бисёр заифу бемадор шуда буд, бе ҳимояти касе аз ҷой бархоста наметавонист, дар вақти сулфа балғамаш хунолуд меомад. Мушкилтар ин буд, ки бештар аз як сол боз аз маҳбубаи дилоромаш хабаре надошт, намедонист, ки ба сари ӯ чиҳо омада бошад. Аз заъфу нотавонӣ ҷонаш ба лаб расида, гӯё ки фақат аз барои шунидани хабари ҷонони худ мунтазир истода буд.

## КӮҲИСТОНИ БУХОРО

Кӯҳистони Бухоро,[1] ки ба дасти амирон афтидан боз рӯйи беҳбудиро надидааст, дар соли 1918 бисёртар ба тангӣ афтода буд: бебориши ва хушксолии соли 1917 дар он ҷо ҳам қаҳтиву гуруснагӣ оварда буд. Фақирони Кӯҳистон, ки дар солҳои фаровонӣ барои ёфтани пули ноне ба Туркистон мӯҳтоҷ буданд, дар сол эҳтиёҷмандии онҳо зиёдтар шуда буд. Лекин ҳукумати Бухоро имсол рафтуомади Туркистонро мамнӯъ карда намегузошт, ки касе аз аҳолии Кӯҳистон аз сарҳад барояд, ё ки дарояд метарсид, ки агар мардум ба Туркистон рафтуой кунад, ба талқиноти болшевикону гурезагони Бухоро[2] гӯш карда ба муқобили ҳукумати амир шӯриш хоҳанд кард. Баъд аз воқеаи Колесов[3] ин гуна

[1] Кӯҳистони Бухоро (Кӯҳистон) – Тоҷикистони марказӣ, ки қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисор, Қаротегинро дарбар мегирад.

[2] Гурезагони Бухоро – ҷавонбухориёну озодхоҳоне, ки ба сабаби бемуваффақият анҷом ёфтани нақашаи ҳуҷуми Колесов (ниг. ба 83) аскарони рус ба Самарқанд, Тошканд ва дигар шаҳрҳои Туркистон паноҳ бурданд.

[3] Колесов Фёдор Иванович – ( 1891 – 1940) – раиси шӯрои комиссарони халқии Туркистон, ки дар охири моҳи феврвли 1918 қувваҳои ҳарбии



https://bikhon.tj/

гирифтугири амир аз аввала ҳам зиёдтар шуд. Бар болои ин, амир имсол аз ҳарсола бештару вазнинтар андозҳо андохт.

Ҳокимоне, ки дар ин ҷо аз ҷониби амир ҳукмронӣ мекарданд, андозаҳои подшоҳиро яке бар чанд карда аз мардум меситониданд ва мозодаи[1] чизеро, ки ба хазина супурда мешуд, худ меандохтанд. Касонеро, ки ин гуна андозҳои аз одат берунро намедонанд ё ки дода наметавонистанд, ба зиндон меандохтанд, ё ёғӣ гуфта бандӣ намуда ба Бухоро мефиристоданд. Дар ин бедодгариҳои ҳокимон амалдорони маҳалливу муллоён ёрӣ медоданд ва роҳнамоӣ мекарданд. Зеро ҳар чизе, ки аз кисаи фуқаро барояд, як қисмаш аз дасти ҳокимон ба номи инъому эҳсон ба кисаи онҳо медаромад.

Дар вақти сар шудани воқеаи Колесов амир амалдорону навкарони Кӯҳистонро ба Бухоро талаб карда буд. Баъд аз тамом шудани ин воқеа ва имзо ёфтани сулҳи Қизилтеппа[2] ҳам амир ба қувва ҷамъ намудани худ давом мекард ва барои оянда ҳозириҳо медид. Аз ин ҷумла мардуми Кӯҳистонро ҳам ба ёрӣ талаб карда буд. Танхоҳхӯрону амалдорони калон, албатта, барои ёрӣ додан ба амир ҳозир буданд. Аммо ин кифоя намекард: амир мехост, ки аз ҳама гуна қувватҳои

---

худро аз Қуқанд ва Самарқанд ба Когон оварда 2 марти ҳамроҳи ҷадидҳо барои сарнагун кардани ҳукумати амир ба Бухоро ҳуҷум намуд. Веле ин ҳуҷум бемуваффақият анҷом ёфт. «Воқеаи Колесов» ишора ба ҳамин ҳуҷуми бемуваффақияти ӯст.

[1] Мозода – Истилоҳи молиявии Бухорои амирӣ буда, ба маънии «чизи барзиёдмондае аз он чизе, ки ба хазина супурда шудааст» мебошад.

[2] Сулҳи Қизилтеппа – муоҳидаест, ки баъди шикаст хӯрдани Колесов роҳбарияти кишвари Туркистон ва амири Бухоро ба имзо расонида бошад.



https://bikhon.tj/

моддию маънавии Кӯҳистон барои нигоҳдории тоҷу тахти худ фоида барад. Барои ба даст даровардани ин муддао амалдорони калон ва муллоён дар миёнаи мардум ташвиқот мекарданд. Аз як тараф, ташвиқоти онҳо ва аз тарафи дигар, иҷбору зӯр кардани ҳукумат як қисми мардумро ба ёрии амир маҷбур карда бошад ҳам, қисми куллӣ, хусусан синфи фақирон, ки ғайр аз пул додану ҷон додан ба дарбори амир дигар муносибат надоштанд, ба ин кор ҳеҷ розӣ набуданд, то фурсат меёфтанд, аз ёрмандӣ кардан ба амир ва ҳукумати ӯ мегурехтанд, ҳатто зимнан ва оҳиста–оҳиста ба муқобили ҳукумати амир ташвиқот ҳам мекарданд. Барои ин кор дар дасти онҳо санаду дастакҳои таърихӣ бисёр буд. Мардуми Кӯҳистон ин санадҳоро аз падару бобоҳояшон даҳан ба даҳан шунида ёд медонистанд.

Мо дар ин бора аз воқеаҳои чандинсолаи пештараи Кӯҳистон чашм пӯшида, танҳо баъзе фоҷеаҳоеро, ки дар аҳди амирони манғит[1] дар ин мулк рӯй додаст, ба тариқи мисол ба хотири хонандагон меорем.

Дар вақти гузаштани ҳукумати Бухоро аз астархониён[2] ба дасти манғитиён тамоми Кӯҳистон ба сари худ мустақил буд. Агар дар он вақт тарзи зиндагии аҳолии кӯҳистонӣ ибтидоӣ ва тартиби ҳукуматашон оқсақолӣ бошад ҳам, бо вуҷуди ин, ба деҳқонӣ ва чо-

---

[1] Амирони манғит – сулолаи амирони Бухоро аз қабилаи манғитаҳо аз соли 1753 то соли 1920 Муҳаммадраҳимхон (1753 – 1758), Дониёлбек (1758 – 1785), Шоҳмурод (1785 – 1800), Ҳайдар (1800 – 1826), Насруллоҳ (1826 – 1860). Музаффар (1860 – 1885), Абдулҳадхон (1885 – 1910) Олимхон (1910 – 1920).

[2] Астархониён ё аштархониён – сулолаест аз авлоди Ҷуҷихон, ки аз с.80 асри XIV дар Астрахан ҳукмронӣ карда, дар солҳои 1599 – 1753 дар Мовароуннаҳр ва қисми Хуросон ҳукмронӣ кардааст.



https://bikhon.tj/

рводории худ машғул, ба зан, фарзанд, ирзу номуси худ худ соҳиб ва ба хонаи худ як дараҷа осуда рӯзгор мегузарониданд.

Вақте ки Раҳимхони манғит ҳукумати худро дар Бухоро мустаҳкам карда, ба тарафи Кӯҳистон лашкар кашид, нахустин задухӯрди ӯ бо ҳисориён ба наздикии қалъаи Пошхӯрд дар қалъаи Тангдевон воқеъ шуд (1169 ҳиҷрӣ),[1] чун Раҳимхон дар ин ҷанг ғолиб баромад, мардонро тамоман кушт, занону духтаронро асир карда ба Қаршӣ дар бозори Қаршӣ ба воситаи ҷарчӣ ҷеғ занонда, занону духтарони асираро ба толибонашон фурӯхт. Ба тақсими дигар ғаниматҳое, ки дар ин ҷанг ба даст афтод, шаш рӯз сарф шуд.

Раҳимхон дар сафари дуввуми худ ба тарафи Кӯҳистон ба наздикии қалъаи Шӯробод, дар қалъаи Кӯҳтан бо ҳисориён ва соири озодихоҳони Кӯҳистон рӯ ба рӯ шуд. Чун Раҳимхон ба фатҳи ин қалъа даст ёфт, тамоми мардуми ба дастафтодаро кушта, аз сари онҳо дар он ҷо калламанора сохт (яъне сарони буридаро болои ҳам чида ба шакли манора рост кард), зану духтаронро ба сипоҳиён тақсим карда дод (1170 ҳиҷрӣ).[2]

Чун боқимондаи аҳолии Кӯҳостон ин даҳшату вахшатро диданд, ба умеди ҳифзи ҷону моли худ бе ҷангу ҷадал қалъаҳояшонро ба гумоштагони Раҳимхон супурданд. Қалъаи Қаротегин ҳам ба ихтиёри худ таслим шуд. Ҳокими Ҳисор Муҳаммад–амирбой гурехта ба Афғонистон илтиҷо бурд.

– Раҳимхон баъд аз таслим шудани аҳолии Кӯҳистон аз он ҷо бист ҳазор хонаводаро ба тарафҳои

---

[1] Соли 1169 ҳиҷрӣ ба солҳои 1755 – 1756 мелодӣ рост меояд.
[2] Соли 1170 ҳиҷрӣ ба солҳои 1756 – 1757 мелодӣ рост меояд.



https://bikhon.tj/

Бухоро кӯчонид ва аз аҳолӣ ба номи пули амонӣ бист ҳазоро тиллои нақда, се ҳазор асп ва панҷсад шутур бор андоз карда гирифт, дар ҳама шаҳрҳои Кӯҳистон аз тарафи худ ҳоким монда барои муҳофизати ҳокимони худ илғор[1] гузошт. Аз ин ҷумла дар шаҳри Душанбе писари Саримсоқбег Ғулчабегро ҳоким таъин кард.

– Раҳимхон пас аз тороҷ кардани аҳолии Кӯҳистон ва андохтани занҷири ғуломӣ ба гардани онҳо боз гашта ба Бухоро рафт. Ҳокимони Раҳимхон аз худи ӯ ҳам зиёдтар ба аҳолӣ ҷабру бедод кардан гирифтанд. Аҳолӣ ба ин ҳама зулму ноҳаққориҳо тобоварӣ карда натавониста, соли дигар исён карданд ва қалъаи Гурзакро мустаҳкам намуда ба худ паноҳгоҳ сохтанд. Чун гумоштагони Раҳимхон ба Гурзак ҳуҷум оварданд, озодихоҳон аз он ҷо кӯчида ба қалъаи Сина рафтанд ва аз он ҷо ба Дараи Ниҳон кӯчида, барои шӯриши умумӣ ҳозирӣ диданд. Вақте ки қувваташон тайёр шуд, 22 рамазони соли 1171 ҳиҷрӣ[2] ба қалъаи Деҳнав ҳуҷум карда шаҳрро гирифтанд. Гумоштагони Раҳимхон ба даруни қалъа (арк) Деҳнав дар муҳосира монданд.

Бисёртарини лашкариёни Раҳимхон, дар яйлоқи–Болоҳисор буданд, ин хабарро шунида, дигар илғорҳоро ҳам ғун карда шаҳри Деҳнавро аз берун ба муҳосира андохтанд. Ин вақт озодихоҳон ба ду ҷабҳа меҷангиданд: аз як тараф, бо арк дар ҳуҷум, аз тарафи дигар, бо беруни шаҳр дар мудофиа.

Ин ҷанг чил рӯз давом кард. Оқибат бо расида омадани худи Раҳимхон шаҳр фатҳ шуд.

---

[1] Илғор – ин ҷо ба маънои гарнизон аст.

[2] 22 рамазони соли 1171 ҳиҷрӣ ба 1 июни 1758 мелодӣ баробар аст.



https://bikhon.tj/

Раҳимхон аз саркардагони озодихоҳон Аминбоқӣ номро ба сари хода шинонда кушт; дигар аҳолиро, ки ба даст афтоданд, сар бурида дар болои пуштае, ки ба муқобили дарвозаи шаҳри Деҳнав буд, аз сари кушташудагон калламанора баст.

Баъд аз он Сири Ҷӯй, Регар, Душанбе ва соири қалъаву шаҳрҳоро гирифта, ҳар қадар асир, ки ба досташ афтод, кушта сарашонро ба Деҳнав фиристода ба калламанора зам кард.

Чорсад нафар хуҷандӣ ва уротеппагӣ, ки бо фармуди[1] ҳокими Хуҷанд Фозилбой барои ёрии ҳисориён рафта буданд, дар дараи Ниҳон ба дасти гумоштагони Раҳимхон афтода кушта шуданд ва онҳо ҳам ба сари калламанора баромад.

Ин аҳвол танҳо дар Ҳисор ва кӯҳистони атрофи он рӯй надода буд, балки Панҷакент, Ёрӣ, Киштут, Урметан, Моғиён, Фароб ва Фалғар ҳам бо ҳамин даҳшату ваҳшат ба дасти Раҳимхон даромада буданд (1166).[2]

Баъд аз сари Раҳимхон[3] дар аҳди амир Дониёл боз

---

[1] Ин фоҷиҳои таърихӣ, ки дар ин боб нақл ёфтанд, аз «Тӯҳфаи хонӣ» ном китобе, ки ба номи Раҳимхон ва фармоиши ӯ аз тарафи Қозӣ Муҳаммадвафо (Шӯҳрат) бинти Қозӣ Зуҳайр ном карминагӣ навишта шудааст ва қисми охирии ин китоб аз тарафи муҳаррири мазкур ба фармоиши амир Дониёл таҳрир ёфтааст, хулоса карда гирифта шуд.

[2] Соли 1166 ҳиҷри ба соли 1752 – 1753 мелодӣ рост меояд.

[3] Дар миёнаи ин ду «қаҳрамон», яъне Раҳимхон ва Музаффар, як хусумати таърихии аҷиб ҳаст: ба чи тавре ки Раҳимхон бо тӯпи туфанги Нодирхони Афшор ки вай мехост Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Осиёи Хурд, Осиёи Миёнаро дар зери як ҳукумати марказӣ дароварда, барои сармояи тиҷорат, ки дар вақти мулукуттавоифӣ парешон шуда буд, замина ҳозир намояд – вазифаи хун рехта ба ҳукумати марказӣ толеъ кардани Мовароуннаҳрро ба гардан гирифта бошад, ба ҳамон тавр Музаффар ҳам пас аз шикаст хӯрда ба ҳимояти императори рус даромаданд ин вазифаи бо тӯпи туфанг барои капитали рус замима ҳозир карданро ба гардани худ гирифта буд.



https://bikhon.tj/

ҳамин ош буду ҳамин коса: аҳолии Кӯҳистон озодӣ мехоҳанд ва орзу мекунанд, ки ба сармояи меҳнати худ худ соҳиб бошанд, ҳосилоти деҳқонӣ ва чорводории худро ба рӯзгори худ сарф намоянд. Дониёл мехоҳад онҳоро асир намояд ва буду набудашонро бирабояд. Боз ҳамон исён, боз ҳамон ҳуҷум, боз ҳамон кушокушӣ ва калламанора.

Дар аҳди амир Ҳайдар. Насрулло (Ботурхон) ва Музаффар боз ҳамон моҷароҳо такрор меёбанд. Хусусан, фоҷиаҳои аҳди Музаффар воқеаҳои даври Раҳимхонро тамом дар хотирҳо андохт: ин даста лашкар бо пули тӯпхона дар зери фармонфармоии Яъқуб қушбегӣ тамоми давра ва Кӯҳистонро нашта буду нобуди мардумро ба номи пули амон ситонид. Баъд аз фатҳ ва сӯхтани шаҳри Деҳнав амир Музаффар асиронро тамоман ба сари як пушта ғун дошта, агар ба иборати «Тоҷуттаворих» гӯем,[1] монанди говони қубонӣ сарашонро бурид.[2]

Дар аҳди Абдулаҳад ва Олимхон бошад, дар аҳолии Кӯҳистон маҷоли ҳаракат намонда буд: мол, ашё, зан, фарзанд, ирзу номусашон ҳамагӣ поймоли амиру гумоштагони ӯ гардид.

Амир Олим боз имрӯз мехост, ки дар пойдор карда-

---

[1] Агар ба ибораи «Тоҷуттаворих» гӯем – воқеанигор ва амири Афғонистон дар солҳои 1880–1901 Абдураҳмонхон (1844-1901) дар «Тоҷуттаворих» оид ба бедодгариҳои гӯшношунида амир Музаффар сухан ронда, аз ҷиҳати чодарҳои амири Бухоро (Музаффар – А. К.) мусаттаҳ карда буданд ва ин қитъа замин ба худ олуда буд. Аввал хаёл кардам, ки ин хуни говҳост(курсиви ман. – А.К.), ки ба ҷиҳати садақаи нусрат ва фатҳе, ки ба амир рух додаст, забҳ набудааст. Пурсидам: «Чаро говҳоро дуртар забҳ накардед?» Мардони он ҷо оҳе кашида гуфтанд: «Ин хуни инсон аст, на хуни гов» (Амир Абдураҳмон. «Тоҷуттаворих», ч, аввал, Бомбай, 1322ҳ, с. 67.)

[2] Аз «Тӯҳфаи шоҳӣ» ном китоби Мирзо Азими Сомии бӯстонӣ.



https://bikhon.tj/

ни қасри зулму истибдоди худ аз қуввати ҳамин аҳолии барҷомондаи Кӯҳистон истифода намоянд, ононеро, ки бо рехтани хунашон ба даст даровардааст, дар хунрезии худ шарик намояд. Ононе, ки манфиаташон ба манфиати амир яке аст (монанди амалдорону муллоён), албатта ба ӯ ёрӣ медиҳанд ва аҳолиро ҳам барои ёрӣ додан ба ӯ далолат мекунанд. Аммо оммаи мардум ба ризову рағбати худ ҳеҷ гоҳ ба ӯ ёрӣ доданӣ набуданд.

Ҳокимони амир (чунончи дар боло гуфта шуд) ба розигӣ ва норозигии мардум нигоҳ накарда андозҳои аз одат берунро ғундошта гирифтанд. Амалдорону навкаронро ба Бухоро фиристоданд ва дар қатори онҳо бандиёнеро, ки дар зиндонҳои Кӯҳистон маҳбус буданд, низ фиристоданд.

Дар Бухоро амалдоронро дар чорбоғҳои подшоҳӣ ва хонаҳои мардум ҷой доданд, бандиёнро ба дастаи «шербача»,[1] ки аз дуздон ташкил ёфта буд, ҳамроҳ карданд.

Кӯҳистониён ба ҳавои Бухоро тоб наоварда баъзеашон мурданд, баъзеашон гурехтанд ва қисме, ки амалдорони калон буданд, ба ёрии амир монданд.

## ШАХСИ НОШИНОС

Одинаи бечора, ки ду сол боз ба ин касалӣ мубтало аст, бисёртар дар офтоб нишастани ӯро супориш кар-

---

[1] Дастаи «Шербача» – дастае, ки амир Олимхон баъди воқеаи Колесов аз ҳисоби дуздон ва роҳзанон ташкил карда буд. «Шербачаҳо» бо яроқе, ки аз амир гирифта буданд, дар Бухоро ва шаҳрҳои гирду атрофи он роҳзанӣ ва ғоратгарӣ менамуданд. Баъди Инқилоби Октябр як қисми онҳо ба қишлоқчаҳо рафта, қисми дигарашон бо амири гуреза ҳамроҳӣ карданд.



https://bikhon.tj/

дани духтур табиист. Агарчи дар айёми тобистон, дар моҳҳои ҷавзову саратон, ғайр аз аввали пагоҳ дигар вақт дар офтобрӯя нишастан мумкин набуд, дар моҳи мизон бисёртари рӯзро ба офтоб гузаронидан муяссар шуд, зеро офтоби ин моҳ он қадар гарм нест, ки инсон ба вай тоқат карда натавонад.

Бинобар ин, Шоҳмирзо дар ин рӯзҳо кати Одинаро ба офтобрӯя бароварда, Одинаро аз пагоҳ то бегоҳ дар он ҷо мехобонид.

Як рӯз, дар вақте ки Одина бар бар болои кати худ дар офторӯя нимхобу нимбедор дароз кашида ёзида буд ва Шоҳмирзо ба як гӯшаи чорпояи самоворхона нишаст ва ба Шоҳмирзо як чой супориш намуд.

Агарчи афту андоми ин шахс ба як тоҷик монандӣ дошт, аммо либосаш, ки иборат аз як телпаки кӯҳнаи кафкозӣ, кулӯчаи даридаи сарбозӣ ва чолвори васеи меши сурх буд, ба либоси ҳеҷ дохунда[1] монандӣ надошт.

– Шоҳмирзо бо вуҷуди бегонагии пӯшок аз андоми ин шахс тоҷик буданашро гумон карда ва барои фаҳмидани ҳақиқати ҳоли ин шахс як чойник чой дам карда, дар миёнаи Одина ва ӯ нишаста бо кашидани чой сар кард. Аввал чойро худ нӯшида, пиёлаи дуввумро ба шахси ношинос дод ва дар аснои чойхӯрӣ ба ӯ нигоҳ карда гуфт:

– Меҳмон! Пурсидан айб нест, шумо куҷойӣ ҳастед?

– Қаротегинӣ, – гуфт шахси ношинос.

[1] Дохунда – аз калимаи «додар» ва «хонда» – додархонда. Дар байни қисми тоҷикони ҷануби Тоҷкистон маънои ошно, ҷӯраро дорад. Лекин дар «Одина» ва «Дохунда» он ба маънои пойбараҳнагони кӯҳистонӣ истифода шудааст.



https://bikhon.tj/

Одина ҳамин ки калимаи «қаротегинӣ»–ро шунид, чашмони нимпӯшидаи худро калон кушода, ба тарафи ин шахс бо диққати тамом нигоҳ карда дид, ки ба назараш ошно менамояд, аммо дар куҷо дидани ӯро ба хотир оварда натавонист. Ҳарчанд мехост, ки ҳавоси худро як ҷо ҷамъ карда фикр намояд, шояд, кӣ будани ин шахс ба ёдаш ояд, аммо хаёлаш ба тарафҳои дагар мегурехт ва ба муносибати дар миён омадани калимаи «Қаротегин» айёми гузашти дар он вилояташ бо хотираҳои талху ширини он ҷо ягон–ягон ба пеши назараш меомад. Аз байни хотираҳо чизе, ки Одинаро бисёртар ба худ машғул мекард, албатта, хотираи Гулбибӣ буд.

Қаротегин… Ин чӣ ҷойи азизу муборак буд, ки Одина азизтарин умри худро, ки айёми хурдсолӣ аст, дар ин ҷо ба висоли Гулбибӣ гузаронида буд.

Қаротегин... Ин чӣ гуна харобаи зулмобод буд, ки ба шуми Арбобкамолҳои он Одина аз маҳбубаи худ абадӣ ҷудо шуда буд!

Оре, Одина худро аз ёри меҳрубони худ ҷудо шуда мепиндошт, зеро имрӯзҳо беморӣ ба ӯ чунон зӯр овар-да буд, ки ба халос шудан аз ӯ ва дарёфтани висоли ёр ҳеҷ умед надошт. Танҳо орзуе, ки дар дил дошт, ин буд, ки хабаре аз тарафи ёру диёр шунавад. Агар хуш аст, ба лаззати он хабар ва агар ба даст, бо талхиаш ба осонӣ ҷон диҳад.

Ба умеди усули ин орзу дубора ба суханҳои шахси ношинос бо диққат гӯш дод.

Шоҳмирзо ба шахси ношинос гуфт:

– Магар ба ин шаҳр тоза омадаӣ?

– Як моҳ шуд.

– Аз Қаротегин кай баромада будӣ?

– Тахминан чор моҳ шуд.



https://bikhon.tj/

– Магар аз болои Фарғона омада дар он ҷо чанд гоҳе мондаӣ?

– Не, роҳи байни Қаротегину Фарғона баста аст, Ҳукуматдорони Қаротегин намегузоранд, ки касе аз он ҷо ба Фарғона ояд.

– Набошад ту чӣ гуна ва аз кадом роҳ омадӣ?

– Ман аввал аз Қаротегин ба Бухоро омадам, дурусттари сухан он аст, ки маро ба Бухоро оварданд, баъд аз чанд гоҳе аз он ҷо ба ин тараф омадам.

– Бародар, (ба худ ва Одина ишора карда), мо ҳам тоҷик ҳастем, бинобар ин, аҳволи туро покиза донистан хостем, ба сабаби ин пурсишҳои пай дар пай маро айб нафармоӣ.

– Ман ҳам медонам, шумо тоҷик ҳастед. Аз бозе, ки ман ба Тошканд омадаам, ҳар рӯз аз ҳар кас «дар ин шаҳр тоҷик ҳаст ё нест» гуфта суроғ мекардам, дирӯз касе шумову дӯкони шуморо дарак дод. Бинобар ин, ба шумо шинос шавам гуфта ба ин ҷо омадам.

– Бисёр хуш омадӣ, аз ҳоли худ гап зан, аз Қаротегин чӣ гуна омадӣ ва дар Бухоро чӣ мекардӣ?

– Ман дар зиндони Қаротегин бандӣ будам. Имсол амир бандиёнро ҳам ба қатори навкарон ба Бухоро талаб кард. Ҳокими он ҷо моро ҳамроҳи дигар бандиён ба Бухоро фиристод: дар ин ҷо маро ба «шербача» ном дастае, ки аз дуздон барпо шуда буд, ба навкарӣ даровар-данд. Баъзе касони даста, монанди ман ба тӯҳмат гирифтор шуда бошанд ҳам, бисёртаринашон дуздони номдори хунхӯр буданд. Чанд гоҳе ҳамроҳи ин даста дар Бухоро ва атрофи он посбонӣ кардем, аммо чӣ гуна посбонӣ, ки мардум аз дасти дастаи мо ба дод омаданд. Навкарони дастаи мо ба ҳар қишлоқ, ки мерафтанд, бачагон, зану духтарони бекасро оварда базм мекарданд,



https://bikhon.tj/

моли фуқароро рӯйрост тороҷ менамуданд… Касеро баста, «ҷадид» гуфта ба Бухоро мефиристоданд. Ин гуна бандиён агар дар Бухоро пули бисёре харҷ карда тавонанд, яъне пораву ришва диҳанд, халос мешуданд; бо вуҷуди халос шудан ба қишлоқи худ омада наметавонистанд, зеро агар биёянд, дубора ба чанги ин даррандагон гирифтор меомаданд. Аммо касе, ки пора дода натавонад, дар обхонаи Бухоро[1] кушта шуда, ҷасадаш ба кӯли дарвозаи Уғлор[2] партофта мешуд.

Ин аҳволест, ки баъд аз осуда шудани мамлакат шуда истодааст, аммо дар вақти ҷанги Колесов ва то ду ҳафтаи баъди он мегӯянд, мардумро монанди муру малах поймол карда мурдаҳояшонро ба кӯчаҳо андохтанд. Хайрият, ки ман дар он вақтҳо дар Бухоро набудам, вагарна ба дидани он ҳама хунрезиҳои ноҳақ тобоварӣ карда натавониста мемурдам. Дар он рӯзҳо мардумро на танҳо–танҳо, балки тӯда–тӯда мекуштанд. Чунончи, рӯзе дар атрофи Қизилтеппа гаштугузор мекардем, гузори мо ба зовуди сӯхтаи пахта афтод. Дар он ҷо ба даруни чуқурӣ як тӯда устухони одамиро дидам ва аз як ҳамроҳам, ки онҷойӣ буд, пурсидам:

– Магар ин устухонҳо устухонҳои шаҳидони ҷанг аст, во аҷабо! Ба ҷойе, ки инҳоро ба болои пуштае гӯронда ба сарашон тӯғ бардоранд,[3] чаро ба ин чуқурӣ бо ин хориву зорӣ гузоштаанд?

---

[1] Обхонаи Бухоро – яке аз ҳабсхонаҳои Бухорои амирӣ, ки он зиндони дарунии роҳрави арки Бухоро ҳисоб меёфт ва ниҳоят сернаму бадбӯй ва торики ифлос буд.

[2] Дарвозаи Уғлор – яке аз ёздаҳ дарвозаи Бухорост, ки дар тарафи шимоли ғарбии шаҳр дар байни даровозаҳои Талипоч ва Ҳазрати Имом воқеъ аст.

[3] Тӯғ бардоштан – мӯйи дами асп, ки дар сари ходаҳои сари қабр ҳамроҳи матоъ мебанданд. Ин нишонаи эҳтиром ва эътибори маҳрум аст.



https://bikhon.tj/

– Инҳо шаҳид–маҳид нестанд, – гуфта ӯ ҷавоб дод,– балки баробарӣ ва тоҷикони мусофир буданд, ки дар ин зовуд ба қатори мардикорони рус кор мекарданд ва ин зовуд моли яке аз ҷадидони Бухоро буд. Вақте ки ҷадидон тамом шикаст хӯрда аз Когон гурехтанд, коргарони ин зовуд худро ба оташароба гирифта, роҳи Самарқандро пеш гирифтанд, аммо тоҷикони мусофир дар ин ҷо монданд. Дар ҳамин асно мо ба ин ҷо расида омадем, ба тороҷ кардану сӯхтани ин зовуд ва ба куштани касоне, ки дар ин ҷо ёфт мешаванд, аз ҳокимон ба дасти худ доштем. Аввал ба куштани ин коргарон шурӯъ кардем. Онҳо мегуфтанд: «мо тоҷик ҳастем, мо мусулмон ҳастем, моро чаро мекушед? Гуноҳи мо ин аст, ки моро коргарони рус ҳамроҳи худ ба қафо гаштан далолат карданд, лекин мо ин корро қабул накардем ва дар паноҳи подшоҳи ислом монданро ба худ муносиб донистем, оё ҷазои касоне, ки ба ҷанг ҳамроҳӣ накарда бошанд ва сояи подшоҳи исломро ҳомии худ дониста, ба ақиб нагурехта бошанд, ҳамин аст!..» Инҳо мехостанд бо ин забонбозиҳо моро фиреб дода аз кушта шудани худ халосӣ ёбанд.

– Магар онҳо дурӯғ мегуфтанд ва дар ҳақиқат ба ҷанг ҳамроҳӣ карда буданд? – гуфта ман аз рафиқи худ пурсидам.

– Не, рост мегуфтанд, ки онҳо ба ҷанг ҳамроҳ нашуда буданд, лекин ҳамеша дар ҳимояти подшоҳи ислом осуда нишастани онҳоро кӣ даъво карда метавонистанд?! Магар касоне, ки император барин як подшоҳи калонро бекор кардаанд, коргарон набуданд, магар касоне, ки ба ҷадидони Бухоро ёрӣ дода ба ҷаноби олӣ теғ кашонидаанд, коргарон набуданд? Инҳо ҳам имрӯз набошад, фардо ба ҷаноби олӣ теғ ме-



https://bikhon.tj/

кашанд, бинобар ин, мо ба гапи ин кофирони ҷойдорӣ ҳеҷ гӯш надодем ва дар як чашм пӯшида кушодан ҳамаашро ба ин чуқурӣ, ки анбори оби зовуд буд, андохтем. Баъд аз ин чизҳои гаронбаҳои зовудро ғанимат гирифта, пас аз он ба иморати анбор ба мошинҳо оташ дода хокистарашро ба осмон баровардем. Азбаски дар вақти сӯзиши зовуд ин мурдагон ба даруни об буданд, носӯхта монданд, вагарна гарданашон ҳам дар миёни хокистари зовуд дида намешуд. Баъд аз он гурезагон омада оби ин ҳавзро хӯрда тамом кардаанд, мурдаҳо намоён шуда даррандагон ва паррандагон гӯшти онҳоро хӯрдад ва устухонашон ба ин ҷо тӯда шуда мондааст.

– Шахси ношинос баъд аз тамом кардани нақли ин фоҷиа гуфт:

– Агар ин ҳикоятро аз касе мешунидам, бовар намекардам. Аммо баъд аз дидани устухонҳо ва иқроркунандагони ин кор ба бовар кардан маҷбур шудам ва сахт дар ҳайрату тааҷҷуб афтодам, ки ҳамин дараҷа ҳам зулму бедод будааст, аз номи подшоҳи ислом дар мамлакати исломӣ ҳукмронӣ карда фақирони мусулмонро бе ҳеҷ гуноҳ ва бо ин дараҷа хориву зорӣ мекуштаанд ва мекушондаанд?..

– Одина, ки бо шунидани ин фоҷиа аз ғояти ғазабу ҳисси интиқом чашмонаш чун машъали оташ медурахшид, дасти чун пoғачӯб хушкидаи худро ҷунбонида гуфт:

– Ӯй, бародар! Он тоҷикон дар ҳақиқат гунаҳгор будаанд. Гуноҳи бузурги онҳо нодонӣ аст; гуноҳи бузурги онон ин аст, ки барои мардумфиребӣ, барои нобуд кардани душмани худ ва барои пур намудани киса олат будани номи дину миллатро надонистаанд. Агар



https://bikhon.tj/

фақирони ҳарҷоӣ ва деҳқонони қишлоқӣ инро надонистанд, айб набуд, аммо коргароне, ки ба корхонае ғун шуда кор мекарданд, найрангҳои душманони синфии худро бояд медонистанд, зеро дар миёнаи онон касони донишманд ёфт мешавад, аз мусулмонон ёфт нашавад, аз русон ёфт мешавад. Албатта, он донишмандон чӣ будани диндории арбоби истибдорро, фиребу найранги миллатдӯстии сармоядоронро ба ҳампешагони худ мефаҳмониданд. Онҳо барои халосии ранҷбарон, чораи якум аз кадом дину миллат, ки бошанд, як шуда ба муқобили подшоҳ ва аҳли истибдод ба муқобили зулму бедод ва ба муқобили сармояву сарват бархостанро мегӯянд ва ба душмани синфӣ ба ҳеҷ ваҷҳ ва ҳаргиз эътимод кардан дуруст набуданро медонанд–. Бо вуҷуди ин «ҳамдинам ва ҳаммиллатам» гуфта худро гӯсфандвор ба дасти душманони одамхӯри худ супоридан гуноҳ набуда чӣ буд?..

Хуб инҳо гуноҳҳо ва ҷазоҳои гузашта, лекин мо агар аз ин воқеаҳо ибрат гирем ва баъд аз ин дӯсти мо кисту душмани мо кист, донем ва барои талаби ҳаққу хуни ҳампешагонамон ҳозир бошем, он хунҳои баноҳақрехта ҳадар нахоҳад рафт…

Шоҳмирзо ба Одина нигоҳ карда гуфт:

– Хайр, биё мон! Худатро бисёр накоҳон, гуфтаи худат барин, онҳо воқеаҳои гузашта, шояд аз ин ҳодисаҳо иборат гирифта, фақирону коргарони мо ҳам дар оянда ҳушёрона кор кунанд. Ҳозир ҳикоятро шунавем, (бо шахси ношинос нигоҳ карда) баъд чӣ шуд?

Шахси ношинос ҷавоб дод:

– Чӣ шуд? – Дидам, ки агар ба ноҳақ рехта шудани руни он бечорагонро изҳор намоям, маро ҳам хоҳанд кушт, ночор дам шудам.



https://bikhon.tj/

Баъд аз он дастаи моро бо саркардагии Ёвқотчӣ[102] яке аз муқаррабони деринаи амир будааст, аз фоҳишасагони кӯчагӣ гирифта то қаландарбачагони амрад ба амир тайёр карда медодааст. Азбаски Кармина наздики сарҳад ва дамгаҳи талқиниҳои болшевикист, ин муътамади дарбор (ёвқотчӣ)[1]ро ба он ҷо фиристоданд.

Вақте ки ба Кармина омадем, дастаи мо яғмову торочи худро ба як тартиби муйян андохт: ҳар рӯз ин даста гурӯҳ–гурӯҳ шуда барои хабаргирии роҳи Самарқанд ва нигоҳбонии Чӯли Малик ба гаштугузор мебароянд. Ба ҳар роҳгузаре, ки вомехӯрад «ту ҷадид ва кофир ҳастӣ» гуфта дастгир мекунад ва баъд аз ситондани буду набудаш, агар дар ҳақиқат шахси шубҳанок бошад, бандиаш мекунад, вагарна сар медиҳад. Муқобил ва ё изҳори норозигикунандаро мекушад; дасту гардани бандиёнро баста ба Кармина ба пеши Ёвқотчӣ мефиристонад. Он ҳам агар лозим донад, бандиро ба Бухоро мефиристонад ва ё баъд аз ҳабси чандинрӯза ва тазъири сахт бо кафолати одамҳои муътамад ва ситонидани ришва озод мекунад.

Баъзе тороҷдидагони хомтамаъ бо халос ёфтан аз дасти дуздон лаб во накарда, баъд аз он ба Кармина омада, ба Ёвқотчӣ шикояту додхоҳӣ мекарданд. Ӯ мегуфт: «Ки медонад, ки моли шуморо одамони ман гирифтаанд? Магар шумо болшевик ё ҷадидед ва мехоҳед, ки навкарони ҷонсупори ҷаноби олиро бадном кунед? Аз назарам дафъ шавед. Вагарна ҳозир ба зиндонатон хоҳам фиристод…»

Даст дароз кардан ба зану фарзандони фуқаро аз ҷумлаи коргарҳои муқаррарии ин «шербачагон» шуда монда буд.

---

[1] Ёвқотчӣ – лақаби ҳарбиест, ки дар назди амир эътибори калон дорад.



https://bikhon.tj/

Ман ба дидани ҳеҷ кадоми ин воқеаҳо тоб оварда натавонистам, орзу доштам ва мехостам, ки фурсате ёфт шавад, то аз миёни ин гурӯҳи ҷаллодон гурезам, аммо намедонистам ба куҷо ва чӣ ранг гурезам? Албатта, ба ватани худ гурехта рафта наметавонистам, зеро агар дар роҳ ба даст наафтам ҳам, дар худи он ҷо дастгир шуда кушта гардиданам ва ё ба зиндон афтоданам муқаррар буд.

Ба гузаштани ба тарафи Самарқанду Тошканд ҳам далерӣ карда наметавонистам, зеро ба мо чунон нишон дода буданд, ки «ҳар касеро, ки аз тарафи Бухоро ба он тараф равад, болшевикон мекушанд, аҳолии худи он ҷо низ аз дасти онҳо осудагӣ надоранд».

Боёну муллоёне, ки аз тарафи болшевикон гуреза шуда ба тарафи Бухоро мерафтанд, гуфтаҳои одамони амирро яке бар чанд карда тасдиқ менамуданд.

Агар аз гурезагони Бухоро гап яла шавад, мегуфтанд: «Он ёғиёни мурдат мурданд, хок шуданд, рафтанд, ҳоло аз он кофирони ҷойдорӣ дар рӯйи дунё асаре намондааст».

Дар ин асно як шахсеро аз тарафи Қаттақурғон бандӣ карда оварда, ба Ёвқочтӣ рӯ ба рӯ карданд.

Ёвқочтӣ ба бандӣ гуфт:

– Эй мурдат! Акнун ки ба даст афтодӣ, албатта, монанди саг ба хориву зорӣ кушта хоҳӣ шуд. Агар рост бигӯӣ, ки гурезагони Бухоро дар Самарқанду Тошканд чӣ кор карда гаштаанд, ба муқобили ҷаноби олӣ чӣ гуна ҳозирӣ мебинад ва бо болшевикон робитааш чӣ тавр аст, мумкин аст, ба ҷаноби олӣ арз карда хуни худро бахшонам…

Бандӣ гуфт:

– Беҳуда маро фиреб доданӣ машав, ман аз он



https://bikhon.tj/

аҳмақон нестам, ки ба сухани шумо дурӯғгӯёни беномус бовар кунам ва ҳам дониста бош, ки ман аз мурдан наметарсам. Вақте ки ман ва дигар рафиқонам ба муқобили амиру шумо бархоста будем, мурданро ба гардан гирифта будем. Имрӯз, ки ман ба даст афтодам, албатта, кушта хоҳам шуд, ба ин ҳеҷ шак нест. Лекин дониста бош аз кушта шудани ман ба ту ва амири ту ҳеҷ нафъе нест, натанҳо ман, балки тамоми гурезагони Бухоро кушта шаванд ҳам, ба шумо роҳи халосӣ нест: аз паси мо ояндагон шуморо аз дунё нест карда, рӯйи заминро аз вуҷуди мурдори шумо пок хоҳанд намуд.

Аз аҳволи гурезагон чӣ пурсӣ? Дар миёнаи онҳо ҳеҷ сиру асрори пинҳонӣ нест, ки ман ӯро ба ту гӯям. Дунё медонад, ки онҳо шабу рӯз тайёрӣ мебинанд, то як рӯз пештар интиқом кашанд ва ин рӯзи фирӯз ҳам наздик расидааст, агар боварӣ надорӣ, ба ин наздикӣ ба чашми худ хоҳӣ дид. Чӣ муносибат доштани гурезагони Бухоро бо болшевикон ҳама медонанд. Вақте ки онҳо ба сояи ҳимояи болшевикон паноҳ бурданд, толеи худро бо толеи онҳо барбаста буданд.

Ёвқочтӣ бо шунидани ин суханони оташфишон аз ғазаб чун шӯълаи оташ даргирифта ҳамон соат мехост ин бандии оташзабонро пора–пора карда ҷасадашро дар оташ сӯзонад. Лекин шикореро, ки ба машаққати бисёр ба даст оварда буд, ба амир пешкаш карданашро муносиб дониста, ба задани чанд бинигардонӣ оташи хашми худро қадре фурӯ шинонда ва бандиро бо чопорҳои тезрафтор ба Бухоро фиристод. Назар ба шунидам, амир ин бандиро дар чорбоғи Ситора–Махоса[1]

[1] Ситора – хоса (Ситораи Моҳи хосса) – қасри сулолаи манғитиён, ки 4 км дуртар аз Бухоро воқеъ гардидааст.



https://bikhon.tj/

ба пеши назари худ бо шамшер гардан занонда бадашро пора–пора кунонда куштааст.

Баъд аз пурсуков маълум гардид, ки ин бандӣ Мирзо Усмон[1] ном яке аз аҳолии гурезаи Бухоро будааст, ки ба Тошканд рафта болшевик шудааст ва ӯро яке аз аксулҳаракатчиёни Каттақурғонӣ ба даст дароварда аз Тошканд ба Каттақурғон фиреб дода оварда бандӣ карда, ба дасти шербачагони Ёвқотчӣ дода фиристода будааст.

Ман аз ин воқеа пай бурдам, ки дар Туркистон барои гурезагони Бухор паноҳгоҳе ҳаст ва ҳам гурезагон дар он ҷо дар фикри кор ва омодаи гирудоранд.

Баъд аз ин ман ба тарафи Самарқанду Тошканд гурехтанро ба худ ҷазм кардам ва як саҳарӣ барвақт худро дар истгоҳ (стансия)-и Кармина гирифтам. Дарди дили худро ба коргарони роҳи оҳан гуфтам ва аз он ҷо бо ёрмандии онҳо ба ин ҷо гурехта омадам.

Одина барои дубора суханро ба болои Қаротегин бурдан аз шахси ношинос пурсид:

– Дар Қаротегин ба чӣ гуноҳ бандӣ будӣ?

Шахси ношинос гуфт:

– Ин воқеа ҳам аҷиб аст. Порсол вақте ки ман бо мусофирони тоҷик аз Фарғона ба Қаротегин мерафтам, дар сарҳад одамони ҳокими амир маро ҷадид гуфта…

Шахси ношинос ҳанӯз сухани худро тамом накарда буд, ки Одина рост шуда бо диққати тамом ба чашмони ӯ нигоҳ кард:

---

[1] Мирзо Усмон – шахси таърихӣ, яке аз иштирокчиёни фаъоли ҷавонбухориён аст, ки дар Қаттақурғон «моҳи рамазони соли 1918» (С.Айнӣ. Асарлар. Саззик томлик. Биринчи том, Тошкент: 1063, 341, б), яъне дар байни моҳҳои май – июни соли 1918 ба қатл расонида шудааст.



https://bikhon.tj/

– Вой, ту Шариф нестӣ? – гуфта фарёд кард.

Шахси ношинос аз дарёфти ногаҳонии ҳамсӯҳбати ношиноси худ дар ҳайрат афтода, бе он ки ба пурсиши ӯ ҷавоб диҳад, ба ӯ нигоҳ карда истод ва якбора гуфт:

– Эҳ, ту Одина нестӣ?!

Ин ду рафиқи дерина ба ҷойи он, ба пурсупосҳои худ ҷавоб гиранд, якдигарро дар бағал гирифтанд, сару рӯйи ҳамдигарро бӯсиданд ва дубора ба ҷойи худ нишаста ба саломат дарёфтани якдигарашон шукрҳо гуфтанд.

## ШАРИФ

Ин манзара бисёр тамошо дошт: Одинае, ки ду дақиқа пештарак барои фаҳмидани хабаре мехост ношиносро ба таъбире овард, ҳозир ба як нигоҳ ба ӯ ошнои дерина шуда баромада буд. Акнун метавонист бе ҳеҷ андеша аз вай хабарҳо пурсад ва бе ҳеҷ мулоҳиза ба вай саргузашти хуро нақл намояд.

Аз ҳама хушнамотар вазъияти Шоҳмирзо буд. Ӯ як соат пештар бо чашми худ дида буд, ки он шахс Одинаро намешинохт ва яқин дошт, ки Одина ҳам ба вай ношиносӣ дорад. Чӣ шуд, ки ин ду шахси ношинос якбора бо ҳам ошно шуда баромаданд ба ҳадде ки якдигаро бо ному нишон– ёд карданд. Ин воқеаи аҷиб Шоҳмирзоро ба ҳайрат андохта буд ва бисёр мехост ки ҳамин дақиқа асрори ниҳонии ин муамморо ёд гирад. Лекин Одина ба усули ин орзуи Шоҳмирзо роҳ надод ва ба вай гуфт:

– Ака–Шариф ба мо меҳмони азиз аст, бемалол бошад, таоме тайёр мекрдӣ, хуб мешуд, агар палав пазӣ, боз беҳтар аст. Ман ҳам қадами ин касро ба худ



https://bikhon.tj/

муборак шуморида, имрӯз парҳезро шикаста ва бо шумо оши палав хоҳам хӯрд.

Дар ҳақиқат ба Одина ба сабаби ошно баромаданаш ба Шариф як хурсандиву як хушвақтии аз одат беруне рӯй дода буд. Вай на ин ки танҳо бемориашро бартарафшуда гумон мекард, ҳатто худро боқувввату тавоно мепиндошт, бинобар ин соат ба шикастани парҳез ҳақ дошт.

Шоҳмирзо ба Одина гуфт:

– Ду дег дорем, барои ту як коса шӯрбои мурғ хоҳам пухт, ту тамом сиҳат ёфтани худ парҳезатро нашикан.

– Барои ман ҳеҷ ташвиш накашед, дар бошишгоҳи худ ош дорем, саломативу сиҳати якдигар ғанимат аст, ош хӯрдан писанд нест, – гуфт Шариф узр хост.

– Худам гурусна мондаам, ошпазӣ барои ман ҳеҷ ташвиш надорад, ту намебудӣ ҳам, ягон чиз пухта мехӯрдем, гуфт Шоҳмирзо як чойи тоза дам карда оварда монд ва худ ба сари дегу оташдон рафт.

Одинаву Шариф ҳарду як чойник чойро дар миён гирифта аз сари нав ба сари сӯҳбат ва чақ–чақ нишастанд. Одина мепиндошт, ки Шариф аз тамоми моҷарои ӯ бохабар аст, бинобар ин аввал саргузашти худро ба вай нақл нарда, сонӣ аз вай хабаре аз хонадони худ пурсиданӣ шуд ва:

– Бародарам! – Ман ба ин ҷавониву хурдсолӣ дар дунё бисёр ташвишҳо дидам, ту худ медонистӣ, ки аввалин дафъа ман ба чӣ азобу уқубат аз дасти Арбоб Камол гурехта ба Фарғона омада будам; дар вақти бозгаштан ба дасти закотчиён ба қатори дигар мусофирон рафтани чизҳои маро ҳам худ дида будӣ, гуфта гап сар кард ва тамоми воқеаҳоеро, ки пас аз он ба са-



https://bikhon.tj/

раш афтода буд ягон–ягон ҳикоят намуд ва дар охир гуфт:

– Як сол беш аст, ки аз аҳволи модаркалонам ва фотиҳахондаам хабаре надорам. Агар ту дар бораи онҳо чизе шунида бошӣ бигӯ.

– Вақте ки маро дар сарҳад ба банд гирифтанд...– гуфта Шариф мехост ҳикоя сар кунад. Одина сухани ӯро бурида:

– Дар сарҳад ба банд афтодани туро ман худ медонам; пас аз он ба сарат чиҳо омаданашро сонӣ ҳикоят хоҳӣ кард; ман аз тарафи хонаводаи худ бисёр хотирпарешонам, агар аз онҳо хабаре дорӣ, зудтар бигӯ ва маро аз ин парешонаҳволӣ раҳоӣ деҳ! – гуфт.

– Он қадар хабар надорам, аз вақте ба банд афтода аз шумоён ҷудо шудам, то фиристода шуданам ба Бухоро дар зиндон будам, – гуфта Шариф мехост гапро чапғалат андозад ва аз чизҳое, ки ногуфтанӣ аст, гурезад. Аммо ҷумлаи «он қадар хабар надорам»–и ӯ Одинаро ба шубҳа андохта, барои Шариф роҳи гурез вонагузошта буд.

– Агар андаке хабар дорӣ, зуд бош, ба даст ё нек, бигӯй ва маро хотирҷамъ гардон, – гуфт Одина пурсиши худро такрор кард.

Шарифро ғайр аз гуфтани чизҳои ногуфтанӣ чорае намонда буд, лекин кӯшиш мекард, ҳар чизеро, ки бояд ночор бигӯяд, дертар ва ҳам сабуктар карда бигӯяд.

– Сабр кун, чизеро, ки медонам, мегӯям ва аз даруни воқеаҳое нақл хоҳам кард, матлуби ту ҳам мебарояд, гуфта ҳикоят сар кард:

– Вақте ки маро бандӣ карда ба Қаротегин бурданд, дар таҳти дарвозаи қӯрғони он ҷо тамоми либосҳоямро аз тан кашида, маро ба хоначае андохта, дарашро



https://bikhon.tj/

қуфл заданд. Баъд аз соате дари хона боз шуда мири ғазаб бо чанд нафар пешхидматони худ даромад, номам, номи падарам, куҷои буданам ва дар Фарғона чӣ кор карданамро ягон–ягон пурсид.

Чизе, ки пурсид, ҳамаро ба ростиву дурустӣ ҷавоб додам. Мири ғазаб гуфт:

– Ҷадидиро аз куҷо ёд гирифтӣ?

– Ҷадид–мадидро намедонам, – гуфтам.

Мири ғазаб бо ду нафар пешхизмате, ки ба болои сарам рост истода буданд, имо кард. Ин ду девсиришт аз ду тарафи рӯям кашидаву кушода ду торсакӣ заданд, ки дуд аз димоғам баромад, чашмам сиёҳ рафт ва пас аз як–ду печутоб хӯрдан рӯйнокӣ ба замин афтодам, он ду нафар фаврӣ аз бозувонам гирифта, рост карданд ва рӯ ба рӯйи мири ғазаб бо ду зону шинонданам.

– Нӯги қини подшоҳиро дидӣ, ин аз нӯги хамир фатир аст. Акнун зуд бош, росташро бигӯ ва ҷонатро аз азоб халос кун, – гуфт мири ғазаб.

Ман:

– Чизеро, ки намедонам, чӣ бигӯям? Ҳар чӣ ба сарам ояд, аз толеам медонам.

– Чӯбро биёр! – гуфт мири ғазаб ба яке аз одамони худ.

– Хӯш тақсир, – гуфт ин одам рафт ва як банд чӯби илғайро, ки тахминан сӣ–чил дон буд, оварда ба миёнаи хона партофт.

– Бигӯй! Вагарна ба зери ин чӯб пора–пора шуда хоҳӣ мурд, – гуфт мири ғазаб.

– Чӣ бигӯям?

– Чизеро, ки аз ҷадид медонӣ?

– Нав гуфтам–ку: чизеро намедонам.



https://bikhon.tj/

Мири ғазаб дар ғазаб шуда:

– Ба гап задан хушат намеояд, хеле дамдорӣ–. Пахш кунед ин мурдорро! – гуфт ба одамони худ нигоҳ карда.

Онҳо маро рӯ ба замин хобониданд, яке ба гарданам савор шуда маҳкам пахш карда истод, дигаре ба болои ронҳоям савор шуда, пойҳоямро нигоҳ дошт ва ду нафарашон ду чӯбро гирифта аз ду тарафам истода ба сари шона то пушти ронам ношумор заданд, баъд аз як–ду қатор чӯбкорӣ кардан мири ғазаб гуфт:

– Медонед! Акнун бояд чун бирешими чортор хуб нарм шуда бошад.

Боз маро рост карда шинонданӣ шуданд, лекин ба ман ёрои нишастан намонда буд.

Мири ғазаб гуфт:

– Чӣ тавр астӣ? – Ҳанӯз як чӯб ношикаста худатро бой додӣ. Ҳолат, ки ҳамин будааст, чаро росташро нагуфтӣ? Ин аз сиву ду қини подшоҳӣ яке аст. Баъд аз ин ба сари зону ва нӯги нохун задан, тамоми баданатро хуншор карда намак ҷой кардан, ба фарқи сар аз хамир охурча сохта равғани доғро рехтан ва монанди инҳо, ки то иқрор карданат ҳамаро ягон– ягон хоҳӣ дид, меояд. Ҳоло ҳам сари вақт аст, ҷони ҷавонатро дар азоб намон ва корҳоеро, ки дар роҳи ҷадидӣ кардаи бигӯ!

Ман…

Яке аз пешхизматон ба мири ғазаб гуфт:

– Ҳоло андак суст шуд. Имрӯз нагуфта бошад ҳам, фардо хоҳад гуфт, имшаб монед, ки хуб фикр кунад, агар фардо ҳам нагӯяд, боз қин хоҳем кард.

Мири ғазаб:

– Рӯз ҳам бевақт шуд, ҳар чӣ лозим бошад, фароҳам



https://bikhon.tj/

мекунем. Ба гарданаш ҷел ва ба пойҳояш кунда[1] занед! Хеле таҳамтан менамояд, мабодо нагурезад, – гуфта бирафт.

Пешхизматон баъд аз он ки ба гарданам ҷел заданд, поямро дар кунда андохта фона заданд, озеро, ки аз кунда поям расид, то имрӯз асараш боқист, – гуфта Шариф пояшро ба Одина нишон дод. Дарвоқеъ, ба банди пояш доғҳои сафед ва асари ҷароҳати баҳамомада ҳанӯз намоён буд.

Шариф ба сухани худ давом карда гуфт:

– Албатта, он шаб то рӯз хобам набурд, аз як тараф, озори пой ва аз тарафи дигар, бими қини фардо ба чашм пӯшидан роҳ намедод.

Рӯз шуд, офтоб баромад, чоштгоҳ шуд, пешин расид, аз мири ғазаб дарак нест. Агарчи ду рӯз аст ғайр аз чӯб ва торсакии дирӯза чизе нахӯрдам, асари гуруснагӣ ба худ намедидам, лекин тақозои қазои ҳоҷат маро бисёр танг намуда ва ташнагӣ ҳалқамро ба ғоят хушк карда буд.

Гаштҳои пешин буд, ки қулфи дари хонаро касе

---

[1] Дар вақти ҳукумати амир ин тарз истинтоқ ва иқроркунандагони ҷабрӣ (кин) махсус ба вилояте ва ҳокиме набуд, балки аз шаҳри Бухоро гирифта то вилоят ва туманҳои худ ин усул дар ҳукми одат буд. Бисёр ва мешудки ин бандиён ба ин гуна азобҳо тоб оварда натавониста ба гуноҳҳои калоне, ки накарданд, «кардем» гуфта иқрор мекарданд. Сиву ду қини подшоҳӣ дар усули ҳукуматдории амирони Бухоро маҳз гапи хушк набуда, ҳамаи онҳо дар вақти лузум ба амал меомад. Қини охирӣ ки ба фарқи сар аз хумир охурча карда равғани доғ рехтан буд, ки гирифтори ин ҷазо, албатта, мемурд.

Кунда – чӯби чоррахи калоне буд, ки миёнашро ба андозае ки пойи одамеро ғунҷонад, сӯрох кардаанд ва миёнаҷойи ин сӯрох як сӯрохии ростнокии дигар ҳам дошт. Вақте ки пойи бандиро аз сӯрох мегузаронианд, аз сӯрохи дигар дар миёнаи ду пой фона мезаданд, ки пойҳои бандӣ аз ду сӯ тазъиқ ёфта ба шикастан наздик мерасид.



https://bikhon.tj/

кушодан гирифт, ман ҳам барои кашидани қинҳои дигар ба худ тайёрӣ медидам. Дар боз шуд, яке аз бандибонон дар ҳолате ки дар дасташ як офтоба об ва як парча нон буд, даромад. Бе он ки ба ман занад, поямро аз кунда бароварад ва чуқурчаеро, ки дар як гӯшаи хона буд, ба ман нишон дода гуфт: «қазои ҳоҷат кун». Баъд аз истибдор кардан дубора поямро ба кунда андохт, лекин ин дафъа фонаи кундаро он қадар назад ва гуфт:

– Ман пойи туро сусту осуда мондам, ин хизматамро аз хотир фаромӯш накун, агар ягон хешат ба дидани ту ояд, ба вай фаҳмон, ба ман дурусттар хизматона диҳад.

Ман чизе нагуфтам. Баъд аз он офтобаи об ва парчаи нонеро, ки оварда буд, ба пеши ман гузошт ва дубора дарро қулф зада рафт.

Ин бандибон то як ҳафта ҳар рӯз як бор меомад, маро ба қазои ҳоҷат мекушод, дар вақти дубора бастан масъалаи хизматонаро дар миён меоварду обу нони муқаррариро ба пешам монда мерафт.

Дар рӯзи ҳаштум аввали пагоҳӣ дар кушода шуд, ду бандибон даромада ҷелро аз гарданам ва кундаро аз поям ҷудо карданд, дастамро ба пушт бастанд. Дар ин ҳол бандиёни дигар, ки ба хонаи дигар буданд ва аз сӯрохӣ аҳволро медиданд, маро муборакбод мегуфтанд. Ман гуфтам:

– Бародарон, ин чӣ ҷойи муборакбодӣ аст? Агар ман озод шуданӣ мебудам, дастҳоямро намебастанд, ҳоло ки бастанд, маълум мешавад, ки бандагии ман давом дорад. Пас ба кадом рӯзи ман муборакбод мегӯед?

Яке аз бандиён гуфт:

– Дастатро ба пушт бастан аломати он аст, ки туро



https://bikhon.tj/

нахоҳанд кушт, агар куштанӣ мешуданд, туро пешбанд мекарданд, яъне дастҳоятро ба пушт не, аз пешат мебастанд, модоме ки аз кушта шудан халосиат муқаррар аст, ҷойи муборакбодӣ аст. Акнун ҳар коре, ба ту рӯй диҳад, аз куштан поёнтар аст.

Ба дил гуфтам: «Ин гуна одат барои аз кушта шудан халосиёбандагон нишонаи баде нест, бинобар ин, ин одати расмиро дар ҳаққи монанди худам аз мурдан «халосшавандагон» аз ҷумлаи одатҳои одилони ҳукумати амир шумурда метавонам».

Қисса кӯтоҳ, маро даст баста пеши ҳоким бурда рӯ ба рӯ карданд; ҳоким аз ясавулбошии худ, ки ҷӯбдасте ба даст гирифта ба он ҷо рост истода буд:

– Шарифи ҷадид ин аст? – гуфта пурсид.

– Ҳамин аст,– гуфта ясавулбошӣ ҷавоб дод.

– Баред! – гуфта ҳоким ишора кард.

Маро каш–кашон ба таги дарвозаи қунғон баровар-данд ва дар он ҷо пуштамро бараҳна карда, як кам–чил ҷӯб заданд ва баъд аз тамом шудани ҷӯбзанӣ ясавулбошӣ гуфт:

– Ҷаноби олиро дуо намо!

Лекин ба ман ҷаноби олиро дуо кардан он тараф истад, маҷоли дашном додан ҳам намонда буд.

Баъд аз он ясавулбошӣ барои ба зиндон бурданам маро ба дасти миршаб супорид ва миршаб ҳам ба одамони худ супурд, ки онҳо бурда маро ба зиндон андохтанд. Гарчи дар зиндон ҳам ба гарданам ҷел ва ба поям ишкел заданд, аммо поямро аз кунда нагузарониданд. Дар зиндон ғайр аз ман бандиҳои дигар низ буданд, ҳар кадоме аз ман сабаби бандӣ шуданамро мепурсиданд ва воқеаҳои худро ҳикоят мекарданд.

Рӯзе як одами ясавулбошӣ ба зиндон омада аз ман



https://bikhon.tj/

аз хешу табор киҳо доштанамро пурсид. Ғайр аз модари кампир дигар касе надоштанамро фаҳмондам.

– Агар миннатдор шавӣ ва ба ман хизматонаи дурусте ваъда намоӣ, ба модарат хабар мерасонам, то ки туро омада бинад,– гуфт вай.

– Ҳаргиз– лозим нест.– гуфтам ман,– нафаҳмондан лозим аст, зеро ки агар бечора модарам маро ба ин ҳол бинад, ғуссамарг хоҳад шуд.

Лекин бо вуҷуди ин, ба умеди хизматона ситонидан ба модарам хабар доданд, ки баъд аз чор рӯз бечора кампир омад, барои ман як куртаву як лозимӣ, як мурғи яхнӣ, камтар нон ва як коса равғани зард оварда будааст. Ба дари зиндон мурғу равғани зардро зиндонбонон аз дасташ хизматона гӯён гирифтаанд, либосу нонро ба саҳми ман мондаанд.

Модарам ба зиндон ба пеши ман даромад, ба ҳолате ки душман ҳам ба он ҳол гирифтор мабод: мӯйҳо канда, рӯйҳо харошида, чашмон аз ғояти гиря сарх шуда ва овозаш аз ниҳояти нолаву фарёд гирифта буд, ба андозае ки хиш–хиш карда базӯр нафас мебаровард. Бечора чунон заифу нотавон шуда буд, ки дигар қуввати фарёдаш намонда буд, чун маро дид, гирякунон аз сару рӯям бӯсид ва беҳуш гардида ба канорам афтод. Ҳарчанд саъй мекардам, ки ҳушёр шавад, чашмашро мекушод, баъд аз як теғ кашида ба ман нигоҳ кардан дубора беҳуш мегардид. Ман гумон кардам, ҳозир ҷон хоҳад дод.

Бандиёни дигар ба ёрмандиам расиданд ва камтар оби сард оварда ба сару рӯйи модарам пошиданд, то ҳушёр шуд ва дар рӯ ба рӯям нишаст, ҳоламро ва чӣ сабаб бандӣ шуданамро пурсид.

– Толеи ман ва бадбахтии ту! гуфта ҷавобаш додам.



https://bikhon.tj/

Баъд аз соате нишастан ҳар ҳафта як бор омада дидан-ро ваъда дода ба ғамхонаи худ рафт.

Дар вақти бозгашта рафтанаш зиндонбон гуфтааст, ки агар ба ҳар омаданат барои ман як коса равғани зард хизматона наорӣ, ба дидани писарат роҳ нахоҳам дод.

Модари бечораам аз дидани ман гузир надорад ва барои тайёр кардани равғани хизматона чизе ҳам надорад, қувват ҳам надорад, ки кор кунад ва музди хизматашро ба равған диҳад. Ночор ба гашту гадоӣ баромадааст, ба ҳар дари хона рафта воқеаи бандӣ шу-дани ман ва бадбахтии худро ҳикоя карда супориши зиндонбонро, худаш гову гӯсфанд надоштанашро ба як ҳолати маъюсона мефаҳмондааст. Агар соҳиби хона равған дошта бошад ва ба ҳоли вай раҳм орад, қадре медодааст. Ба ҳамин тариқа аз чанд хона як коса равған тайёр карда ба дидани ман комёб мешуд. Бисёр шудааст, ки барои дарёфти як коса равған се–чор рӯз аз пагоҳ то бегоҳ кӯҳистонро гаштугузор кардааст.

То фиристода шудани ман ба Бухоро ҳоли модарам ҳамин буд. Баъд аз он ба сари он бечора чиҳо омада бошад, ба ман маълум нест, ба ҳар ҳол гумон намеку-нам,[1] ки то имрӯз зинда бошад – гуфта Шариф саргу-зашти худро тамом намуд ва қатраҳои ашкро, ки дар

[1] Пештар дар қаламрави Бухоро одат буд, ки ҳокимон бо баҳонае ё тӯҳмате ба гардани касе пули хун меандохтанд. Агар он шахс чизе медошт, дода халос мешуд, агар чизе надошта бошад, ё ки чизаш ба пули хун нарасад, ба гарданаш говдӯша андохта ба гадоӣ мебаромад. Ҳар кас, ки ин – медид, медонист, ки он бечора ба тӯҳмате гирифтор шудааст, садақа гӯён чизе мебахшид, ба ҳамин тариқа солҳои дароз гадоӣ карда пули хун ғун дошта медод. Аммо бандиёнро ба дари зин-дон бароварда ишкел карда монда ба гадоӣ водоштан, шабонгоҳҳо ҳосили гадоии онҳоро тамом аз дасташон гирифтан одати ҳаррӯзаи зиндонбонон буд.



https://bikhon.tj/

охири ҳикояташ аз чашмаш ба рухсорааш қатор шуда ҷорӣ шуда буданд, ба дастрӯмол пок карда, оҳи аламноке кашиду лаб аз гуфтан фурӯ баст.

Шунидани ин саргузашти Шариф ба Одина хеле таъсир гузошта буд, ба андозае, ки қариб буд фоҷеаи худро аз хотир бароварад ё мусибатҳоеро, ки то имрӯз ба сараш афтодааст, нисбат ба фалокатҳои Шарифи гирифторомада ҳеҷ ангорад. Ҳозир Шариф ба назари Одина як шахси ношинос ё ин ки Шариф– саройбон шуда наменамуд, балки гавҳари инсоният буд, ки дар бутаи фалокат бо оташи зулму бедоди нокасон гудохта софу боғаш гардида, муҷассам шуда, дар рӯ ба рӯйи ӯ нишаста буд.

Бинобар ин, ин дафъа мисли аввал худпарастона ба пурсидани аҳволи хонаводаи худ аз вай далерӣ накард ва дар роҳи тасаллӣ ӯ ва худаш гуфт:

– Бародар! Ғам махур ва андӯҳгин мабош, ки дар дунё ва хусусан дар Кӯҳистони тоҷикони мусибатзадаву фалокатдида танҳо ману ту нестем, балки бисёр Шарифҳо, бисёр Одинаҳо ва бисёр Сангинҳо дар зиндони ҷавру бедод хок шудаанд ва шуда истодаанд.

Агар ғамзадаву аламкашида танҳо ману ту мебудем, мумкин буд, ки маҳв шуда аз дунё беному нишон мерафтем. Чун гирифтори ситам бисёру зулмдидагон бешуморанд, имрӯз набошад, фардо бархоста касонеро, ки моро ба ин рӯз андохтаанд, маҳву нобуд хоҳанд кард. Хусусан, дар ин замон, ки меҳнаткашони Русия ба майдон баромада тоҷу тахти императорони азамат[1] ва кибриёи сарватдорони худро бар хок за-

[1] Император – унвони яккасардорон ва ҳокимони мутлақ дар давлатҳои гуногуни дунё.



https://bikhon.tj/

данд, агар фақирони тоҷик ҳам дар роҳбарии инҳо кор кунанд, ҳеҷ мумкин нест, ки ба муқобили ин тӯфони халқ Арбоб Камолон, Мулло Хокироҳҳон, ҳокимону амалдорони мо истодагӣ карда тавонанд.

Дер аст ё зуд мақсади меҳнаткашони тоҷикон ҳам ҳосил ва синфи ранҷбарони кӯҳистонӣ ҳам озод хоҳад шуд. Дар ин сурат аз маҳву нобуд шудани ману ту ҳеҷ боке нест, балки дар ин роҳ қурбон гардидан боиси шарафу ифтихори ману ту аст.

Шунидани саргузашти ту маро аз худ бурд, ки агар шавқати модаркалонам ва муҳаббати Гулбибӣ ба гарданам ҳаққи бузурге нагузошта мебуданд, аз аҳволи онон чизе намепурсидам; ҳоло ки риштаи силаи[1] раҳим маро ба онҳо вобаста доштааст, агар дар бораи онҳо чизе медонӣ, илтимос мекунам ба ман бигӯй.

## ГУЛАНДОМ

Пас аз он ки Шариф ба Одина аз хонаводаи ӯ хабаре расонад, моро лозим аст, ки баъд аз сафари дуввуми Одина ба Фарғона воқеаҳои ба вай дахлдореро, ки дар Қаротегин рӯй додаст, ба хонандагон ҳикоя намоем. Маълум аст, ки Одина Бибиоишаву Гулбибиро дар ҳолати бисёр бад гузошта, ба Фарғона сафар карда буд. Инҳо чизе надоштанд, ки бихӯранд ва касе надоштанд, ки аз онҳо хабардорӣ кунад, инҳо ҳақиқатан бечора, бекас ва бенаво буданд. Аз ҳама бадтар ин аст, ки Арбоб Камол ҳамеша дар пайи кинаҳову интиқомҷуйӣ буд. Ӯ мехост Гулбибиро ба писари худ Ибод ба занӣ гирад ва ба ин восита ҳам «ҳисобҳояш» баробар шавад

[1] Силаи раҳим – алоқа бо хешу табор ва меҳру муҳаббат ба онҳо.



https://bikhon.tj/

ва ҳам аз Одинаву Бибиоиша интиқоми худро гирифта бошад.

Бибиоиша ин нияти бади Арбобро аз пасу пеш шунида бисёр дар изтиробу андеша меафтод. Танҳо аз он ҷойе, ки чашми Арбобро тарсонида буд, гумон мекард, ки ӯ дигар бор ба ҳуҷум намудан далерӣ карда наметавонад. Дарвоқеъ ҳам Арбоб Камол аз Бибиоиша хеле мулоҳиза мекард, бинобар ин, рӯйрост ба вай ҳуҷум оварданро ба як тараф гузошта, мунтазири фурсати муносиб ва дар пайи дарёфти роҳи ҳиллаву фиреб буд.

Вақте ки роҳи миёнаи Фарғонаву Қаротегин баста шуда, рафтуой дар ин миён барҳам хӯрд, ҳамчуноне ки умеди Арбоб ба усули муддаои худ қавитар гардид, ҳамчунон тарсу бими Бибиоиша ҳам зиёдтар шуд.

Арбоб Камол умед мекард, ки бастагии роҳ ба дурӣ кашад. Одинаро мурда ангошта ба ҳар восита, ки бошад, матлабро ба даст хоҳад даровард. Бибиоиша метарсид, ки омадани Одина ба дурӣ кашад ва ё аз омадани ӯ умедҳо канда шавад, хоҳ–нохоҳ ба душман таслим хоҳад шуд, зеро гумон мекард, як духтари қадрасеро дар як хонаи бекас солҳои дароз нигоҳ дошта тавонад. Ба фарзе, ба ҳар гуна ҳуҷум ва дастдарозӣ истодагӣ карда тавонад ҳам, ин ҳол бисёр дароз намекашид, зеро умраш аз ҳафтод гузашта ва хабари аҷал соат ба соат ба гӯшаш расида истода буд, агар ӯ ҳамин рӯз аз дунё чашм пӯшад, ҳамон соат ба дасти душман афтодани Гулбибӣ муқаррар буд.

Чизе, ки Бибиоишаро тасаллӣ медод, аҳволи Ибод буд. Ибод ҳеҷ намехост, ки ба Гулбибӣ хонадор шавад, зеро дили ӯ ба ҷойи дигаре баста ва дари ин дилбастагӣ риштаи ихтиёраш гусаста буд.

Ибод ба Гуландом ном духтаре, ки ҳамсоли худаш



https://bikhon.tj/

буд, алоқаи муҳаббат дошт. Гуландом духтари Шоҳназар ном яке аз кадхудоёни он деҳа буд, ки Арбоб Камол дар давлат, сарват ва эътибор ҳамсарӣ дошт ва ҳарду аз хурдсолӣ бо якдигар ҷӯраи ҷонӣ буданд. Ва инчунин модари Ибод ҳам бо модари Гуландом дугонагӣ доштанд. Ба сабаби ин алоқаву муносибатҳо рафтуомад дар миёнаи аҳли ин ду хонавода бисёр буд. Гуландому Ибод ҳар ду ҳанӯз ширхора ва дар гаҳвора буданд, ки падару модарашон инҳоро келину домод мехонданд. Вақте ки Ибоду Гуландом роҳравон ва гапзанон шуданд, бозии онҳо келину домодбозӣ буд, модарҳояшон ҳам инҳоро бо ҳамин бозӣ вобаста соатҳо тамошо мекарданд ва завқҳо мегирифтанд. Баъд аз синнашон калонтар ва худашон ба назар намоёнтар шуданд ҳарчанд дар пеши падару модарашон шармида ин гуна бозиҳо намекарданд, дар кунҷу гӯшаҳо аз лаззатёбӣ аз ин ҳазлу мазоҳ фурӯгузошт надоштанд. Рафта– рафта ин ҳазлу бозиҳо ба муҳаббати самимона бадал шуда, робитаи ошиқӣ ва маъшуқӣ ба миён омад.

Лекин дар ин вақт фикрҳои падарон дигаргун шуда буд: Арбоб Камол ба худ андеша мекард, ки агар Гуландомро ба худ келин кунад, харҷи бисёр хоҳад кашид, зеро Шоҳназар худро яке аз одамшавандагони замон шумурда розӣ намешуд, ки духтараш арзон аз даст бараояд. Ӯ мехост, ки туққузҳои[1]калон, ёпуқҳои[2] қатор ва маҳри гарон гирад ва «ба духтари ман ҳамин қадар чиз омад» гуфта дар миёни дӯсту душман ифтихор намояд ва тӯйҳо диҳад.

---

[1] Туққӯз – як қисмати маҳри арӯс, ки танҳо ба матоъҳои тӯйӣ оид аст. Ҳар туққӯз мувофиқи номаш (калимаи туркӣ – нӯҳ) маънои нӯҳ хел либосвориро дорад.

[2] Ёпуқ – парда, чодар, сӯзанӣ барои тӯй.



https://bikhon.tj/

Агар Арбоб Камол ба ҷойи Гуландом Гулбибиро ба даст даровада тавонад, аз як тараф, бехароҷот соҳиби келин мешуд, аз тарафи дигар, аз Бибиоишаву Одина интиқоми худро кашида дар миёнаи мардум сарбаланд мегардид, зеро дар ин сурат мардум мегуфтанд, ки ҳаргиз ба Арбоб панҷа андохтан дуруст нест. Чунончи дидед, сари нобошамиро гирифта охир бархурдор намуд, худаш аз ватан саргурез шуда беному нишон рафт ва номзадаш ба канизакии Арбоб афтод.

Арбоб Камол ба ҳамин мулоҳиза «ман духтари Шоҳназарро ба худ келин намекунам, ҳусни ӯ ба писари ман лоиқ нест, ягарчи ятим аст, Гулбибӣ сазовори он аст, ки ба ман келин шавад» гуфта гузашт.

Табиӣ, ин гуфтугӯйҳо ба гӯши Шоҳназар расида ба иззати нафсаш бархӯрд ва ба ҳеҷ кас маслиҳат накарда духтарашро ба Амонбоқӣ ном шахсе номзад кард.

Амонбоқӣ шахсе буд, ки синнаш аз панҷоҳ гузашта, дар муддати умраш се бор хонадор шуда ва дар ҳар бор хонааш шикаста, алҳол муҷаррадона умр мегузаронид. Азбаски бисёр занонаш мурда буданд, ӯро «занкуш» ва «қадамаш шум» гуфта ҳеҷ кас духтар намедод. Акнун, ки худи Шоҳназар ба домод кардани ӯ моил шудааст, вай ҳам домани инро пур карда хурсанд карданаш муқаррар буд. Шоҳназар бо ин кори худ гӯё ба Арбоб мегуфт: «Агарчӣ ту духтари маро келин накардӣ, касе ёфт шуд, ки се баробари ту пул харҷ карда қадри маро ва духтари маро баланд кард»

Аммо Ибод, Гуландом ва модарҳошон ба ин кор ҳеҷ розӣ набуданд. Ҳамчуноне ки модари Ибод ба Арбоб Камол илтиҷову илтимос намуда рад кардани Гулбибиро талаб мекард, модари Гуландом ҳам ба Шоҳназар зориву тавалло менамуд, ки духтари гул ба-



https://bikhon.tj/

рини худро бароварда ба дасти як мардаки панҷоҳсолаи занкуш надиҳад ва то яктарафа шудани кори Арбоб Камол сабр кунад. Лекин ин норозиҳо, ин зориҳо ва илтиҷоҳо ба ин ду марди худписанди худком ҳеҷ таъсир накарду шуданӣ шуд.

Шуданӣ шуд, лекин алоқаи Ибоду Гуландом бурида нагардид.

## КЕЛИНФУРОРӢ

Рӯзе шуд, ки фалак ба коми Арбоб гардид. Бибиоиша ба даруни нокомиҳо, номуродиҳо ва маъюсиҳо як тарафа бемор хобида вафот намуд.

Ин хабарро аз ҳама пештар имоми деҳа Мулло Хокироҳ ба Арбоб Камол расонид, ӯро муборакбодӣ кард ва гуфт:

– Ин азои Бибиоиша нест, тӯйи ту аст. Баъд аз гузаронидани бегоҳи ҷумъааш Гулбибиро ба Ибод– никоҳ хоҳем кард, тӯёнаи маро дурусттар хоҳӣ дод.

– Домулло, шумо аз пастназариатон ҳаргиз намонед,– гуфт Арбоб,– худо ба хурсандиҳо расонад, тӯёна писанд нест, саломатии якдигар ғанимат аст. Ҳозир мардумро хабар кунед, мардаро обу такфин[1] карда гӯронда, зудтар Гулбибиро ба хона овардан даркор аст.

Арбоб пеш аз он ки ба ҷаноза ҳозир шавад, ба хона даромада ба занаш гуфт:

– Бибиоиша мурдааст, баъд аз гӯрондани ӯ келинро ба хона меорем. Ту барои Ибод ва келин ба қадри за-

[1] Обу такфин – шустан ва кафан кардани мурда; ба ҷо овардани русуми мурдадорӣ.



https://bikhon.tj/

рур пӯшок ҳозир кун, ба даруни ҳамин ҳафта никоҳ хоҳем кард.

– О, мардак,– гуфт зан,– шуморо чӣ шуд? Оё тӯю келинфурорӣ ҳамин тавр мешавад? Мардум чӣ мегӯянд? Ман ҳеҷ вақт ятимаи бекасро ба худ келин намекунам. Келини мо бояд ба худи мо муносиб бошад, туққуз фиристонем, тӯй фиристонем, бурду овард кунем, ҳама расму одати дунёро ба ҷо оварда, орзуҳоморо шикаста келин фурорем. На ин ки аз мурдахона як духтарро аз мӯяш кашола карда оварда ба хона нишонем ва ба мардум гӯем, ки ин келини мост! Оё ман ба ҳамин ният бо шумо ба як болиш сар монда будам? Оё ба ҳамини умед фарзанд калон кардем?!..

– Занака[1], – гуфт Арбоб, – бисёр пургӯӣ накун, Арбоб Камол ҳар чӣ кунад, Арбоб Камол аст. Мардум маро айб нахоҳанд кард. Ман модоме ки давлат дорам, ҳашамат дорам, иззатам ҳам барқарор хоҳад буд. Ман аҳмақ нестам, ки мардум айб мекунанд гуфта, буду шудамро харҷ карда келин фурорам ва ин духтари муфтро аз даст диҳам.

– Ман ҳеҷ вақт ба ин кор розӣ намешавам, ки аз мурдахона як духтари луб-лучро келин гуфта ба хонаам биёрам. Ин чӣ гап?

– Хуб, гуфтаи ту шавад. Аввал келинро ба хонаи домулло мефиристонем, баъд аз гузаштани бегоҳи ҷумъаи мурда, ба расму одат тӯю тамошо карда меорем.

– Ба сабаби аввал ба хонаи домулло фиристодани ин духтари ятим одамшаванда мешавад? Гадодухтар ҳар куҷо бошад, гадодухтар аст, ба хонаи домулло

[1] Занака – ниг, ба мардака (17)



https://bikhon.tj/

бошад ҳам гадодухтар аст, келини Арбоб Камол шавад ҳам гадодухтар аст.

– Ман нагуфтам, ки Гулбибӣ бойдухтар аст. Ман ҳам медонам гадодухтар аст. Лекин вай ба ҳисобҳои сӯхтаи ман ба дасти ман, гӯё ки муфт медарояд. Медонӣ, ки Одина дар ҳаққи ман чӣ кӯрнамакиҳову рӯйтаниҳо кард. Ман имрӯз аз зиндаи Одина ва аз мурдаи Бибиоиша интиқом мегирам.

– Ибодро чӣ кор мекунем? Ӯ ба мурдан розӣ мешавад, аммо ба ин кор розӣ нахоҳад шуд.

– Розӣ шудану розӣ нашудани Ибод ба ин кор чӣ дахл дорад? Розӣ шавад ҳам ҳамин, нашавад ҳам ҳамин. Вай чӣ ҳақ дорад, ки ба пеши ман барои чизе неву нестон кунад, – гуфта Арбоб баромада рафт.

Занаш:

– Ҳо мардак, ба ман нигоҳ кунед, ба ман нигоҳ кунед,– гуфта гирякунон дар хона монд.

* * *

Як ҳавлии вайронаи бедевор, дар он ҷо як хонаи сақфаш фурӯрафта ва як хонаи дигаре, ки як девори каҷшудаашро ба тиргаке ба зӯр нигоҳ доштаанд, ба назар менамояд. Дар тарафи кӯчаи ин ҳавлӣ ба сари роҳ калону хурди аҳли қишлоқ ғун шуда сари дупойӣ нишастаанд.

Ба даруни хона ба як гӯшае сари зонуҳои худро дар бағал гирифта пушт ба девор як духтараки 16–17 – сола нишастааст[1]. Аз таҳти андоми ин духтар маълум

[1] Дар дастхат ва тамоми матнҳои чопӣ ба ҷумлаи зерин дучор меоем: Ба даруни хона, дар як гӯшае сари зонуи худро дар бағал гирифта пушт ба девор як духтари 16-17-сола нишастааст. Ин ҷумла синну соли Гулбибиро баъди сафари дуюми Одина ( пеш аз сафари аввали Одина



https://bikhon.tj/

мешавад, ки хеле соҳибҷамол будааст. Лекин ҳозир бо шиддати аламу андӯҳе, ки ба вай расидааст, монанди гули хазондида хеле пажмурда ба назар меояд. Ин духтар нолаву фарёд намекунад, лекин аз нигоҳҳои ҳасратноке, ки гоҳо ба рӯйи хона ва гоҳо ба сақфи он мендозад, таъсири як олам нолаи ҷонсӯзу ҷонгудозро ба бинанда зоҳир месозад.

Дар рӯ ба рӯйи ин духтар кампири ҳафтодсолае нишастааст, ки худ ба худ мегӯяд: «Дунё фонӣ аст, ин рӯз ба сари ҳар касе омаданист. Имрӯз Бибиоиша мурда бошад, фардо мо ҳам нахоҳем монд, дер аст ё зуд ҳама бояд аз ин дунё биравем». Ба духтар нигоҳ карда мегӯяд:

– Бачам, дили худро қавӣ дор, ба ин мусибат худро бой надеҳ. Агар модаркалонат мурдааст, маро ба ҷойи ӯ қабул кун. Ман медонам, ки ту дар андешаи танҳоӣ ҳастӣ, лекин хотирҷамъ бош, ки ман туро танҳо нахоҳам гузошт. Агар хоҳӣ, ин ҷо менишинӣ, ман ба ту модарӣ мекунам ва агар мехоҳӣ ба кулбаи вайронаи ман меравӣ, дар он ҷо бо ҳам зиндагонӣ мекунем. Медонӣ, ки ман ғайр аз Ака–Шарифат дигар касе надоштам, он ҳам ба зиндон гирифтор шудааст. Кай халос шуданаш маълум ҳам нест. Ман ҳам монанди ту бекасу бечораи мусибатзадаам, ҳар ду як ҷо бошем, ба якдигар ҳамдардӣ хоҳем кард.

Маълум аст, ки ин духтар Гулбибӣ ва ин кампир модари Шариф буд. Модари Шариф ба ин ҷо бо як ит-

---

Гулбибӣ 15-16-сола буд) нишон медиҳад. Аз ин ҷиҳат ҷумла танҳо ба чопи рӯзнома, ки дар он Одина баъди як соли кори зовуд сафари ёру диёрро ихтиёр карда буд, мувофиқат мекунаду бас. Зеро дар сурати дар зовуд се сол кор кардани Одина (чун дастхат ба матнҳои минбаъда) сини Гулбибӣ ба 18-19 мерасид.



https://bikhon.tj/

тифоқи аҷиба рафтуойнок шуда буд. Дар хотирҳост, ки ӯ барои дидани писараш ҳар ҳафта гашту гадоӣ карда як коса равғани зард тайёр менамуд. Дар аснои гаштугузор, дар замони зинда будани Бибиоиша рӯзе ба ин хона даромада, бо Бибиоиша шинос шуда буд. Ҳамчуноне ки модари Шариф бадбахтии худ ва гирифтории Шарифро ба Бибиоиша ҳикоят карда дилашро холӣ намуда буд, Бибиоиша ҳам ба ӯ саргузашти Одина ва фироқномаи худро гуфта изҳори ҳамдардӣ карда буд. Он ду кампири навшинос ба муносибати ҳамдардӣ монанди дугонагони дерин ба ҳамдигар ошнои бисёр наздик шуда буданд. Модари Шариф ҳарчанд хонааш аз ин ҷо хеле дур бошад ҳам, агар ҳафтае камаш як бор омада ба пеши Бибиоиша намехобид, хобаш намебурд.

Вақте ки Бибиоиша бемор шуд, модари Шариф то вафоти ӯ аз ин ҷо наҷунбид, баъд аз мурданаш манаҳашро баст, ба обу такфин ва азодориаш ҳамроҳӣ намуд. Ин буд, ки баъд аз узот кардани тобути Бибиоиша ба мазористон дар рӯ ба рӯйи Гулбибӣ нишаста ба ӯ тасаллӣ медод. Ёрманадиву ҳамроҳии худро таклиф мекард.

Дар он хона ду–се нафар зани дигар ҳам аз ҳамсоягон ва аҳли деҳа ҷамъ шуда буданд. Инҳо дар вақти баровардани мурдаи Бибиоиша, мурдаҳои худро ба ёд оварда, қадре доду фарёд карда бошанд ҳам, пас аз он саргарми чақ–чақ ва суҳбати худ шуда буданд. Дар вақте ки Гулбибӣ ба дарёи андуҳу ҳайрат фурӯ рафта ва модари Шариф ӯро тасаллӣ дода истода буд, яке аз ин занон аз бадвазъии шавҳараш, дигаре аз ноқобилии домодаш, савумӣ аз сиёҳбахтии духтараш ҳикояту шикоят мекарад. Чизе ки дар он миёна ба Бибиоишаву



https://bikhon.tj/

Гулбибӣ дахлнок гузашт, ин буд, ки яке аз он занон гуфт:

– Ман гумон карда будам, ки мурдаи Бибиоиша дар роҳ хоҳад монд ва ҳол он, ки ҷанозаи ин аз бойзанон дида зиёдтар ғун шуданд, аз бисёрии одам тобуташ аз даст ба даст намерасид.

Дигаре ин суханонро тасдиқ карда гуфт:

– Ба сари кӯча нигаред! Хурду калон ҳама ҷамъ шуда фотиҳахонӣ карда нишастаанд, дар рӯзи мурдаи зани Орифбой нимаи ин миқдор ғун нашуда буд.

Савумӣ гуфт:

– Ин ҳама рӯйи хотири Арбоб Камол аст.

– Мурдани Бибиоиша ба Арбоб Камол чӣ дахл дорад? – гуфта яке тааҷҷуб кард.

– Ибӣ, дугона, шумо аз дунё бехабар будед. Арбоб Гулбибиро ба писари худ номзад кард, дар ин ду–се рӯз тӯю никоҳ мешавад.

– Кай номзад шуда буд, ки то ҳол ҳеҷ кас нашунидааст?

– Ҳамин рӯз баъд аз мурдани Бибиоиша.

– Мурдаро мону тутхӯрӣ кун, гӯед–а?..

– Хоҳ тутхӯрӣ кунед, хоҳ тӯйхӯрӣ, шуданӣ шуд.

Дар ин вақт мардон хона ба хона рафтанд. Аз миёнаи онҳо Арбоб Камол бо домуллоимом ба дари хона омаданд, домуллоимом ба занон гуфт:

– Раҳматӣ Бибиоишаро гӯронда омадем, шумо ҳам хона ба хона равед! Духтарам, Гулбибӣ! Ту биё, ба хонаи ман пеши модарат мехобӣ.

Занон чодарҳои худро ба сар гирифта рафтанд, дар хона Гулбибӣ бо модари Шариф монданд.

Домулло баъд аз андаке истодан:

– Зуд биё, духтарам, шом ҳам назхдик расид, ман



https://bikhon.tj/

туро ба хонам бурда монда, ба масҷид меравам, – гуфт.

Гулбибӣ:

– …

– Хобӣ ё бедор? Бевақт шуд, туро зуд биё, мегӯям, – гуфт домулло.

– Шаби якуми модаркалонашро нагузаронда ба куҷо меравад? – гуфт модари Шариф – Имшаб дар ин ҷо шамъу чароғ мегиронад ва азодорӣ мекунад.

– Як духтари хурдсол дар як хонае, ки имрӯз мурда баромадааст, чӣ гуна танҳо мехобад? Шамъу чароғ бошад, худаш ҳам сӯхтан гирад. Барои ин дар ин ҷо хобидани Гулбибӣ ҳоҷат нест.

– Гулбибӣ дар ин ҷо танҳо нест, агарчи Бибиоиша мурдааст, ман ба ҷойи ӯ Гулбибиро нигоҳбонӣ мекунам, – гуфт модари Шариф.

Арбоб Камол, ки то ин вақт тамкин карда истода буд, дигар худдорӣ карда натавониста якбора шӯрида, ба гап ҳамроҳ шуда гуфт:

– Ин Бибиоишаи тоза дар куҷо буд, нав якеашро гӯронда омадем, инаш боз аз кадом мазор омад? Худи ту кистӣ? Аз куҷо ба Бибиоиша ноиб ва ба Гулбибӣ соҳиб шуда омадӣ? Ҳозир по[1] шав! Вагарна чангатро аз осмон меорам!

Ба домуллоимом нигоҳ карда:

– Шумо мешиносед, ин кист? Ман нашинохтам.

Домуллоимом аз дари хона дарун нигоҳ карда, кампирро дид ва ба Арбоб гуфт:

– Ин як зани сарсарӣ аст, ки ҳар рӯз дар кӯчаҳо га-

---

[1] Тоҷикони кӯҳистон дар мавриди бархез, дафъ шав, гурез – «по шав» мегӯянд.



https://bikhon.tj/

доӣ карда мегашт, дур нест, ки барои бадроҳӣ додани Гулбибӣ омада бошад.

Ва ба хона нигоҳ карда гуфт:

– Ӯй, кампири ҳарҷойӣ, ҳозир аз ин ҷо баромада аз кучҷойе, ки омадӣ, ба ҳамон ҷо рав! Ту ба Гулбибӣ ҳамдам нестӣ. Аз рӯйи шариат занони кӯчагарди сарсарӣ дар ҳукми марди аҷнабӣ буда, ба занону духтарони бономус номаҳраманд. Хез, дафъ шав, хез мегӯям, хез!..

Домуллоимом суханҳои охиринашро, асои худро ба тарафи хона намоиш дода дар ҳолате мегуфт, ки агар кампир зуд баромада намерафт, ба сари ӯ заданаш муқаррар буд.

## КАСАЛИ СОХТА

Посе аз шаб гузаштааст. Ҳама ҷо торик, чунон ки агар ба замин менигаред, таҳти пойи худро дида наметавонед, ба осмон назар андозед, ғайр аз он ки ситорае гоҳ–гоҳ аз паси абри даргузар намоён мегардид, чизе ба чашматон наменамояд. Дунё хомӯш, ғайр аз шаввош задани бороне, ки гоҳ–гоҳе аз абри даргузар меборид, садое ба ин хомӯшӣ халал намерасонид.

Дар ин вақти шаб Арбоб Камол аз кӯча омад. Магар имшаб баъд аз адои намози хуфтан ба домуллоимом чақ–чақаш барор гирифта буд, ки хеле дер мондааст, вагарна ба одати ҳаршабааш бояд ду соат аз ин пеш меомад.

Вақте ки Арбоб ба ҳавлии дарун даромад, аввал ба пушти хонаи Ибод рафт ва оҳиста аз тарқиши дар ба даруни хона назар андохт. Дид, ки дар гӯшае бар болои чорпояи чӯбин чароғи сиёҳи чӯянӣ афрӯхта исто-



https://bikhon.tj/

дааст. Магар равғани чароғ монда буд ё ин ки ба ин наздикӣ хокистари нӯги пилтааш дуд карда буд, ки бисёр ба зӯр милт–милт карда месӯхт. Чароғ ба андозае камрӯшноӣ буд, ки даруни хона ба назар дуруст наменамуд.

Арбоб аз тарқишҳои дар хаму рост шуда ба ҳар тарафи хона бодиққат нигарист: Гулбибиро дар таги девор дид. Дар вазъияте ки рӯзи мурдаи Бибиоиша нишаста буд, нишастааст. Танҳо ин вақт ба зер ва боло монанди он рӯз бо ҳайрат нигоҳ намекунад, балки ба оромии тамом сар ба зону ниҳода, гӯё ки дар хоб бошад, чашмаш пӯшидааст. Лекин мо гумон намекунем, ки ӯро ба ин наздикиҳо хоб бурда бошад, танҳо шиддати андӯҳ, ғояти алам ва ниҳояти маъюсӣ ӯро ба ҳолате овардааст, ки бинанда гумон мекунад, дар хоб аст.

Арбоб Камол ҳарчанд ба ин тараф, он тарафи хона назар андохт, Ибодро надид, аз он ҷо даргузашта ба хонаи худ даромад, дар он ҷо занаш ба ҳаллоҷӣ кардани пахта машғул буд. Арбоб гуфт:

– Ҳамин рӯзи озод туро дар сари ҳаллоҷӣ мебинам, ин қадар пахтаро чӣ мекунӣ?

– Барои дуруст кардани камбудиҳои тӯйи бемаҳали шумо ман боз бисёр вақт меҳнат кунам. Ҳар кас ба хонаи мо барои келинбинӣ меояд, ман аз изо мемурам, дар он вақт замин намекафад, ки дароям: келини нав, домоди нав, аммо як кӯрпачаи тозапахта нест, бар тор як ҷома ва як куртаи нав нест, ба девори хона ё ба рӯйи ҷойи хоб як сӯзанӣ нест, агар шумо ба гуфти ман медаромадед, ҳамаи ин гуна чизҳоро ҳамроҳи келин гирифта меовардед, акнун мани меҳнатрӯзӣ ҷон мекунам, ки як қадар ҷиҳо тайёр намоям.



https://bikhon.tj/

– Ту ҳаргиз, – гуфт Арбоб, – аз ин пургӯиат намондӣ, даҳонат, ки боз шуд, монанди сурнайчӣ нафас нагузаронда гап мезанӣ. Ту магар гумон мекунӣ, ки ин келин ба ман муфт омадааст? Не, ин тавр нест, мурдаи падари Одинаро гӯрондам, худашро се сол парвариш кардам, ба ҳокимон пора дода ӯро аз мардикорӣ халос кардам. Дар бадали ин ҳама некиҳои ман вай як гӯсфанди маро нобуд кард, худаш аз хизматам гурехт, сабаби ба ҳаром баромадани як гӯсфану як миқдор хароҷонти ман шуд. Дар охир омада мурдаи Бибиоишаро ҳам ман гӯрондам. Дар бадали ин ҳама хароҷоту ташвиш ин духтарро ба келинӣ гирифтам. Ту ҳеҷ кадоми ин корҳоро мулоҳиза намекунӣ ва то ҷон дорӣ, манаҳ мезанӣ. Ҳоло ин гапҳоро мон! Чил рӯз шуд, ки никоҳ кардем, то имрӯз маълум нест, ки инҳо як ҷо хобида бошанд. Оё айб ба келин аст ё ба ҷувонимарги Ибод?

– Айб на ба келин аст ва на ба Ибод,– гуфт зан,– балки айб ба худи шумо аст, ки як гадодухтари девонаро келин гуфта овардед! Ибод пеш ҳам гуфта буд, ҳозир ҳам мегӯяд, ки ман ин духтарро ба занӣ қабул нахоҳам кард. Келин бошад, аз рӯзе, ки омадааст, то имрӯз на ба Ибод ва на ба касоне, ки ба келинбинӣ меоянд, лаб во карда як даҳан гапназадааст. Ҳарчанд гап мепурсам, ҷавоб намедиҳад ва ба тарафам нигоҳ ҳам намекунад. Агар бисёр пурсуков карда танг кунам, ба ман теғ кашида як нигоҳ мекунаду боз чашмашро ба замин медӯзад. То ҳол хӯрданашро ва хобиданашро касе надидааст, ҳар вақт мебинам, ки сари ду по нишастааст.

– Дар ҳар кор ту айбро ба гардани ман мемонӣ, – гуфт Арбоб. – Айб дар ту аст, ки писаратро насиҳат



https://bikhon.tj/

намекунӣ, айб дар туст, ки келинро ба худу писари худ ром намекунӣ, балки то ҷон дорӣ ба вайронии миёни онҳо мекӯшӣ ва баъд аз он айбро ба ман ҳавола мекунӣ. Ман аз наздик нашудани онҳо ба ҳамдигар бисёр дар андеша будам, лекин то ҳол дам намезадам ва гумон мекардам, ки худи ту созгорӣ хоҳӣ кард. Акнун яқин кардам, ки ту ҳеҷ кор нахоҳӣ кард. Аз ҳамин шаб сар карда худам дар пайи чораи ин кор афтодам: имшаб домуллоимомро дида ӯро ба дуохонӣ фармудам; имшаб бин, ман чӣ тавр корро дуруст мекунам!

Дар ин вақт овози пойи Ибод баромад.

– Ибод! – гуфта Арбоб вайро чеғ зад.

– Лаббай!

– То ин ваќи шаб дар кучо будӣ, сакалту?

– Ҳеҷ ҷо не! – гуфта Ибод ба пеши падараш даромад.

– Чӣ тавр ҳеҷ ҷо не, ҳозир аз берун наомадӣ?

– Ҳеҷ ҷо не, дар сари кӯча бо бачагон гап зада нишаста будам.

– Одами нав хонадоршуда ин тавр мешавад. Чаро дар хона намешинӣ, чаро дили бахшидаатро ба даст намегирӣ? Ту гумон мекунӣ, ки агар сари набошамиро гирӣ, ман ба ту зани дигаре гирифта медиҳам? Лекин ин хаёли хомро аз сар бадар кун. Агар ҳаминро ба худ зан кунӣ, мекунӣ, агар накунӣ, ҳардуятонро зиндаву зор ба мазор мефиристонам! Маро Арбоб Камол мегӯянд, магар ту намедонӣ?

Арбоб Камол дар вақти ин гуфтугузор ҳолате пайдо карда буд, ки агар аз даҳони Ибод ягон гапи нисбат ба ношоистаранг мебаромад, зада сарашро мекафонд. Ибод ҳам ин ҳолродониста роҳи ҳилаашро пеш гирифт ва гуфт:



https://bikhon.tj/

– Агар ман хоҳаму ӯ нахоҳад, айби ман аст?

– Ман медонам, аз аввал ту намехоҳӣ, акнун ки шуданӣ шуд, айбро ба гардани вай мепартоӣ. Агар ту рағбат дошта бошӣ, аз дасти як зани муштипар чӣ меояд?

– Дуруст аст, аввал намехостам, аммо ризои шуморо аз ҳар хоҳиш пеш دониста охир қабул кардам, лекин ҳар бор, ки ба пешаш наздик мешавам, мегурезад. Агар даст дароз карда нигоҳ дорам, ҳаракатҳои ношоиста мекунад… гуфта Ибод гиря карда сар дод.

Арбоб гуфт:

– Рав ба хонаат, як ҳафтаи дигар ба ту мӯҳлат. Агар ром карда тавонистӣ, чӣ хубу чӣ нағз, вагарна чӣ кор карданамро худам медонам.

Ибод рафта ба хонаи худ даромад, лекин ӯ яқин медонист, ки падараш аз паси дар омада хоҳад поид. Бинобар ин, хилофи одати ҳаршабааш чароғро накушт ва танҳо ҳамин шаб, ки шаби чилуми никоҳ аст, ба пеши Гулбибӣ рафта хост дасташро бигирад. Гулбибӣ, ки сар ба сари зонуи худ монда нишаста буд, якбора рост бархоста пушт ба девор такя карда истод. Ибод наздиктар шуда, хост даст ба гарданаш андозад, Гулбибӣ ду дасти худро ба сафҳаи синаи ӯ ниҳода чунон бо қувват тела дод, ки Ибод ба рӯйи хона пуштнокӣ афтод. Эҳтимол зӯри Гулбибии нотавон ба тела дода афтонидани монанди Ибод як ҷавони тавоно намерасид, лекин барои нишон додан ба падар сохтакории худи Ибод ҳам ба ин кор ёрӣ дод.

Арбоб Камол, ки дарвоқеъ аз тарқиши дар поида истода буд, тела додани Гулбибӣ ва афтодани Ибодро дида, худдорӣ карда натавониста ба даруни хона даромад ва ба Гулбибӣ гуфт:



https://bikhon.tj/

– Ӯй, духтари беҳаё, ин чӣ муомилаи бешармона буд, ки ба шавҳарат кардӣ!

Гулбибӣ, ки чил рӯз боз дар ин хона касе овози ӯро нашунидааст, мисли шер дар ғурриш даромада гуфт:

– Беҳаё ту, золим ту, беномус ту!!

– Инак, беҳаёиро аз ман бин, – гуфта Арбоб ба тарафи Гулбибӣ давид ва барои ба зери по афтондан аз бозувонаш гирифт. Гулбибӣ ҳам аз риши калони сафеди Арбоб, ки монанди як банди беда сари синаашро пур карда истода буд, бо ду даст печонда гирифта буд. Вақте ки Арбоб аз бозуи Гулбибӣ гирифта ба замин гардонда зад, аз вазни афтондани Гулбибӣ як банча–риши Арбоб канда шуда ба дасти вай монд.

Арбоб, ки дар асл ба шӯриш омада буд, ба сабаби кандани риш зиёдтар хашмгин шуда Гулбибии ба замин афтодаро то метавонист лагаткорӣ кардан гирифт[1].

Дар ин вақт зани Арбоб ғалоғуларо шунида ба ин хона давида омада дид, ки шавҳараш Гулбибиро мезанад ва ба писараш, ки монанди сурат ба девори хона такя карда истода буд, гуфт:

– Ту чӣ гуна кас ҳастӣ? Аз дасти ин золим занатро халос кун!

Арбоб аз забони зани худ номи «золим»–ро шунида Гулбибиро ба ҳоли худ гузошт ва дартоз омада занашро бардошта ба замин зад. Инро як миқдор мушту лагаткорӣ кард. Пас аз он занашро гузошта ба тарафи

---

[1] Ин сафҳаи сиёҳи зиндагӣ махсуси кӯҳистон набуд, балки то замони шӯроии мо дар Бухоро ва атрофии он ҳам ин гуна аҳвол бисёр рӯй медод: аввал бе ризоии келин ва домод никоҳ карда, баъд аз носозгорӣ на танҳо ба задан, балки падароне буданд, ки ҳатто ба баста чормех карда додани келин ба дасти домод «чорачӯйӣ» мекарданд



https://bikhon.tj/

писараш давид ва «ба ҳама ноқобилии ту сабаб аст» гуфта мехост ӯро ҳам занад. Лекин Ибод фурсат надода аз дар баромада гурехт ва Арбоб ҳам ӯро пеш карда баромад. Лекин пояш ба лой лағжида афтод ва бозгашта ба хонаи худ даромада, мисли саги сӯзанхӯрда аз алами риш «оҳ, воҳ» гӯён нолида оқибат хобаш бурд. Аммо Гулбибии бечора, агарчи аз ҳавли ҷон бо Арбоб дастбагиребон шуда буд, баъд аз он ки ба замин афтода аз дасти Арбоби нобакор он ҳама зарбу лат дид, дигар касе намедонад, ки аз ҷой бархоста бошад ё не.

Баъд аз ин воқае хеле вақт Арбобро касе дар кӯча надид, аз шарми риши кандашуда худро бемор сохта берун набаромад. Баъд аз чанд рӯз, агарчӣ ришаш ҳанӯз тамом нарасида бошад ҳам, барои обу такфин, расми ҷаноза ва таъзияи келинаш Гулбибӣ маҷбур шуд, ки ба берун барояд.

Ҳар кас, ки ба фотиҳахонӣ меомад, бо Арбоб вохӯрӣ карда, ба муносибати сиҳат ёфтанаш муборакбодӣ мекард. Арбоб ҳам дар ҷавоб «худо ба ман умри дубора дод, вагарна бемориам бисёр сахт буд, мӯйҳои баданам тамом рехта аз сари нав баромаданд. Бубинед, асараш ҳанӯз дар ришам боқист» гӯён шукрона мекард.

## ДУЗД

Ҳар қадар ки Гулбибӣ аз Ибод нафрат дошта бошад, Ибод ҳам ҳамон қадар ба Гулбибӣ бедилӣ буд. Балки ӯ волаву шайдои Гуландом буд. Савдои ишқи Гуландом ӯро чунон шефта карда буд, ки на танҳо Гулбибиро, балки падар, модар, хешу табор, ҳатто худро, номусу



https://bikhon.tj/

обрӯйи худро фаромӯш карда буд. Гуландом ҳам соате бе висоли Ибод ором надошт. Ба чӣ тарзе ки пеш аз хонадор шуданашон ин ҳар ду дилдода ҳар рӯз фурсате ёфта бо ҳам дарди дил мегуфта бошанд, баъд аз никоҳи Ибоду Гулбибӣ ва рафтани Гуландом ба дасти Амонбоқӣ ҳам ин муносибат бурида нашуд. Ибод ҳамчун паррандае, ки ба сабаби афтодани бачааш ба хонаи дигар ҳамеша атрофи он ҷо парвоз мекунад, доимо ба даври ҳавлии Амонбоқӣ гаштугузор дошт. Ҳамин ки фурсати муносиб ёфт шуд, ба пушти девор ё ба даруни оғил ва ё ба гӯшаи ошхона ин ҳар ду бо ҳам вохӯрда дили худро холӣ мекарданд.

Амонбоқӣ аз бисёр намудор шудани Ибод ба атрофи хонаи худ дар шубҳа афтод. Зотан, сар нафуровардани Гуландом ба худаш, дар ҳаққи ӯ бадгумон шуда буд. Рӯзе барои фаҳмидани ҳақиқати ҳол ба Гуландом гуфт:

– Ман имшаб ба хонаи фалон дӯстам ба меҳмонӣ меравам, аз баски роҳ дуру шаб торик аст, он ҷо мехобам. Агар мехоҳӣ, ту имшаб ба хонаи падарат рав ё модаратро ин ҷо оварда бо ҳам хобетон.

Гуландом гуфт:

– Хуб, ҳамчунон мекунам.

Амонбоқӣ, гӯё ки ба меҳмонӣ меравад, вақти шом сару либоси худро рост карда баромада рафт. Баъд аз соате сарсариёна ба кӯчаҳо рафтан бозгашта ба хонаи худ омад, бе он ки овози пойе барорад, аз девор ба ҳавлӣ фуромад ба гӯшаи коххона пинҳон шуд ва мунтазири ҳақиқати ҳол гардида нишаст.

Моҳи ҳафтрӯза ба фурӯ рафтан наздик расида буд. Ба таги деворҳо аз зери дарахтон сояи шабона пардаи сиёҳи худро паҳн карда ба дидану шинохтани оянда ва



https://bikhon.tj/

равандагон дуруст роҳ намедод. Гуландом, ки дар вақти равшан будани моҳтоб ба ҳар тарафи боғча андешамандона қадам мезад, пас аз торикӣ рӯй овардани шаб ба нуқтае одам рост истод. Ин нуқта ҷойе буд, ки Гуландом шабҳои шавҳараш дар хона набудан ба ин ҷо омада ишоратеро чашм медошт.

Интизории Гуландом бисёр дер накашид: чормағз барин як кулӯхча омада ба пеши пояш афтод. Вай ҳам аз ду дона сангчае, ки ба дасташ ҳозир карда истода буд, якеашро ба тарафи одами кулӯхча ҳаво дода мунтазири натиҷа шуд. Як сиёҳӣ ба сари девор пайдо шуда ҳамчунон ба он ҷо часпида монд. Гуландом сангчаи дигари дар дасташ бударо ҳам ба тарафи сиёҳӣ андохт. Ин тасдиқи ишорати аввалӣ буд.

Гуландом пас аз ҳаво додани сангчаи дувум дигар мунтазири натиҷа нашуда, дар ҳолате ки дилаш монанди моҳии аз об дур афтода метапид, рафта ба хонаи худ даромада дарро нимкоф монд.

Сиёҳӣ ҳам аз сари девор шорида фуромада, бе он ки қад рост кунад, таг–таги девор хазида худро ба дари хона расонида дарун даромад ва дари нимроғмондаро ҳам пӯшида шуд.

Амонбоқӣ нуқта ба нуқта ин аҳволро аз равзаи коҳхона дида истода буд. Вай Гуландом будани каси аввалӣ ба хона даромадаро диниста бошад ҳам, кӣ будану чӣ будани сиёҳии дуввумро муайян карда натавонист. Ҳатто агар пас аз ба хона даромадани сиёҳӣ дар пӯшида нашуд, ин сиёҳиро одамзод гумон накард, балки «саг аст, ки ба хонаи дараш боз монда омада даромад» мегуфт.

Амонбоқӣ барои ба даст даровардани ин шикори ба домафтода тозон тохта омада ба хона даромад. Хона



https://bikhon.tj/

торик буд, ба кадом гӯша будани сайди матлубро дидан мумкин набуд. Ба андак беэҳтиётӣ аз дар баромада гурехтани касе, ки дастгир кардани ӯ матлуб аст муқаррар буд. Бинобар ин, Амонбоқӣ ба таги дар рост истода дар пайи таъин кардани нишонаи ҳуҷуми худ афтод.

Аз ду гӯшаи хона фишшос зада нафас кашидани ду кас маълум мешуд. Азбаски ҳар дуйи ин нафаскашидагон ҳам бо як ранг тапиши дил ва тангии шуш нафас мекашиданд, аз бегона то ошно фарқ кардан мумкин набуд.

Амонбоқӣ барои тайёр шудан ба муқобили ҳар номади кор ба токчаи пушти дари хона даст дароз карда хост шашапареро, ки ҳамеша дар он ҷо меистод, гирад. Ба ҷойи шашпар қуттии гӯгирд вохӯрд. Чашми Амонбоқӣ чароғ барин рафшан шуда буд.

Амонбоқӣ гӯгирд зада дар рӯшноии вай дар кадом гӯша будани сайди матлуби худро дид, ҳатто кӣ будани вайро ҳам шинохт. Амонбоқӣ монанди гурбае, ки худро ба тарафи муш андозад, худро ба он тараф ҳаво дод. Сайд ба даст афтод, аммо шикори ҷавони пурқуввати 25–сола сайёди пири нотавони 50–соларо мисли бузғола ба сар бардошта ба замин зад ва худ аз дар баромад бадар рафт.

Дар вақти бо ҷавон дастбагиребон шудани Амонбоқӣ Гуландом ҳам аз хона гурехта баромада буд, вай либосҳои худро дарронида, рӯяшро харошида, мӯйҳояшро канда ба хонаи падару модари худ рафт ва:

– Шавҳарам маро зад, қариб буд, ки кушад, базӯр гурехта халос шудам,– гуфта ба онҳо паноҳ бурд.

Амонбоқӣ дар мушкил ҳоле афтода буд. Куҷо равад, чӣ кунад, ҳоли дил куҷо гӯяд? Ӯ ба кадом рӯй ба мар-



https://bikhon.tj/

дум «занам ба ман хиёнат кард» гуфта метавонад? Оре, агар ҳариф ба даст меафтод, чунон ки одат аст, ӯро бо зани худ кушта домани номуси худро гӯё аз ин доғ пок мекард, ин ҳам нашуд. Акнун чӣ бояд кард? Ин заҳрро нӯшида дам даркашидан ҳам мумкин набуд, зани худро сар дода дили худро аз ҳамаи ин андешаҳо фориғ кардан ҳам душвор буд. Аз дузде, ки бар зани дар ҷавоби «қабул кардедеш ба занӣ» гуфтани имом бо «қабул кардамаш ба занӣ» гуфтан моли ҳалоли ӯ гардида буд, дастдарозӣ кардааст, ниқор гирифтан даркор буд…

Дар ин ҷо калимаи дузд, ки аз дили Амонбоқӣ гузашта буд, ба вай ёрмандӣ кард: барои вай роҳи ниқоргириро кушода дод.

Амонбоқӣ миёни ба шикастан наздикрасидаи худро молида– молида аз ҷой хеста берун баромад ва худро ба машаққати бисёр ба болои бом гирифта то расидани овозаш:

– Дуздро намонед! – гуфта фарёд кардан гирифт. Ғайр аз Арбоб Камол, ки ба сабаби канда шудани ришаш худро бемор сохта ба берун намебаромад ва Шоҳназар, ки ба сабаби шикояти духтар, аз домод дилмонда шуда буд, ҳамаи аҳли деҳа калону хурд «чӣ гап, чӣ гап» гуфта ба пеши ҳавлии Амонбоқӣ ғун шуданд.

Амонбоқӣ аз бом фуромада ба пеши мардум баромад ва гуфт:

– Дастгираш накардед?

– Киро? – гуфт яке аз аҳли деҳа.

– Дуздро – Ибодро.

– Кадом Ибод?

– Писари Арбоб Камол.



https://bikhon.tj/

– Писари Арбоб Камол дузд аст? Ман ҳеҷ гумон намекунам.

– Ман гумон надоштам,– гуфт Амонбоқӣ, – лекин пас аз бо чашми худ диданам ба бовар кардан маҷбур шудам. Воқеа ин тавр аст: шаб занам ба хонаи падараш рафта буд, ман танҳо хобидам. Як вақт дари хона оҳиста кушода шуда касе ба хонаи ман даромад ва хисир–хисир карда чизҳоро ғундоштан гирифт. Ман аз ҷо бархоста гӯгирд зада чароғро гиронда дидам, ки Ибод аст. Хостам, ки ҳарифро гирам, маро бардошта ба замин заду бадар рафт. Ин буд, ки болои бом баромада фарёд баровардам. Ман гумон карда будам, ки мардум ӯро дастгир хоҳанд кард. Ин нашуд, шикор аз даст рафт. Акнун меравам ба шаҳр ва ба ҳоким шикоят мекунам, ясавул оварда ӯро бандӣ карда ба шаҳр бурда бо ӯ ба забони чӯби миршаб гуфтушунид мекунам.

Амонбоқӣ ба «имшаб сабр кун, ҳар чӣ кор бошад, фардо мекунӣ» гуфтани мардум гӯш надода, ҳамон соат ба роҳ баромада ба тарафи шаҳр рафт.

Агар баъзе содадилони ин сохта ва бофтаҳои Амонбоқиро бовар карда бошанд ҳам, таҷрибадорон туздӣ ва чӣ будани ин «дуздро» донистанд.

Шоҳназар ҳам, ки баъд аз гурехта ба хона даромадани духтараш овози «дуздро намонед»–ро шунид, яқин донист ин дузд дузди муқаррарӣ нест. Лекин барои манфиати худаш рӯ кушодани ин сирро муносиб намедид.

Вақте ки Шариф дар зиндони Қаротегин буд, рӯзе як ҷавони 24-25-соларо ба зиндон даровopen. Чун ин меҳмони навомада бандиёнро ба гардан ҷел, ба по ишкел бо ҳолати фалокатомезе дид ва манзараи тангу то-



https://bikhon.tj/

рики гӯрмонанди зиндонро мушоҳида кард, дар даҳшат афтода гиряву зорӣ оғоз намуд ва «ба тӯҳмати ноҳақ гирифтор шудам» гуфта фарёд мекард. Яке аз бандиён пурсид: «Ту аз куҷойӣ ва писари кистӣ?»

– Аз фалон деҳа, писари Арбоб Камол ном шахс.

– Падарат зиндааст?

– Ҳо.

– Молу мулк дорад?

– Муваққати ҳол рамаи гӯсфанд, замини корам, хонаву ҷой дорад, одами соҳибэътибору баобрӯй аст, аз дута яктаи қишлоқ шумор меравад.

– Ин тавр бошад чаро метарсӣ? Дар зиндон абадӣ мондан, дар банди ҷелу ишкел пӯсидан, ба зери ҷӯби мири ғазаб ҷон додан насиби монанди мо бекасони бечораву бечиз аст. Ту хоҳ бо тӯҳмати ноҳақ афтода бошӣ, хоҳ бо тӯҳмати хақ, зуд наҷот меёбӣ ва ҳам чанд рӯзе, ки ин ҷо бошӣ, монанди меҳмон ба иззату ҳурмат рӯз мегузаронӣ. Модоме ки падарат пулдор ва молдор аст,ҷилави ҳама, аз ҳоким гирифта то зиндонбон, ба дасти ӯст. Агар аз ғайри– туро ба зиндон овардан, аз падарат пул рӯёндан мумкин мебуд, туро ташвиш дода ба ин ҷо намеоварданд. Чун ба сабаби ин ҷо афтодани ту нони ҳамаи аҳли ҳукумат равғанӣ мешавад, як дараҷа туро овардаанд. Вақте ки комашон ширин шуд, ту халос мешавӣ. Агар моро ё падари моро ҳам чор пули пучак[1] мебуд, ба ин ҳол афтода дар ин ҷо намемондем.

Ин ҷавон агарчи аз тасаллӣ додани ин бандӣ қадре

[1] Пули пуччак – ( пули сииё) – пули хӯлагии замони амир, ки ҳар 64 донааш 50 тин буд; пули камқимат.



https://bikhon.tj/

осуда шуда бошад ҳам, ҳар гоҳ аз берун овози пойе шунавад, тарсида ба аъзои баданаш ларза меафтод. Вақте ки садои кушодани қулфи дари зиндонро шунид, қариб аз бим қолаб тиҳӣ кунад ва аз тарс худро ба паси бандиён пинҳон кард.

Зиндонбон дар ҳолате ки ба дасташ дуто нон ва як чойник чой буд, даромад ва ба зиндониён:

– Бойбача куҷост? – гуфта пурсид.

– Кадом бойбача? – гуфт яке аз бандиён.

Зиндонбон:

– Ибод писари Арбоб Камол.

Ибод, ки ба дасти зиндонбон чою нонро дид, осуда шуда, аз ғайри дарак додани бандиён, ба по бархост:

– Ман Ибод, чӣ мегӯйӣ? – гуфт

– Ҳеҷ не, ба ту чою нон овардам, худо хоҳад зуд халос мешавӣ ва дар он вақт хизмати маро, албатта, фаромӯш нахоҳӣ кард.

Ва оҳиста ба гӯши Ибод гуфт:

– Нону чойро ясавулбошӣ фиристоданд, ҳар вақт падараш ба дидан ояд «агар маро дӯст дорӣ, дар сарф кардани пул хасисӣ накун» гӯяд, вагарна ба ҳоле, ки дигар бандиён афтодаанд, меафтад, – гуфтанд.

Шариф аз ин гуфтугузорҳо донист, ки ин писари ҳамон Арбоб Камол аст, ки модари ӯро аз хонаи Бибиоиша «зани сарсарӣ» гуфта пеш карда, Гулбибии мусибатзадаро гирёну нолон гирифта бурдааст.

Шариф барои фаҳмидани оқибати кори Гулбибӣ робитаи худро бо Ибод қавӣ карда, дар байни чанд рӯзе, ки Ибод дар он ҷо буд, аз ӯ тамоми воқеа ва фоҷиаҳоро дониста гирифт.



https://bikhon.tj/

## ХАБАР

Вақте ки Одина дар самоворхона аз Шариф хабаре аз хонаводааш пурсид, аввал аз бими он ки ба Одина таъсир хоҳад кард, бо вуҷуди донистани ин ҳама аҳволро ба ӯ нагуфтанӣ буд. Чун баъд аз нақли саргузашти худаш ӯро хеле осудаву оромида ёфт, ба ин аҳволи ӯ фирефта шуда ҳамаи ин воқеаҳоро, агарчӣ ба ин тафсил ҳам, кӯтоҳ карда гуфт. Шариф дар вақте ки ин воқеаҳоро ба Одина ҳикоят мекард, дар ҳар сари сухани худ ба ҳоли ӯ бодиққат менигарист ва ӯро аз аввал ҳам осудатар, оромидатар ёфта ба ҳикояти худ давом мекард.

Баъд аз тамом шудани ҳикоят дид, ки Одинаро хоб бурдааст, яқин кард, ки ӯ ба ин аҳвол аҳамияте надодааст. Дар ин асно Шоҳмирзо палав ва шӯрборо кашида овард ва хост Одинаро бедор кунад, то ҳамроҳ хӯрок хӯранд. Ҳарчанд саъй кард, Одина бедор намешуд. Пас маъдум гардид, ки мадҳуш гардидааст. Шариф донист, ки он ҳама осудагӣ ва оромӣ на аз ҷиҳати аҳамият надодан, балки аз ҷиҳати заъфу нотавонӣ будааст.

Агарчи Одина баъд аз дасту пояшро молидан ва ба рӯяш об задани Шоҳмирзо ба ҳуш омада, чашмашро кушода бошад ҳам, чиз хӯрдан он тараф истад, ёрои ҳаракат кардан ва ҷунбидан надошт, танҳо чашми худро кушода ба як нуқта теғ кашида нигоҳ карда меистод ва боз мепӯшид.

Бо таъсири ин аҳвол аз гулӯи Шоҳмирзову Шариф ҳам ошу нон нагузашт ва таомро ба як сӯ ниҳода ҳар ду кати Одинаро бардошта ба даруни самоворхона бароварданд.

Шариф ҳам ба боз омадан ваъда дода баромада ба қӯшхонаи худ рафт.



https://bikhon.tj/

# ХАЗОН

Дар 22 моҳи октябри соли 1918 дар ҳавои Тошканд як хунукии аз одат берун рӯй дод[1]. Баргҳои дарахтони сабз, ки аз аввали ин моҳ боз рӯ ба зардӣ оварда буданд, дар ин рӯз ба шамоли нофорами хазон тобоварӣ карда натавониста чун кабӯтарони ба ҳуҷуми боз ростомада боз бо як парешонию парокандагӣ ба ҳар тараф мепариданду мегурехтанд ва худро ба чуқуриҳо, ҷӯйҳо ва кулмакҳое, ки дар онҳо оби борон аз ҳар тараф ифлосиҳоро гирд оварда буд, бе ибо зада, гӯё ки аз дастбурди боди хазонӣ барои худ паноҳгоҳе меҷустанд.

Борони барфолуде, ки меборид, ба хоки замин омехта кӯчаҳоро чун чағбути кӯҳнаи дар об афтода ба назар баднамо карда буд.

Одинаву равандагон, ки ҳанӯз пӯшоки зимистонии худро тайёр накарда буданд, дар зери ин барфу борони бемаҳал чун чӯҷаҳои сихпари дар об ғӯтазада ларза ба аъзояшон афтода, дар таҳти соғирдаҳо[2], соябонҳо ва айвончаҳои дӯконҳо хазида, куҷо рафтан ва аз кӣ ёрӣ талабиданашонро намедонистанд. Абр сиёҳ, офтоб пинҳон, рӯз торик, ҳаво вайрон, замин лағжону осмон резандаи борону барф буд.

Кам–кам вайронии ҳаво ба дараҷае расид, ки аз кӯчаҳо пойи рафтуомади мардум қариб бурида гар-

---

[1] Дар 22 моҳи октябри соли 1918 дар ҳавои Тошканд як хунукии аз одат берун рӯй дод – ин фикри нависанда ҳақиқати маҳз аст, зеро устод худ шоҳиди ин хунукии аз одат берун буд. «22-юми октябри соли 1918 аз Тошканд баргашта ба Самарқанд омадам» – қайд кардааст. С. Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (К, ч. 1, 90).

[2] Соғирда – паноҳгоҳи андаке аз қабили хамгашти девор.



https://bikhon.tj/

дида, монанди Тошканд як шаҳри пурғулғула ранги манзилгоҳи хомӯшонро гирифт, ба андозае, ки ғайр аз ғурриши шамол дигар садое шунида намешуд.

Дар ин вақт аз тарафи Қашқармаҳаллаи Тошканд як тобути фақиронае намудор шуд, ки атрофашро ба чор газ карбоси бо рӯян рангкарда печида буданд. Ҳамроҳикунандагон ба ин тобут аз ҳашт то нӯҳ нафар мардикорони побараҳна бештар намуданд, инҳо ҳам тобутбардор, ҳам азодор ва ҳам соҳиби мурда буданд.

Тобут монанди шутури пурбор бисёр ба оҳистагӣ роҳ мерафт. Оре, ин тобут пурбор буд, лекин бораш на он боре буд, ки бо қуввати шутур, асп ва инсон нақл ёбад, балки ин бор бори андӯҳу алам, ғам, ҳасрат, ҳичрону ҳирмон буд, ки кӯҳнапайкарони дунёро камар мешикаст. Маълум буд, ки ин борро ғайр аз мардоне, ки тобутро бардошта мебурданд, касе кашида наметавонист.

Тобут оҳиста–оҳиста аз Ӯрда ва соири гузару маҳалларо гузашта, ба мазори Шайхованди Таҳур[1] даромад ва ба сари як лаҳаде, ки имрӯз дар он пушта канда буд, ниҳода шуд.

Тобутро кушоданд, мурдаро дар лаҳад гузоштанд, дари лаҳадро бо кулӯххо маҳкам карданд. Айвонашро бо хок пур намуданд ва рӯйи қабрро монанди кӯҳони шутур дарозрӯя аз замин бардоштанд ва ба саргаҳи он ба ҷойи санги мазор якчанд дона чимро болои ҳам чиданд.

Баъд аз тамом кардани ин корҳо яке пурсид:

---

[1] Мазори Шайхованди Туҳур – шайхованди Туҳур (Шайхантаҳур) яке аз авлодони Хоҷа Аҳрор буда, аз одамони бонуфузи давр ба ҳисоб мерафт. Мақбараи Шайхантаҳур дар асри XV бино гардида, дар шаҳри Тошканд ҷойгир аст.



https://bikhon.tj/

– Одина чӣ гуна одам буд?

Дигаре ҷавоб дод:

– Одина як ҷавони фақир, ғариб, номурод буд, ки дар ҷавонӣ қурбони ғадр, хиёнат, зулму бедоди арбоби истибдод ва баёни бадбунёд гардид!

Пурсандаи ни пурсиш Шоҳмирзо ва ҷавобдиҳанда Шариф буд.

Дигарон ҳама якбора:

– Интиқоми Одинаҳоро аз золимон хоҳем гирифт! – гӯён ба роҳи омадаашон бозгаштанд.

Пас, маълум шуд, ки Одина баъд аз як моҳи он рӯзе, ки дар самоворхона бо Шариф суҳбат карда буд, вафот намудааст.

## ХОТИМА

Дар кӯҳистони тоҷик аз бозе ки таърих нишон медиҳад, бисёр зулму бедодиҳо ба кор рафт, бисёр хунҳо рехт, бимсёр хонаводаҳо парешон шуд. Мардуми тоҷики Кӯҳистон дар таърихи ҳаёти худ нисбат ба соири мардуми Осиёи Миёна харобиҳоро бисёртар диданд. Онҳо ҳамчуноне ки аз тарафи амиррони Бухоро ва амалдорони худ ҷавру бедод медиданд, инчунин аз дасти расму одат ва хурофот низ азобҳо мекашиданд. Дар ин роҳ бисёр Одинаҳо, бисёр Шарифҳо, бисёр Шоҳмирзоҳо, бисёр Сангинҳо, бисёр Гулбибиҳо, бисёр Бибиоишаҳо ва бисёр Гуландомҳо фидову қурбон гардиданд.

Агарчи инқилоби соли 1920 Бухоро ҳукумати амиронро аз сари онҳо бардошт, аммо барои пойдор кардани озодӣ чанин соли дигар муборизаи хунин давом кард. Қавми тоҷик аз ҳуҷуми босмачиён, ки фарзандо-



https://bikhon.tj/

ни баркамоли амири охирини Бухоро ва дастпарвардҳои ҷаҳонгирони хориҷӣ, буданд, харобиҳоеро дид, ки монандашро ҳам таърих нишон намедиҳад.

Оқибат тақсими ҳудуди миллӣ ки дар соли 1925 дар Осиёи Миёна ба амал омад, субҳи содиқи саодат ва озодиро аз уфуқи кӯҳистони тоҷик ҳам намоён гардид. Ҳукумати Шӯроии Ҷумҳурияти Мухтори Тоҷикистон[1], ки дар натиҷаи тақсимонти ҳудуди миллӣ барпо шуда буд., бо ёрмандии аскарони сурх ва деҳқонони фақири тоҷик босмачигариро хотима дода дар охири ин китоби фоҷиа «таммати билхайр[2]»-ро гузошт.

Имрӯз дар фазои софи кӯҳистони тоҷик аэропланҳо дар парвозанд, имрӯз дар камари пурпечу тоби кӯҳҳои Тоҷикистон автомобилҳо, автобусҳо дар ҳаракатанд ва зуд аст, ки оташаробаҳо ҳам дар байни кӯҳсор дар рафтор оянд. Имрӯз на танҳо дар шаҳрҳо, балки то ба қишлоқҳои тоҷик мактабҳо, сағирахонаҳо, беморхонаҳо, клуб, китобхона ва қироатхонаҳо боз шуда ва боз шуданианд. Имрӯз ба ҷойи калламанораҳо қуллаҳои– телеграфии бесим, дудкашҳои зовуди пахта ва дидбонҳои роҳи оҳанро тамошо мекунед.

Одина мурд, аз мурдан ва зистани Шарифу Шоҳмирзо хабаре надорем, лекин ин қадар ба мо маълум аст, ки монанди Одина, Шариф ва Шоҳмирзо ҳазорон фақирону мазлумони даври собиқ имрӯз дар роҳи тараққии хоҷагӣ ва маданияти шӯроии ватани озоди худ содиқона кор карда истодаанд.

---

[1] Тоҷикистон дар соли 1929 боз мустақилан ба қатори ҷумҳуриятҳои иттифоқи СССР даромада бошад ҳам, бинобар аҳамияти таърихиаш он чи дар ин маврид дар таърихи якуми хотима буд, ба ҳоли худаш монда шуд.

[2] Таммати билхайр – ибораи арабиест, ки маънои анҷоми кореро дорад.



https://bikhon.tj/

Гулбибиву Бибиоиша ва ҳазорҳо монанди инҳо қурбон шудаанд, лекин ҳоло Гулбибиҳо ва Бибиоишаҳое баромадаанд, ки дигар намегузоранд занони тоҷик қурбони расму одат ва асири панҷаи мардони бемурувват шаванд. Имрӯз ҳамчуноне ки мардумони фақири тоҷик ба корҳои худ соҳибихтиёранд, инчунин занони онҳо низ соҳибҳуқуқу озоданд.

Мумкин аст ҳоло ҳам дар миёни қавми тоҷик Арбоб Камолҳо, Мулло Хокироҳҳо ва Мулло Мардихудоҳо бошанд ва замин бар зарари мардуми тоҷик кор кунад. Лекин хотирҷамъ ҳастем, ки халқи меҳнатдӯсти сар дар чанбари зулм берункашидаи тоҷик дигар худро ба доми найранги онҳо нахоҳанд гирифтор кард ва вуҷуди нопоки ҳур гуна хоинро метавонанд аз дунё несту нобуд намоянд.

Хулоса, имрӯз Тоҷикистони Шӯроӣ гул кард, фардо ба олами Шарқ меваҳои ширин хоҳад дод.

*Самарқанд, солҳои 1924– 1925.*



https://bikhon.tj/

# МУНДАРИЧА

## Қисми якум

Одина .................................................. 3
Ҳисобӣ ................................................ 13
Фурсат ................................................ 19
Ҳиҷрон ................................................ 25
Ҳусни табиӣ ........................................ 31

## Қисми дувум

Зовуди пахта........................................ 37
Одина дар зовуд.................................. 45
Корпартоӣ............................................. 47
Ҳамдардон............................................ 51
Феврал – марти 1917 ........................... 58

## Қисми севум

Бозгашт ................................................ 67
Боздид .................................................. 74
Мурофиа .............................................. 79
Машварати сафар................................. 85
Сафар ва ҷудоӣ .................................... 90
Табобат бо «усули юнонӣ» ................. 95
Ёрмандии ногаҳонӣ ........................... 104
Духтур ................................................ 110

## Қисми чорум

Октябр ................................................ 114
Соли 1918 ............................................ 126
Кӯҳистони Бухоро .............................. 130
Шахси ношинос .................................. 137
Шариф ................................................. 149



https://bikhon.tj/

Гуландом ........................................160
Келинфурорӣ....................................164
Касали сохта....................................171
Дузд...................................................177
Хабар.................................................185
Хазон.................................................186
Хотима ..............................................188

**Садриддин Айнӣ**

**ОДИНА**
(повест)

Андоза 600х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 12,0.
Адади нашр 100 нусха.

https://bikhon.tj/